آوازتاجیك

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924).
«Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940).
«Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

31 октябри соли 2020. Шанбе
№ 79-80 (14679)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР АНҶУМАНИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДИИ ШИМОЛӢ ИШТИРОК КАРД




**Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Куриё Мун Чже Ин 30 октябр Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Анҷумани дуюми байналхалқии ҳамкории иқтисодии шимолӣ, ки дар шаҳри Сеул дар шакли конфронси видеоӣ баргузор шуд, иштирок кард ва суханронӣ намуд.**

Бояд қайд кард, ки ин чорабинӣ бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Куриё Мун Чже Ин баргузор мегардад. Ин дафъа дар кори он ҳамчунин сарони давлатҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Муғулистон иштирок карданд.

Мувофиқи рӯзномаи маҷлис масъалаҳои қаробати наздик ва аксуламали муштарак ба оқибатҳои манфии паҳншавии ҷаҳонии иллати коронавирус, ҳамчунин вусъати минбаъдаи ҳамкориҳои бисёрҷанба ҳамаҷониба баррасӣ шуданд.

Дар суханронии худ сарвари давлати мо махсус таъкид намуд, ки дар шароити мураккаби ҷаҳон ва буҳрони ҷаҳонӣ маҳз чунин мулоқоти бисёрҷанба имкони ба таҳдид ва хурӯҷҳои нав самарабахш мубориза бурда, ба таъмин сохтани эътидол, беҳбуд ва рушди устувори кишварҳои мо мусоидат намуданро фароҳам меорад.

Ба ин муносибат Президенти Ӯзбекистон доир ба масъалаҳои муҳими сиёсати байналхалқӣ ва пешомади ҳамкориҳои тарафайни минтақавӣ таваққуф кард.

Аз ҷумла, зарурияти ҳамкории қарин ва шарикии васеи байналхалқӣ дар мубориза ба муқобили COVID-19 таъкид гардид.

Идома додани кори муштарак бинобар самтҳои асосӣ, аз ҷумла оид ба коркарди ваксинаҳо ва зардобҳои самарабахш, низомҳои ташхиси зуд ва дақиқи беморӣ дар пояи кластери дорусозӣ, ки якҷо бо ширкатҳои куриёӣ сохта мешаванд, таклиф карда шуд.

Ғайр аз ин муҳимияти бунёди лабораторияҳои замонавӣ ва бозсозии нуқтаҳои назорати санитарӣ дар сарҳадҳои мо, тайёр кардани шифокорони соҳибихтисос, бунёди корхонаҳо оид ба истифодаи партовҳои тиббӣ, ҷорӣ намудани низомҳои қаробати мониторинг ва пешгӯии саривақтии вазъиятҳои эпидемиологӣ дар минтақа таъкид гардид.

Роҳбари давлати мо махсус таъкид сохт, ки дар Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Куриё ба сифати яке аз интиқолдиҳандагони асосии технологияҳои рақамӣ ва «сабз» баҳо медиҳанд.

Изҳор гардид, ки Ӯзбекистон дар Ҳамоиши байналхалқии шарикӣ барои рушди «сабз» ва мақсадҳои ҷаҳонӣ то соли 2030-юм, ки соли оянда дар Сеул баргузор мегардад, фаъолона иштирок хоҳад кард.

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

(Давомаш дар саҳ.2).

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР АНҶУМАНИ ДУЮМИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДИИ ШИМОЛӢ

**Муҳтарам ҷаноби Раис!**
**Муҳтарам сарони ҳайатҳо!**
**Иштирокдорони анҷуман!**
**Хонумон ва ҷанобон!**

Ман аз он басо қаноатманд мебошам, ки тамоми иштирокдорони Анҷумани дуюми байналхалқии ҳамкории иқтисодии шимолиро шодбош мегӯям.

Ба Волоҳазрат Президенти Ҷумҳурии Куриё ҷаноби Мун Чже Ин барои даъваташ баҳри иштирок дар ин чорабинии муҳими бахшида ба масъалаҳои якҷо паси сар намудани оқибатҳои пандемияи коронавирус ва вусъат додани ҳамкории мо ташаккур мегӯям.

Дар шароити вазъи мураккаби ҷаҳон ва буҳрони умумӣ маҳз чунин мулоқоти бисёрҷанба имкон медиҳад, ки муқовимат бо таҳдид ва хурӯҷҳои нав самарабахш сурат гирифта, ба таъмин сохтани эътидол, беҳбуд ва рушди устувори кишварҳоямон мусоидат намояд.

**Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!**

Мо дар Ӯзбекистон ба «Сиёсати нави шимолӣ»-и Президенти Ҷумҳурии Куриё, ки ба таъмин сохтани амният ва амиқ гардонидани ҳамкориҳои бисёрҷанба дар соҳати васеи Авроосиё мусоидат менамояд, баҳои баланд медиҳем.

Мехостам ба баъзе ҷиҳатҳои муҳими сиёсати минтақавӣ ва пешомади ҳамкориҳои тарафайни мо мухтасар таваққуф намоям.

**Якум**. Паҳншавии ҷаҳонии COVID-19 зарурияти ҳамкории қарин ва ҳамраъии васеи байналхалқии давлатҳои минтақаро собит кард.

Ба шарикони куриёӣ ва дигар ҳамкорони мо барои дастгириашон дар мубориза алайҳи ин иллат дар Ӯзбекистон миннатдорӣ баён мекунам.

Мо бинобар самтҳои зерин кори муштаракро пешниҳод менамоем:

– коркарди ваксинаҳо ва зардобҳои самарабахш, низоми ташхиси зуд ва дақиқи бемориҳо дар пойгоҳи кластери дорусозӣ, ки якҷо бо ширкатҳои куриёӣ бунёд карда мешаванд;

– созмон додани лабораторияҳои замонавӣ ва бозсозии нуқтаҳои назорати санитарӣ дар сарҳадҳои мо;

– тайёр кардани духтурони эпидемия ва вирусшинос бо иштироки мактабҳои олии пешқадами Ҷумҳурии Куриё;

– ташкил кардани корхонаҳо оид ба истифодаи партовҳои тиббӣ;

– ҷорӣ намудани низоми қаробати мониторинг ва ташхиси ибтидоии вазъи эпидемиологӣ дар минтақа.

**Дуюм.** Мо дар кишварамон ба Ҷумҳурии Куриё ба сифати яке аз интиқолдиҳандагони асосии технологияҳои рақамӣ ва «сабз» баҳо медиҳем.

Ҳоли ҳозир бо иштироки ширкат ва бонкҳои машҳури Куриё дар Ӯзбекистон даҳҳо лоиҳаҳои бузург дар соҳаҳои технологияи баланд татбиқ карда мешаванд.

Мо ният дорем, ки минбаъд низ фаъолияти сармоягузорони куриёиро ҳамаҷониба дастгирӣ кунем ва рағбатнок намоем.

Ҳамчунин тайёрем дар Ҳамоиши байналмилалии шарикӣ барои рушди «сабз» ва мақсадҳои ҷаҳонӣ то соли 2030-юм, ки дар шаҳри Сеул баргузор мегардад, фаъолона иштирок кунем.

**Сеюм.** Мунтазам татбиқ сохтани «Сиёсати нави шимолӣ» зарурияти рушди гузаргоҳҳои самарабахши минтақавии нақлиётиро мушаххас намуд.

Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи ба роҳ мондани хатсайрҳои Шоҳроҳи транссибир ва гузаргоҳи «Аврупои Ғарбӣ – Чини Ғарбӣ» бо лоиҳаи роҳҳои нави оҳан дар минтақаи мо меравад.

Дар чунин шароит Нимҷазираи Куриё метавонад пули муҳимтарини коммуникатсионие гардад, ки Минтақаи Укёнуси Оромро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ пайвандад.

Дар сатҳи коршиносӣ баррасӣ намудани ин имкониятҳои нодирро пешниҳод менамоем.

**Чаҳорум.** Дар таҳкими шарикии мо Анҷумани «Осиёи Марказӣ – Ҷумҳурии Куриё» нақши муҳим мебозад.

Дар доираи он ташаббус ва лоиҳаҳои нав татбиқ мегарданд, ҳамкориҳои муфиди тарафайн дар соҳаҳои сармояҳо, инноватсияҳо, нақлиёт, нигаҳдории тандурустӣ, таълим ва фарҳанг вусъат пайдо мекунанд.

Баробари ин алҳол зарурияти воқеии дар ҳамкориҳои тарафайни мо ҷорӣ намудани дараҷаи нав, дараҷаи беш аз пеш баланд ва гузаронидани ҷамъомади Анҷуман бо иштироки сарони ҳукумати давлатҳои мо ба миён омадааст.

Бовар дорам, ки мо якҷо Анҷумани «Осиёи Марказӣ – Ҷумҳурии Куриё»-ро ба механизми муассири пешбурди барнома ва лоиҳаҳои афзалиятнок табдил медиҳем.

**Панҷум.** Ӯзбекистон саъю кӯшишҳои фаъоли Президент Мун Чже Инро бинобар муваффақ шудан ба сулҳи мустаҳками Нимҷазираи Куриё ҳамаҷониба дастгирӣ мекунад ва онҳоро ҳамчун саҳми муҳим бинобар таъмин сохтани амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ баррасӣ менамояд.

Дар Осиёи Марказии мо бобати фароҳам овардани минтақаҳои аз силоҳи ядрои озод таҷрибаи нодир ғун шудааст.

Шартномаи дахлдори дар ин бобат пешниҳоднамудаи Ӯзбекистон аз ҷараёни мураккаби ҳамдилии байни иштирокдорон гузашт ва кафолати зарурии кишварҳои бузурги ядроиро ба даст овард.

Алҳол ин механизми самарабахши сиёсиву ҳуқуқӣ таъмин сохтани амнияти ядроӣ дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

Барои мубодилаи васеи таҷриба баргузор намудани Анҷумани байналхалқии коршиносиро оид ба масъалаҳои даст кашидан аз силоҳи ядроӣ, созмон додани минтақаҳои аз силоҳи ядроӣ озодро пешниҳод менамоем.

**Муҳтарам хонумон ва ҷанобон!**

Ҷумҳурии Куриё ҳамкори махсус, шарики муътамади стратегии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба шумор меравад.

Таърихи робитаҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангии кишварҳои мо ҳазорсолаҳои бисёрро дар бар мегирад.

Ин муносибатҳои дӯстона ба қаробати менталитетҳо, суннатҳои миллӣ ва урфу одатҳои мардуми мо асос мекунанд.

Омили муҳиме, ки алоқаҳои мустаҳками моро пойдор мекунад, ин дар Ӯзбекистон зисту зиндагӣ кардани намояндагони зиёди куриёӣ мебошад.

Ин шаҳрвандони мо дар рушди мамлакат саҳми сазовор мегузоранд.

Дар хотима мехостам изҳори эътимод намоям, ки Анҷумани кунунӣ барои рушди ҳамкориҳои дарозмуҳлат ва бисёрҷанбаи кишварҳои мо ба манфиати сулҳ ва шукуфоии тамоми минтақа пешомадҳои навро боз мекунад.

Барои эътиборатон ташаккур.

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ МИНБАЪД ВУСЪАТ ДОДАНИ ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ СОДИРОТӢ

Бо мақсади таъмин сохтани эътидоли макроиқтисодӣ дар даврони кунунӣ рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ аз тариқи зиёд кардани ҳаҷми содирот, рағбатноксозии иловагии молиявӣ ва ташкилии расондадиҳандагони маҳсулоти тайёр, ҳамчунин иҷрои вазифаҳое, ки дар Барномаи давлатӣ доир ба татбиқ намудани Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти бартариноки рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021 дар «Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ», муайян шудаанд:

1. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он ба содиргарон, аз ҷумла ба навъҳои асосии фаъолияте, ки миёнравии тиҷоратӣ ба шумор меравад, **Бунёди давлатӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ** ба муҳлати то 1 январи соли 2022-юм:

а) ҷубронпулӣ бинобар вомҳое, ки барои бо маблағтаъминкунии пешазсодиротӣ ҷудо карда мешавад, аз ҷумла маблағҳои муомилавӣ, новобаста аз миқдори фоиз ва ҳаҷми вомҳое, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар ҳаҷми:

**то 50 фоизи** хароҷоти фоизӣ бинобар вомҳо **дар асъори миллӣ**, вале на бештар аз **10 зинаи фоизӣ**;

**то 50 фоизи** хароҷоти фоизӣ бинобар вомҳо дар асъори хориҷӣ, вале на бештар аз **5 зинаи фоизӣ** муқаррар кардаанд;

б) пешниҳоди кафолат бинобар воми бонкҳои тиҷоратӣ, ки барои бомаблағтаъминкунии пешазсодиротӣ, аз ҷумла маблағҳои муомилавӣ, дар ҳаҷми **то 50 фоиз** аз миқдори вом, вале на бештар аз **8 миллиард сӯм** ҷудо мекунад;

(Давомаш дар саҳ.3).

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ТАШКИЛИ НИЗОМИ СИФАТАН НАВИ ТАРБИЯИ КАДРҲО ДАР СОҲАИ ТИББИ ҲАРБӢ

Дар кишвар созмон додани системаи самарабахши тандурустӣ, ки ҳифз ва беҳбудии саломатии аҳолиро таъмин мекунад, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ барои тарбияи насли солим самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат мебошанд.

Дар доираи ислоҳоти васеъмиқёси дар соҳаи тиб татбиқшаванда маҷмӯи чорабиниҳо оид ба тадриҷан навсозии таълими миллии тиббӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии таълим ва технологияҳои пешрафтаи иттилоотию коммуникатсионӣ дар ин самт, гузаронидани таҳқиқоти илмӣ оид ба мушкилоти мубрами ҳифзи саломатии аҳолӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар баробари ин, як қатор мушкилот боқӣ мондаанд, ки ба тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси системаи тибби ҳарбӣ халал мерасонанд. Аз ҷумла:

(Давомаш дар саҳ.3).

## Низоми таълиму тарбия:

# ЗИНАИ НАВИ ТАРАҚҚИЁТ БАРРАСӢ ГАРДИД

***Зери раёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 30 октябр ҷамъомади видеоселекторӣ бахшида ба масъалаҳои такомули низоми таълим ва тарбия, тезондани инкишофи илм дар мамлакат баргузор гардид.***

Тавре ки роҳбари давлат дар баромади худ ба муносибати Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён таъкид намуд, илм, таълим, тарбия – ин ҳалқаи асосии тараққиёт, нерӯе мебошад, ки иқтидори мамлакатамонро меафзояд.

Аз ин рӯ дар Ӯзбекистон барои рушди маҷмӯии низоми таълим, тарбияи кадрҳои баландмалака кӯшиш ва маблағи назаррас равона карда мешавад. Тағйироти сифатнок дар низомҳои таълими томактабӣ, мактабӣ ва олӣ, инчунин дар фаъолияти муассисаҳои илмиву тадқиқотӣ ба вуқӯъ мепайванданд.

– Мо мардуме мебошем, ки ба омӯзиши илм азм дошту ҳамеша муаллимро қадр ва эҳтиром мекард. Вақте ки дар бораи муаллим, мураббӣ сухан мегӯям, ба худ шахсони бароям муҳтарам ва азизро тасаввур менамоям, ки зиёиву замонавӣ, самимиву меҳрубон мебошанд. Зеро маҳз педагог ҳамаи моро омӯзонда, ба мо дар баробари падару модаронамон тарбия додааст, – гуфт роҳбари давлат дар аввали ҷамъомад.

– Имрӯз мо барои давраи нави тараққиёти Ӯзбекистон хишти аввал мегузорем. Дар ин ҷараён мададрасони аввалини мо – муаллимон ва мураббиён, зиёиёни илмӣ ва эҷодӣ мебошанд.

Таъкид шуд, ки ҳаёти ҳар як оила, ҳар як кӯдак бо мактаб алоқаи зич дошта, масъалаи мактаб барои давлат, барои тамоми ҷамъият кори дараҷаи аввал ба шумор меравад.

– Ҳамаи мо ба омӯзгорон ва мураббиён неъмати беҳтарини худ – ҳаёт ва тақдири фарзандони азизамонро бовар менамоем. Аз ин рӯ, ҳамаи мо бояд ба ин одамони шоиста, ки ин давлати беназири моро ҳифз намуда,ояндаро эҷод менамоянд, эътибори бояду шояд диҳем, – гуфт Президент.

Дар ҷамъомад таъкид шуд, ки натиҷабахшии ҷараёнҳои ҷории модернизатсия, муваффақияти ислоҳот ва бозсозиҳо аз таълими мактабӣ ва тарбияи кадрҳои форматсияи нав вобаста мебошад. Аз ин рӯ бисёр чиз аз директорони мактаб ва муаллимон – шахсони шуҷоатманде, ки соҳибони дониш, маданият ва маънавият дар шаҳру деҳот мебошанд, вобаста аст. Мактаб бояд натанҳо муассисаи таълимӣ бошад, балки маркази маданият ва заковати маҳалла низ гардад.

Тавре ки маълум аст, бо мақсади такомули минбаъдаи низоми таълим ва тарбия, афзудани инкишофи илм дар мамлакат лоиҳаи фармони марбути Президент таҳия гардида буд. Ҳуҷҷат дар портали regulation.gov.uz ҷойгир карда шуда, дар тамоми минтақаҳо, шӯроҳои маҳаллӣ ва ҷамоаҳои мактабӣ бо иштироки падару модарон васеъ муҳокима гардид.

Дар лоиҳаи фармон мақсадҳое муайян карда шудаанд, ки даст ёфтан ба онҳо масъалаҳои имрӯзаи соҳаи таълимро ҳал менамояд ва ҳамчунин барои панҷ соли наздик натиҷаҳои чашмрас ва нуқтаҳои рушдиояндаро мушаххас менамояд.

Аз ҷумла, роҳи мушаххаси ҳалли чунин масъалаҳо – мисли баланд бардоштани нуфуз ва мақоми муаллим дар ҷамъият, комилан таҷдиди назар намудани барномаҳои таълимӣ ва методии мактаб, вобаста намудани таълими мактабӣ бо марҳалаиояндаи таълим, ба вуҷуд овардани шароит ва рағбатноксозии муаллимон барои такмили худ, озод намудани онҳо аз корҳои зиёдатии коғазбозӣ, беҳсозии инфрасохтор ва муҳити маънавии мактаб пешниҳод мегарданд.

Тағйироти куллии бархурди роҳбарон дар маҳалҳо ва шӯроҳои маҳаллӣ ба масъалаи мазкур, татбиқи механизмҳои ҷавобгарӣ ва ҳисоботдиҳӣ нақши муҳим дорад.

Дар ҷамъомади видеоселекторӣ масъалаҳои соҳаи таълим ва вазифаҳои баланд бардоштани сифати таълим муҳокима гардиданд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки дар навбати аввал сарбории таълимӣ ва миқдори дарсҳо дар мактаб таҷдиди назар гардида, методикае ба вуҷуд оварда шавад, ки на ба аз ёд кардани матлаб, балки дар хонандагон ангехтани ҳисси муҳокимаронӣ ва таҳлил нигаронда шуда бошад.

Ба тариқи мисол таҷрибаи Финландия ба забон гирифта шуд. Ин яке аз мамлакатҳои пешқадами ҷаҳон аз рӯи дараҷаи умумии саводнокӣ, илмҳои табиӣ ва математика ба шумор меравад.

– Агар методикаи таълимро дар мактаб тағйир надиҳем, на сифати таълим, на мазмун, на муҳит тағйир меёбад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

(Давомаш дар саҳ.2).

# Низоми таълиму тарбия: ЗИНАИ НАВИ ТАРАҚҚИЁТ БАРРАСӢ ГАРДИД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аҳамияти таълим ва татбиқи беҳтарин китобҳои таълимӣ ва усулҳои таълимии ҷаҳон дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ дар ҷиҳати омӯзиш ва татбиқи онҳо таъкид гардид. Ба Вазорати таълими халқ таҳия намудани Барномаи таълими миллиро дар асоси таҷрибаи андӯхташуда ва оғоз намудани татбиқи озмоишии он дар ҷараёни таълим эътиборан аз соли хониши 2021/2022 супурда шуд.

Барои роҳандозии босамари методикаи нав тамоми муаллимони мактабҳо аз тариқи видеоалоқа бо иштироки мутахассисони хориҷӣ таълим мегиранд. Ҳамзамон ба ин ҷараён донишгоҳ ва донишкадаҳои педагогӣ ҷалб мегарданд, методикаи тарбияи кадрҳои педагогӣ нав карда мешавад. Инчунин беҳтарин китобҳои дарсии хориҷӣ аз рӯи фанҳои мактабии математика, физика, кимё, биология ва информатика омӯхта мешаванд.

Президент ба ҳокимон ҷавобгарии шахсии онҳоро дар ҳалли чунин масъалаҳои хоҷагии мактаб мисли таъмир, ободонӣ ва гармсозӣ ёдрас намуд. Ба аҳамияти ҷалби хатмкунандагоне, ки ба мактабҳои олӣ дохил шуда натавонистаанд, ба машғулоти касбӣ ё худ соҳибкорӣ ишора гардид.

Бинобар ин аз соли оянда ҷорӣ намудани таҷрибаи омӯзиши шавқ ва ҳалқа ба ҳалқа муайян намудани касб интихоб намудани хонандагон эътиборан аз синфи 7 ба нақша гирифта шудааст. Ба мактабҳо корхонаҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ ва хидматрасонӣ вобаста карда мешаванд.

Таъкид шуд, ки рейтинги мактабҳо таҳия гардида, дар асоси он рейтинги сифати таълим дар қисмати ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо тартиб дода шавад. Аз рӯи натиҷаи рейтинг ба фаъолияти директорони мактабҳо ва муовинони онҳо, муаллимон, ҳокимон ва мушовирони онҳо оид ба таълим баҳо гузошта мешавад.

Ба директорони мактабҳое, ки аз рӯи рейтинг ба панҷгонаи аввал афтидаанд, аз буҷети маҳаллӣ изофапулӣ пардохта мешавад. Аз ҷумла, ба директорони мактабҳо ва муовини онҳо аз 3 то 12 баробари миқдори камтарини музди меҳнат пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ дода мешаванд. Ғайр аз ин ба роҳбарон ва услубшиносони шуъбаҳои таълими халқ, директорон ва ду нафар беҳтарин муаллимони мактабҳо, ки дар рейтинги ноҳия ду ҷойи аввалро ишғол намудаанд, ҳар сол роҳхати бепули дуҳафтагӣ ба санатория аз ҳисоби иттифоқи касаба пешниҳод карда мешавад. Инчунин дигар намудҳои рағбатноксозии муаллимони шуҷоатманд дар назар дошта шудааст.

Дар ҷамъомад ба масъалаҳои баланд бардоштани малакаи муаллимон эътибори алоҳида дода шуд.

Ҳоло муаллимон дар ҳар панҷ сол як дафъа аз курси такмили ихтисос мегузаранд, кадрҳои роҳбарикунанда – дар се сол як бор. Аммо ин барои пурра фарогирии тамоми муаллимон кифоя намекунад. Бинобар ин соли ҷорӣ тамоми 11 ҳазор муаллимони мактабҳои вилояти Сирдарё ба тариқи озмоиш аз курсҳои фосилавии такмили ихтисос мегузаранд.

Соли оянда таълими фосилавӣ барои муаллимони вилоятҳои Бухоро, Самарқанд, Фарғона ва шаҳри Тошканд ташкил карда мешавад. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд чун мактаби олии пойгоҳӣ дар бобати такмили ихтисоси муаллимон муқаррар карда мешавад. Институти бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси роҳбарон ва мутахассисони низоми таълими халқ ба номи А. Авлонӣ чун институти тадқиқотӣ доир ба омӯзиши амиқи проблемаҳои таълим фаъолият хоҳад намуд.

Ногузирии таҷдиди назари куллии тартиби муайян намудани тоифаи муаллимон таъкид шуд.

Ҳоло беш аз 490 ҳазор муаллимоне, ки дар низоми таълими халқ кор мекунанд, 4 фоизашон соҳиби тоифаи олӣ, 15 фоизашон соҳиби тоифаи якум мебошанд. Низоми ҷории аттестатсия, ки аз 4 марҳила иборат аст, аз ҳад зиёд хусусияти бюрократӣ дорад.

Бинобар ин ба шахсони масъул супурда шуд, ки тартиби тоифадиҳиро содда намуда, ба низоми думарҳилагӣ гузаронда шавад, ки барои баҳо додан ба дониши муаллимон дар тӯли тамоми сол имконият фароҳам меорад.

Боз як масъала ин аст, ки баъзе мактабҳо аз сабаби сифати пасти таълим ва нокифоии пойгоҳи моддиву техникӣ пурра фаъолият намебаранд. Ҳамин тариқ дар 32 мактаби шаҳри Тошканд дараҷаи фарогирии хонандагон паст мебошад.

Бинобар ба вуҷуд овардани шароити зиёд барои муассисаи таълимии хусусӣ дар мамлакатамон пешниҳод шудааст, ки соли оянда ба тартиби озмоиш мактабҳои пурра банд нагардида ба идоракунии боварибахши талабгорони салоҳиятнок дар асоси озмун дода шавад.

Инчунин масъалаҳои татбиқи менеҷменти замонавӣ дар мактабҳо ба забон гирифта шуд. Минбаъд директорони мактабҳо ба вазифа дар асоси озмун бо ҳамоҳангсозии бевосита бо шӯроҳои маҳаллӣ таъин карда мешаванд. Ҳар як номзад бояд барномаи худро дар бобати баланд бардоштани нишондодҳои мактаб дар тӯли се соли оянда пешниҳод намояд ва ҳар сол дар назди шӯроҳо ҳисобот диҳад.

Мақсади асосии ин чорабиниҳо ташкил намудани кори босамари мактаб, сарфи назар кардани дахолати ғайриқонунӣ ба кори директорон ва бартарафсозии омадурафти кадрҳо мебошанд.

Мактаб ин натанҳо муассисаи таълимӣ, инчунин ҷое мебошад, ки дар он тарбияи маънавиву ахлоқӣ дода мешавад. Роҳбари давлат ногузирии ба ин кор ҷалб намудани шоиру нависандагони маҳаллиро таъкид намуд, ки музди моҳонаи фаъолияти онҳо аз фонди директорони мактабҳо ва буҷетҳои маҳаллӣ пардохта шавад.

Дар соҳаи таълими олӣ рақобати солим ба вуҷуд овардан муҳим мебошад, ҳадди ақалл дар ҳар як минтақа якто мактаби таълими олии ғайридавлатӣ ташкил карда шавад.

– Масъалаҳои имрӯз муҳокимагардида аз роҳбарони тамоми дараҷаҳо – аз директорони мактабҳо то Сарвазир – дараҷаи баланди масъулиятро тақозо менамояд. Ин, дар назари аввал кори назарногир, манбаи хеле нерӯманде мегардад, ки дар 10-15 соли наздик қодир аст намуди тамоми мамлакат ва давлатро куллан дигаргун созад, – гуфт Президент.

Ба аҳли парлумон ва депутатҳои шӯроҳои маҳаллӣ тавсия гардид, ки тағйиротро дар низоми таълим то аҳолӣ расонанд ва ҳисси дахлдориро баланд бардошта, иҷрои фармонро пас аз қабули он зери назорат гирифта, бо таҷрибаи худ кӯмаки амалӣ расонанд.

Дар ҷараёни ҷамъомад ҳокимон, ректорҳои муассисаҳои таълими олӣ, директорони мактабҳо ва муаллимон дар бобати баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълим фикрҳои худро баён намуданд.

**ӮзА.**



*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Namangan Tola-Tekstil» ба коркарди чигити пахта махсусонда шудааст. Дар корхона миқдори ашёи хоми рӯзона 200 тоннаро ташкил менамояд. Аз ин ашёи хом равғани пахтаи қадоқшуда, шроти пахта ва собуни хоҷагӣ истеҳсол мешавад. Айни замон дар ин ҷо 310 нафар меҳнат мекунанд.*

***Дар сурат:** дар ҶММ «Namangan Tola-Tekstil»-и ноҳияи Намангон.*

***Суратгир: Ҳ.МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР АНҶУМАНИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДИИ ШИМОЛӢ ИШТИРОК КАРД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Муҳимияти махсуси рушди самарабахши гузаргоҳҳои минтақавии нақлиётӣ таъкид шуд. Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи дастгирӣ намудани хатсайрҳои Шоҳроҳи транссибир ва гузаргоҳи «Аврупои Ғарбӣ – Чини Ғарбӣ» бо лоиҳаи роҳҳои нави оҳан дар минтақаи мо меравад. Зарурияти воқеии ба дараҷаи нав, дараҷаи беш аз пеш баланд, ба роҳ мондани ҳамкориҳои тарафайн дар доираи ин шакл ва баргузор намудани ҷамъомади анҷуман бо иштироки сарони ҳукуматҳо зикр шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев саъю кӯшишҳои фаъоли Президент Мун Чже Инро бобати муваффақ шудан ба сулҳи мустаҳкам дар Нимҷазираи Куриё ҳамчун саҳми муҳими ӯ дар таъмин сохтани амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ махсус таъкид сохт.

Барои мубодилаи васеи таҷриба баргузор намудани Анҷумани байналхалқии коршиносӣ оид ба масъалаҳои даст кашидан аз яроқи ядроӣ, созмон додани минтақаҳои аз силоҳи ядроӣ озод пешниҳод гардид.

Дар анҷоми суханронии худ роҳбари давлати мо таъкид сохт, ки Ӯзбекистон ва Куриёи Ҷанубӣ шарикони махсуси стратегӣ ба шумор мераванд, таърихи муносибатҳои мо бошад чандин ҳазорсолаҳоро дарбар мегирад.

Изҳори эътимод карда шуд, ки анҷуман барои рушди ҳамкориҳои дарозмуҳлат ва бисёрҷанбаи кишварҳои мо ба манфиати сулҳ ва шукуфоии тамоми минтақа пешомадҳои нав боз мекунад. Мувофиқи барномаи чорабинӣ дар анҷуман президентҳои Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев ва Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов баромад карданд, номаи Президенти Муғулистон Халтмаагийн Баттулға қироат карда шуд.

**ӮзА.**

# ӮЗБЕКИСТОН ДАР САТРИ НУҲӮМИ РЕЙТИНГИ БЕХАТАРТАРИН КИШВАРҲОИ ҶАҲОН

Мувофиқи Индекси ҷаҳонии волоияти қонун Ӯзбекистон бинобар дараҷаи бехатарӣ байни кишварҳои пешрафта дар ҷои нӯҳум қарор гирифт, хабар медиҳад Агентии иттилоотии «Дунё».

Countries/Areas With **Highest** Law and Order Index Scores

| Countries/Areas | Law and Order Index |
|---|---|
| Singapore | 97 |
| Turkmenistan | 97 |
| China | 94 |
| Iceland | 93 |
| Kuwait | 93 |
| Norway | 92 |
| Austria | 92 |
| Switzerland | 92 |
| Uzbekistan | 92 |
| United Arab Emirates | 92 |

GALLUP WORLD POLL, 2019

Таҳлилро донишкадаи бонуфузи оид ба омӯзиши афкори умуми Gallup's-и Амрико гузаронидааст. Бинобар маълумоти он ба ғайр аз Ӯзбекистон Сингапур, Туркманистон, Чин, Исландия, Кувайт, Норвегия, Австрия ва Шветсия аз сатри нуҳӯм ҷой гирифтаанд.

Афғонистон дар хатти поёнтарини рейтинг қарор дорад. Он ҳамагӣ 43 хол ба даст овард.

Натиҷаҳо дар асоси пурсиши байни аҳолии кишварҳои мухталиф тартиб дода шудаанд. Ба пурсидашудагон саволҳо дар бораи эътимод ба полис, шабона дар кӯчаҳо гашту гузор кардан бехатар аст ва ғайраҳо дода шуданд.

**ӮзА.**

## ХАБАРҲО

### Роҳи васеъ ба сармоя

***Ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки воридсозии сармоя ба кишвар, рағбатноксозии фаъолияти содиргарон ва пуштбонии ҳарҷонибаи онҳо аз вазифаҳои муҳими Вазорати инвеститсия ва савдои хориҷӣ мебошад, ки январи соли 2019 таъсис ёфтааст.***

Аз ҷониби ҳамин вазорат бо иштироки ҳамкорон аз Чин ва Куриёи Ҷанубӣ видеоконфронс бо тарзи онлайн рӯи кор омад. Реҷа ва лоиҳаҳои иловагие, ки ба пешравии кор нигаронида шудаанд, дида баромада шуданд. Бо иштироки чиноӣ ва куриёиҳо зарурияти ташкил намудани кооператсияҳои байниидоравӣ таъкид ёфт. Солҳои 2017-2019 оиди ҳамкориҳои сармоявӣ бо Чин 5-то «харитаи роҳ» таҳия шуда бошад, қисме аз лоиҳаҳои экспортбоб бо сабабҳои гуногун амалӣ нагаштанд, гуфта шуд дар чорабинӣ. Зарур аст лоиҳаҳо муштарак ва дар таркиби як «харита» муттаҳид карда шаванд.

Дар видеоконфронс нуқтаҳои нави сабзиши ҳамкориҳо муайян ва нақшаҳои истиқболӣ дида шуданд. Гуфта шуд, ки алҳол Ӯзбекистон ба ҶМЧ ба андозаи 1,6 млрд. доллар маҳсулот барорад, соли 2025 ин рақам ба 3 млрд хоҳад расид.

### Норасоиҳо зикр ёфтанд

***Ҷамъомади видеоселекторие, ки дар Вазорати дастгирии маҳалла ва оила баргузор гашт, вазъи иҷтимоӣ ва тарзи зисти аҳолӣ дар як қатор вилоятҳои ҷумҳуриро таҳти гуфтугӯи ҷиддӣ қарор дод.***

Дар масъалаи таъмин бо шуғл, истифодаи оқилона аз қитъаҳои наздиҳавлӣ, аз камбағалӣ раҳосозии аҳолӣ ҳанӯз норасоиҳо зиёданд. Ҳисоботе, ки аз нуқтаҳои гуногуни ҷумҳурӣ дар ин самт пешниҳод мегарданд, мисле муқобили якдигар қарор доранд, яъне дар қисме аз маҳаллаҳо оилаҳо ҳамон дар вазъи ночор умр ба сар мебаранд. Яке аз сабабҳои асосии ин ҳолат дар давраи пандемия барои кор ба хориҷ баромада натавонистани шаҳрвандон. Ин гуна ашхос 551 ҳазор нафарро ташкил менамоянд, таъкид ёфт дар ҷамъомад. Мигрантҳо ба ғамхорӣ ниёз доранд. Бояд тарзи зисти онҳоро омӯхт, барои шуғли мувофиқ пайдо кардан ва малакаи корӣ ҳосил кардан роҳ нишон дод. Кор бо мигрантҳо ва занону духтарони ниёзманд, хусусан дар вилоятҳои Қашқадарё, Намангон, Ҷиззах, Тошканд ва пойтахти мамлакатамон мувофиқи матлаб нест. Дар назди кадрҳо ва масъулони маҳаллӣ вазифа гузошта шуд, ки дар иҷрои вазифаҳое, ки ҳаллашон таъхирнопазир, ба лоқайдию саҳлангорӣ роҳ нагузоранд.

### Натиҷаи сафари Сарпрокурор ба Хоразм

***Чанд моҳ пеш Сарпрокурори ҷумҳурӣ ба вилояти Хоразм рафта, ба рафти кор дар бозор ва маҷмӯъҳои тиҷоратӣ шинос ва аз вазъе, ки ба чашм мерасад, қаноат ҳосил накарда буд.***

Мутасаддиён ва роҳбарони секторҳо вазифадор карда шуданд норасоиҳо дар бозорҳоро зуд бартараф намоянд. Маъмурияти бозорҳо ба пойтахт сафарбар шуда, таҷрибаи бозорҳои Тошкандро омӯхтанд. Инак, дар бозорҳои вилояти зикршуда вазъ акнун куллан дигар ва растаҳои бо нархҳои арзон маҳсулотфурӯши «Элга хизмат» дар хидмати харидорон. Талаботи карантин риоя, ҳолати санитарӣ-гигиенӣ беҳтар гашт, тарозуҳои санҷишӣ ва банкоматҳо гузошта шудаанд, шиори «Аз саҳро – ба дастархон» амал карда ва аҳолӣ аз нархҳои ҳамёнбоб мамнун. Танҳо дар анбори яхдондори корхонаи омода ва ғунсозии меваю сабзавоти Қӯшкӯпир 500 тонна картошка, 200 тонна пиёз, 20 тонна гӯшт, 500 тонна биринҷ нигоҳ дошта мешавад.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Барномаи давлатии «Ҷавонон – ояндаи мо» дар ҳарҷониба дастгирӣ сохтани соҳибкорон, ҷалби фаъолонаи онҳо ба тиҷорат, ташкил сохтани ҷойҳои нави корӣ аҳамияти муҳим касб менамояд.*

*Корхонаи оилавии «Buston Shoh Mebel» соли 2018 дар доираи Барномаи давлатии «Ҷавонон – ояндаи мо» фаъолияти худро ба роҳ гузошт. Корхона аз ҳисоби асбобу ускунаҳои замонавие, ки аз Чин оварда шудаанд, муҷаҳҳаз гашт. Айни ҳол ба мебелҳои сифатноке, ки дар ин ҷо истеҳсол мешаванд, аз ҷониби аҳолӣ ва ташкилотҳо фармоишоти зиёд меафтанд.*

*Дар корхонаи оилавӣ 8 нафар меҳнат мекунанд. Оянда истеҳсоли тирезаҳои алюминӣ, дарҳои чӯбин, дарвозаҳои оҳанин ба нақша даромадааст.*

***Дар сурат:** дар корхонаи оилавии «Buston Shoh Mebel»-и ноҳияи Элликқалъа.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).***

***Ходимони шуъбаи вазъиятҳои фавқулоддаи ноҳияи Учтеппаи пойтахт бо ҳамкории корхонаи «Ҳудудгаз тармоқлари» ва ҷамъияти бехатарӣ аз сӯхтори ноҳия дар хонадонҳои аҳолӣ назорати техникиро оиди тайёрӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон ба роҳ мондаанд.***

# ТАЙЁРӢ БА МАВСИМ – ДАР АВҶ

Рӯзҳои охир дар хонадонҳои маҳаллаи Дегрез ҳолати мӯриҳо ва ускунаҳои газро аз назар гузарониданд. Мувофиқи санҷиши гузаронидашуда дар 3 хонадон ускунаи носози газ аниқ шуд ва онро таъмир намуданд. 1 мӯрии хонаи гармидиҳиро тоза карда, ба ҳолати муътадил оварданд. Ҷамъ 286 хонадон аз назорат гузаронида, бо 2132 шаҳрванд корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда шуд.

Инчунин ходимони соҳа дар объектҳои ноҳияи Учтеппа, ки корҳои сохтмон ва таъмир бурда мешавад, оиди пешгирии вазъиятҳои фавқулодда суҳбатҳои ташвиқотӣ мебаранд. Онҳо барои пешгирии ҳолатҳои нохуш вагонҳои барои зисти муваққатии сохтмончиён гузошташударо аз назар гузаронида, ба бошандагони он маслиҳатҳои муфид доданд.

**Фахриддин ҚӮЛДОШЕВ,**
**инспектори шуъбаи профилактика ва назорати вазъиятҳои фавқулоддаи ноҳияи Учтеппаи пойтахт.**

**Ба пешвози ҷашни 600-солагии Донишгоҳи давлатии Самарқанд**

# ҲАМКОРИИ ОЛИМОНИ ӮЗБЕКИСТОН ВА ТОҶИКИСТОН ГУСТАРИШ МЕЁБАД

Солҳои охир бо тақозои давр, хусусан пешравии илму технология, дар соҳаи таълиму тадрис низ дигаргуниҳои зиёде ба амал омаданд. Ҳамаи ин тараққиёти ҷамъият аз мутахассисони варзидаи соҳаи таълим тақозо мекунад, ки нақшаҳои таълимӣ, дастурҳои тадрисӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва дастуруламалҳои услубию методиро таҷдиди назар намоянд.

Туфайли ҳамраъйӣ ва ҳамкориҳои дуҷонибаи илмиву техникии байни кишварҳои ҳамсояву муштаракулманофеи Ӯзбекистону Тоҷикистон, хусусан бинобар ташаббусҳои неки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бобати вусъат додани дӯстиву ҳамкориҳо ва кушода шудани сарҳадҳои байни ҷумҳуриҳо алҳол дар соҳаи мазкур низ комёбиҳои назаррас ба даст меоянд.

Маълум аст, ки бо китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ таъмин намудани донишҷӯёну ҷараёни хониш ба масъалаи ҳалталаб табдил ёфтааст.

Мисли дигар фанҳои дақиқ, дар сохтори ҷузъҳои асосии физикаи умумӣ низ барои баргузории тадрис тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омаданд. Бо назардошти ҳамин ҷиҳатҳои соҳа омодасозии китобҳои дарсӣ дар пешрафти таълиму тадрис хеле муҳим мебошад. Аз ин рӯ, устодони Донишгоҳи давлатии Самарқанд – доктори илмҳои физикаву математика, профессори кафедраи оптика Абдувоҳид Ҷумъабоев ва номзади илмҳои физикаву математика Ғуломҷон Муродов бо ҳамкории олимону устодони кафедраи оптика ва спектроскопияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) – номзадони илмҳои физикаву математика, дотсентон Зафар Исломов ва Малоҳат Файзиева иқдоми некро пеш гирифта, китоби дарсии «Оптика»-ро нашр намуданд, ки дар он саҳми устоди зиндаёд, доктори илмҳои физикаву математика, профессори кафедраи мазкури ДМТ Нурулло Муллоев низ хеле бузург аст. Китоби дарсӣ қисми оптикаи фанни физикаи умумиро дар бар гирифта, асосан ба донишҷӯён ва магистрантҳои ихтисоси астрономия ва техника пешниҳод гардида, мутобиқ бо дастурҳои намунавии таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистону Ӯзбекистон ва дастури таълимӣ аз фанни физика ва астрономия таҳия шудааст.

Он, ки бо қарори шӯроҳои илмии ДДС ва ДМТ интишор ёфтааст, аз 17 боб ва луғати тафсирӣ (глоссарийи) фанни оптика иборат мебошад. Дар пешгуфтори китоб муаллифон қайд намудаанд: «Китоби мазкур дар асоси барномаи намунавии курси физикаи умумӣ ва стандарти давлатии таҳсилоти олӣ барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи физика таҳия шудааст. Дар он оид ба тамоми паҳлӯҳои фанни оптика маълумоти зарурӣ дарҷ гардида, метавонад барои гирифтани маълумот, такмили дониши зарурии донишҷӯёни мактабҳои олии ҳар ду ҷумҳурӣ саҳмгузор бошад».

Дар китоб бобҳо ва мавзӯъҳо пайиҳам оварда шуда, имкон медиҳанд, ки донишҷӯ савияи дониши худро оид ба ҳодиса ва қонунҳои оптикӣ тадриҷан инкишоф диҳад. Чунончи, дар аввал оид ба мавҷҳо маълумоти зарурӣ пешниҳод шуда, баъдан оид ба ҳодисаҳои интерференсия ва дифраксияи рӯшноӣ маънидод карда мешаванд. Маълумот дар бораи нурафкании лазерӣ ва ҳодисаҳои ғайрихаттӣ дар охир ҳамчун маводи ҷамъбастии ҳодисаҳои оптикӣ оварда шудааст. Бояд таъкид намуд, ки дар тайёр кардани матн оид ба мавзӯъҳои голография, оптикаи ғайрихаттӣ, пошхӯрди комбинатсионии рӯшноӣ ва глоссария саҳми устодони ДДС назаррас мебошад.

Ин иқдоми нахустини олимону мутахассисони соҳа аз он шаҳодат медиҳад, ки вусъат додани чунин ҳамкориҳои муфид ба пешрафти илму фан мусоидат хоҳад кард.

**А. ВОҲИДОВ,**
**мудири кафедраи забонҳои Шарқи хориҷии ДДС.**
**Ф. ШУКУРОВ,**
**омӯзгори ДДС.**

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ТАШКИЛИ НИЗОМИ СИФАТАН НАВИ ТАРБИЯИ КАДРҲО ДАР СОҲАИ ТИББИ ҲАРБӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

**якум**, системаи амалӣ барои таъмини таълими муттасили касбӣ, такмили ихтисос, мутобиқгардонии малакаҳои мутахассисони тибби ҳарбӣ ба талаботи муосир ҷорӣ карда нашудааст;

**дуввум**, бинобар сатҳи пасти истифодаи навигариҳо ва технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим имрӯзҳо имкони ҷорӣ намудани усул ва равишҳои замонавӣ ба низоми тайёр кардани кадрҳои тиббии ҳарбӣ ва ташкили расонидани ёрии самарабахши тиббӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ ва оилаҳои онҳо вуҷуд надорад;

**сеюм**, ба тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси тибби ҳарбӣ, ки дар рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда (ва-зъиятҳо) иштирок карда, дар ин самт корҳои ташкилӣ ва профилактикиро пеш мебаранд, диққати махсус додан талаб карда мешавад.

Бо мақсади ба зинаи сифатан нав бардоштани низоми тайёр кардани афсарони баландихтисос, барои онҳо ташкили системаи омӯзиши муттасил, зина ба зина ва мақсаднок, инчунин таъмини робитаи зич байни таълим, илм ва амалия дар соҳаи тибби ҳарбӣ:

1. Дар пойгоҳи факултети ҳарбии тиббии назди Академияи тиббии Тошканд бо мақоми шахси ҳуқуқӣ **Академияи ҳарбии тиббии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон** (минбаъд – Академия) ташкил карда шавад.

2. Вазифаҳои асосии Академия инҳо муайян карда шаванд:

тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳое, ки ба талаботи замонавӣ дар соҳаи тибби ҳарбӣ ҷавобгӯ мебошанд, барои вазорату идораҳое, ки ба Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дохил мешаванд;

тайёр кардани мутахассисони танг, ҳайати илмию омӯзгорӣ, инчунин афсарони эҳтиётӣ ва захираи хидматҳои тиббӣ дар соҳаи тиб;

дар раванди таълим васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи педагогӣ ва инноватсионии тиббӣ, барномаҳои замонавии таълимӣ ва усулҳои таълимию методӣ, ки ба стандартҳои байналмилалии таълим асос ёфтаанд;

гузаронидани корҳои илмиву таҳқиқотии фундаменталӣ, амалӣ ва инноватсионӣ, ки ба ҳалли мушкилоти мавҷудаи амалияи тибби ҳарбӣ нигаронида шудаанд;

гузаронидани тадқиқоти илмӣ оид ба рушди раванди таълим ва дар соҳаи тандурустӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои олии пешрафтаи миллӣ ва хориҷӣ, муассисаҳои олии ҳарбии таълимӣ ва илмию тадқиқотӣ;

тарбияи донишҷӯён дар рӯҳи ватанпарварӣ, дар асоси ғояҳои инсондӯстӣ ва маънавияти баланд.

3. Муқаррар карда шавад, ки Академия:

муассисаи таълими олии ҳарбии давлатӣ мебошад;

вориси қонунии факултети ҳарбию тиббии Академияи тиббии Тошканд бинобар ҳамаи ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва шартномаҳо мебошад;

дорои мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва номаш ба забони давлатӣ, суратҳисоби бонкӣ, суратҳисоби бонкӣ бо асъори хориҷӣ, штамп ва дигар реквизитҳо мебошад.

4. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он:

аз соли таҳсили 2021/2022 сар карда, номзадҳо барои таҳсил дар Академия аз ҷониби Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз байни донишҷӯёне, ки курси панҷуми факултаи «кори табобатӣ» ва соли чоруми факултаи «кори тиббию профилактикӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти олии тиббии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро хатм карда, натиҷаҳои баландтаринро оид ба ҷамъбасти таълим нишон додаанд, хоҳиши идома додани таҳсилро дар Академияи ҳарбии тиббӣ, дар оянда тибқи шартнома аз хизмати ҳарбӣ гузаштанро изҳор намудаанд, бинобар вазъи саломатӣ ба хизмати ҳарбӣ мувофиқат мекунанд, интихоб карда мешаванд;

таълими ҳатмии дусолаи курсантҳо дар Академия дар асоси барномаи ду марҳилаи таълими тиббии ҳарбӣ сурат мегирад: соли аввал — **дараҷаи бакалавр**, соли дуюм — **интернатураи** ҳарбӣ аз рӯи ихтисосҳои барои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон зарурӣ;

ба курсантҳое, ки дараҷаи бакалавриати Академияро хатм кардаанд, аввал унвони ҳарбии «лейтенанти хидмати тиббӣ» ва дипломи намунаи давлатӣ дар бораи гирифтани ихтисоси "духтури ҳарбӣ" дода мешавад, пас аз хатми интернатураи ҳарбӣ – унвони навбатии ҳарбии **"лейтенанти калони хидмати тиббӣ"** ва гувоҳномаи намунаи муқарраршуда дар бораи гирифтани ихтисоси дахлдор дода мешавад.

таълими хатмкунандагон дар факултетҳои «кори табобатӣ» ва «кори тиббию профилактикӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти олии тиббии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар асоси барномаи таълими ҳарбии тиббии Академия ба таҳсил дар Академия баробар карда мешавад;

кадрҳои тиббии ихтисосҳои танг дар соҳаи тиб дар **ординатураи клиникӣ** ва магистратураи Академия, кадрҳои илмию омӯзгорӣ — дар **докторантураи** он тайёр карда мешаванд;

Госпитали марказии клиникии ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон пойгоҳи таълимию клиникӣ, инчунин маркази асосии таъминоти Академия ба ҳисоб меравад.

5. Аз соли таҳсили 2021/2022 ба Академия:

бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони тиб, ки дигар муассисаҳои таълими тиббии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар асоси пуливу қарордодӣ хатм кардаанд;

таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои тиббӣ барои кишварҳои хориҷӣ дар асоси созишномаҳо ва шартномаҳои байниҳукуматӣ иҷозат дода шавад.

6. Дар сохтори Академия Донишкадаи илмию тадқиқотии тибби ҳарбӣ бидуни мақоми шахси ҳуқуқӣ бо муайян намудани вазифаҳои асосии он ташкил карда шавад:

аз нуқтаи назари илмӣ омӯхтани ташаккули ақидаҳо дар бораи манбаъҳои санитарию эпидемиологӣ, падидаҳо, омилҳо ва амнияти биологӣ, гузаронидани тадқиқот оид ба ташаккул ва рушди низоми самарабахше, ки қодиранд ба таҳдидҳои биологӣ ҷавобгӯи талаботи замон фавран вокуниш нишон диҳанд;

гузаронидани тадқиқоти илмӣ дар соҳаи таъмини амнияти биологии аҳолӣ ва ҳайати шахсӣ, таҳлил ва таҳияи чораҳои комплексии аз ҷиҳати илмӣ асоснок барои муқовимат бо таҳдидҳои эҳтимолӣ, ҳамоҳангсозии системаи назорати таҳдидҳои биологӣ;

тайёр кардани кадрҳои миллӣ дар соҳаи амнияти биологӣ ва пеш бурдани фаъолият ҳамчун маркази таълимию илмӣ ҳангоми амалӣ намудани тадқиқоти илмӣ дар ин самт;

омӯхтани таҷрибаи таъминоти тиббӣ ба қӯшунҳо ва мушкилоти мавҷуда бо мақсади созмон додан ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок.

7. Инҳо тасдиқ карда шаванд:

сохтори ташкилию штатии Академияи ҳарбии тиббии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон мувофиқи замимаи №1;

рӯйхати ихтисосҳои (самтҳои) таҳсил дар Академияи ҳарбии тиббии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон мувофиқи замимаи №2;

«Харитаи роҳ» оид ба ташкили низоми сифатан нави омодасозии кадрҳои низомӣ дар соҳаи тиб тибқи замимаи №3;

рӯйхати унвонҳои асосии ҳарбӣ ва разрядҳои тарифӣ оид ба вазифаҳо, ки хизматчиёни ҳарбӣ тибқи шартномаи Академияи ҳарбии тиббии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ишғол мекунанд, мутобиқи замимаи № 4.

Ташкили Академия дар асоси сохтори ташкилию штатии он бо роҳи ба Вазорати мудофиа ҷудо кардани воҳидҳои иловагии штатии курсантҳо – 40, донишҷӯён – 100, қисми боқимондаи ҳайати шахсӣ – дар доираи шумораи ҳадди аксари муқарраршудаи қӯшунҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба амал бароварда шавад.

Ба Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳуқуқ дода шавад, ки дар ҳолати зарурӣ ба сохтори ташкилию штатии Академия дар доираи шумораи ниҳоии муқарраршудаи нерӯҳои Вазорати мудофиа тағйирот ворид кунад.

8. Академия дар суроғаи зерин ҷойгир карда шавад: шаҳри Тошканд, ноҳияи Мирзо Улуғбек, кӯчаи Зиёлилар, хонаи 4, дар ҳудуди шаҳраки низомии №83, дар асоси ҳуқуқи истифодаи ройгон.

9. Вазорати мудофиа ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон:

барои анҷом додани таълими курсантҳо дар соли таҳсили 2020/2021, ки дар соли 2019 дар асоси барномаҳои таълимии мавҷуда дар пойгоҳи Академияи тиббии Тошканд ва Академия ба факултаи ҳарбию тиббии Академияи тиббии Тошканд дохил шудаанд, чораҳо андешад;

ба он хатмкунандагони соли 2021 Академия, ки нишондиҳандаҳои баландтарини илмӣ доранд, иҷозати идома додани таҳсил дар интернатураи ҳарбӣ дода шавад.

10. Ба вазири мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон иҷозат дода шавад, ки ба тартиби истисно, вазифаҳои ҳайати афсарони Пажӯҳишгоҳи тиббии ҳарбии Академияро муҷаҳҳаз гардонад, инчунин тибқи шартнома ба хидмати ҳарбӣ номнавис кунад ва ба мутахассисони баландихтисоси тиббии шаҳрвандии соҳаи тиб, ки хоҳиши гузаштани хидмати ҳарбиро бинобар қарордод изҳор кардаанд, рутбаҳои ҳарбии афсарони калонро бидуни интихоби пешакӣ ва ҳарбию касбӣ аз рӯи натиҷаи муоинаи тиббӣ, новобаста аз он, ки онҳо ба синну соли хидмати ҳарбӣ расидаанд ё не, диҳад.

11. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар муддати ду моҳ лоиҳаи қарори ҳукуматро барои тасдиқ ба Девони Вазирон тақдим намояд, ки ташкили фондҳои рушди фаъолияти илмию тадқиқотии назди Академия ва Донишкадаи ҳарбии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва алоқаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон бидуни мақоми шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд.

12. Муқаррар карда шавад, ки:

а) ба роҳбар, муовини роҳбар ва ҳайати профессорию омӯзгории Академия, ки бо фаъолияти педагогӣ машғуланд, инчунин ба роҳбар ва ходимони илмии Донишкадаи илмию тадқиқоти тиббии ҳарбӣ ҳармоҳа ба андозаи зерин иловапулӣ дода мешавад:

50 фоизи маоши мансабии асосӣ — барои кормандон аз зумраи ҳайати шаҳрвандӣ;

100 фоизи маоши асосии вазифавӣ – барои хизматчиёни ҳарбии шартномавӣ;

б) музди меҳнати ҳайати шаҳрвандӣ, ки мансабҳои сардор, роҳбарикунанда, калон ва хурди илмии Академия ва Донишкадаи ҳарбии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва алоқаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистонро ишғол мекунанд, ба андозаи баробар ба музди мансабии кормандони илмӣ ва роҳбарикунандаи муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, ки дар татбиқи барномаҳои илмию техникии таҳқиқоти бунёдӣ, амалӣ ва инноватсионӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетии муқарарнамудаи қонун иштирок мекунанд, сурат мегиранд;

в) ба мутахассисони дигари муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ, ки бевосита ба гузаронидани машғулоти таълимию амалии Академия ҷалб карда мешаванд, аз ҷониби Академия дар ҳаҷми 10 фоизи андозаи асосии дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳисобшудаи базавӣ барои ҳар як соати академии фаъолияти омӯзгорӣ иловапулӣ пардохта мешавад;

г) таъминоти Академия аз ҳисоби Буҷаи давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, маблағҳои ғайрибуҷетии Вазорати мудофиа ва дигар маблағҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, сурат мегирад.

13. Вазорати мудофиа, Вазорати тандурустӣ, Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсус, Вазорати рушди инноватсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон якҷоя бо дигар вазорату идораҳои манфиатдор то оғози соли таҳсили 2020/2021:

таркиби профессорону омӯзгорон ва кормандони илмии Академияро интихоб намуда, бо тартиби муқарраршуда ҷойҳои холиро бо мутахассисони баландихтисоси тахассуси дахлдор бо назардошти талабот ба онҳо пешниҳодшуда пурра гардонад;

ба раванди таълим ва фаъолияти илмию тадқиқотии Академия, аз ҷумла дар асоси шартнома, мутахассисон ва коршиносони соҳибихтисоси муассисаҳои таълимӣ ва илмию тадқиқотии пешбарандаи ватанию хориҷӣ, мақомоти идораи давлатӣ, иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ ва дигар ташкилотҳоро ҷалб намояд;

такмил додани тайёрии касбии ҳайати профессорию омӯзгорӣ ва кормандони илмии Академияро бо истифодаи нерӯи кадрӣ ва заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии пешқадами ватанию хориҷӣ, марказҳои махсусгардонидашуда ва илмӣ-амалӣ, инчунин институтҳои тадқиқотӣ таъмин намоянд.

Ба роҳбари Академия ҳуқуқи бастани созишнома ва шартномаҳои дуҷонибаро дар соҳаи мориф бо муассисаҳои таҳсилоти олии миллӣ ва байналмилалӣ таъмин намояд.

14. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон инҳоро таҳия ва ба Девони Вазирон тақдим намояд:

дар давоми ду моҳ лоиҳаи қарори ҳукумат дар бораи суръат бахшидан ба сохтмони иншооти инфрасохтори Академия;

дар тӯли се моҳ Барномаи маҷмӯии сохтан ва такмил додани инфрасохтор ва пойгоҳи таълимию моддии Академияи ҳарбии тиббии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистонро, ки таъмини Академияро бо таҷҳизоти замонавии таълимӣ ва фанҳо, иншооти лабораторӣ ва комплексҳои машқӣ пешбинӣ менамояд.

15. Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва Вазорати молия ба Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои татбиқи тадбирҳои пешбининамудаи қарори мазкур лимитҳои иловагии сармоягузории марказонидашуда ва маблағҳои буҷетӣ барои солҳои 2021 ва минбаъда ҷудо кунанд.

16. Вазорати мудофиа якҷоя бо Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин дигар вазорату идораҳои манфиатдор дар муддати ду моҳ ба Девони Вазирон оид ба тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, пешниҳод тақдим намояд.

17. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н.Арипов ва котиби Шӯрои амнияти назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон В.В.Маҳмудов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД, 22 октябри соли 2020.*



*Аксарияти аҳолие, ки дар маркази ноҳияи Конимехи вилояти Навоӣ зиндагӣ мекунанд, барои харид ба бозорҳои шаҳри Навоӣ омада мераванд. Акнун барои сокинони ин ноҳия қулай даст дод. Аз ҷониби соҳибкор Ерҷон Ташбенбетов дар маркази ноҳия маҷмӯи тиҷоратии «Korzinka» ба истифода супурда шуд, ки арзиши лоиҳавиаш 1 миллиарду 700 миллион сӯм мебошад. Дар натиҷа бештар аз 30 нафар ҷавонони маҳаллӣ ба шуғли доимӣ таъмин шуданд, дурии аҳолӣ низ наздик гашт.*

***Дар сурат:** дар маҷмӯи тиҷоратӣ.*

***Суратгир: С.АСЛОНОВ (ЎзА).***

# ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲО ОСОН НЕСТ

***Қариб дар ҳамаи шаҳру навоҳии қаламрави вилоят барои пиёда сохтани лоиҳаҳо чӣ бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ ва чӣ бо ташаббуси бевоситаи соҳибкорон азму кӯшишҳо ба харҷ дода мешавад. Сармоягузорони хориҷӣ мехоҳанд бештар дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодии «Ҷиззах» лоиҳаҳои худро амалӣ намоянд. Дар ин ҷо аллакай истеҳсоли навъҳои гуногуни ҷиҳозҳои рӯзгор ҷараён дорад. Ҳоло истеҳсоли мошинҳои сабукрав оғоз ёфтааст.***

Назар ба гуфти муовини ҳокими вилоят оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Нодир Раҷабов лоиҳаи истеҳсоли мошинҳои «Лада», «КИА», «РЕНО» 74 миллион доллар қимат дорад. Ба нақша гирифта шудааст, ки дар ин минтақаи иқтисодӣ соле 13 ҳазору 500 дона мошин истеҳсол карда шавад.

Дар ноҳияи Зафаробод бо иштироки сармоягузорони чиноӣ марҳилаи якуми фаъолияти корхонаи сементи «Хуаксинсемент» ба кор сар кардааст. Иқтидори корхона соле 60 миллион тонна семент баровардан мебошад. Барои бо қувваи барқ пурра таъмин намудани ин корхонаи саноатӣ аз масофаи 63 километр тавассути истгоҳи Сарибозори ноҳияи Ғаллаарал хати ҳавоии электр кашида шуд. Акнун дар ин масъала муаммо мавҷуд нест.

То охири сол марҳилаи дуюми заводи сементро ба кор андохтаниаанд. Дар он сурат эҳтиёҷи аҳолӣ нисбат ба ин навъи маҳсулоти бинокорӣ қонеъ мегардад ва боз ҷойҳои иловагии корӣ ба вуҷуд меояд.

Ноҳияи Пахтакор ҳам бо пешрафти саноати худ ва амалишавии лоиҳаҳо дар вилоят бартарӣ дорад. Соли ҷорӣ бо қимати 85,6 миллиард сӯм татбиқ кардани лоиҳаҳоро ба нақша гирифтаанд. То ин дам аз 17 лоиҳа 10 тоаш ба кор даромаданд.

Бо иштироки Ӯзбекистону Литва бо қимати 4,1 миллион доллар корхонаи истеҳсоли антифриз барои мошинҳои сабукрав ба кор даромад. Тавре ки мудири шуъбаи истеҳсолоти корхона Абдурашид Мадазимов иттилоъ додааст, бо ба кор даромадани марҳилаи дуюм полоишакҳои ҳавоӣ низ бароварда мешавад.

Кандашавии таъминоти газ, об ва қувваи электр гоҳо барои саривақт ба кор андохтани лоиҳаҳо монеъ мешавад. Ба наздикӣ як гурӯҳ кормандони девони Бизнес – Омбудсмани назди Маъмурияти Президент ба вилояти Ҷиззах омада, ин гуна муаммоҳоро омӯхтанд ва паи ҳаллашон чораҳо андешиданд. Дар кластери пахтаи ноҳияи Шароф Рашидов ва корхонаи истеҳсоли оҳаки ноҳияи Фориш муаммои электр ҷой дошт. Ин масъала ҳаллу фасл гардид. Назар ба маълумотҳо, аз ҷониби соҳибкорон ба Идораи шабакаҳои электри вилоят 182 бор муроҷиат карда шудааст. Аз ин бармеояд, ки ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳо саҳлу осон нест. Он дониши амиқи иқтисодӣ, ватанпарварӣ ва дурандешии беш аз пеши ҳамватанонро тақозо мекунад.

**Анорбой НАЗАРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ МИНБАЪД ВУСЪАТ ДОДАНИ ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ СОДИРОТӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

в) ҷубронпулӣ ва (ё худ) кафолат бинобар вомҳои барилова ҷудокардашуда барои бомаблағтаъминкунии пешазсодиротӣ, аз ҷумла маблағҳои муомилавӣ дар ҳаҷм ва шартҳое, ки боби мазкур новобаста аз мавҷуд будани қарз бинобар вомҳои пешина, бо шарти мавҷудияти ҳуҷҷати мусбати вомӣ пешниҳод мекунад;

г) бинобар кафолати пешниҳодшуда **дар ҳаҷми ду баробар кам** пули комиссионӣ меситонад.

Ба Бунёди давлатии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ супурда шавад, ки аз оғози 1 январи соли 2022-юм дастгирии содиргаронро мувофиқи тартибе, ки қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 24 майи соли 2019 №ҚП-4337 «Дар бораи чораҳои вусъат додани механизмҳои бомаблағтаъминкунӣ ва ҳифзи суғуртавии фаъолияти содиротӣ» муқаррар кардааст, татбиқ намояд.

2. Ба зиммаи Оҷонсии пешбурди содироти назди Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷӣ (минбаъд-Оҷонсӣ) **вазифаҳои иловагии зерин** гузошта шаванд:

**ҷудо кардани захираҳои молиявӣ** ба бонкҳои тиҷоратӣ барои вомҳо бинобар амалиётҳои тиҷоратӣ, бо содирот вобаста мебошанд ва бомаблағтаъминкунии пешазсодиротӣ;

ба роҳ мондани кор бинобар **ҷалби маблағи** идораҳои байналхалқии молиявӣ, созмонҳои ҳукуматии молиявии хориҷӣ, бонкҳои хориҷӣ ва ширкатҳои молиявӣ барои **бо маблағ таъминкунии** пешазсодиротӣ.

3. Созмон додани **Бунёди дастгирии содирот** (минбаъд – Бунёд)-и назди Оҷонсӣ бидуни таъсис додани шахси ҳуқуқӣ ба мақсади татбиқ намудани вазифаҳое, ки барилова ба зиммаи Оҷонсӣ гузошта шудаанду пойгоҳи захиравии он аз ҳисоби:

маблағҳои Бунёди таҷдид ва тараққиёт дар ҳаҷми **100 миллион доллари ИМА** бидуни подош;

**заёми** идораҳои байналхалқии молиявӣ, созмонҳои ҳукуматии молиявии хориҷӣ, бонкҳои хориҷӣ ва ширкатҳои хусусии молиявӣ;

даромадҳое, ки аз тақсимкунии маблағҳои Бунёд барои депозити бонкҳои тиҷоратӣ мувофиқи тартиби муқарраршуда ҷудо карда мешаванд;

манбаъҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, ташаккул меёбад.

4. Ба Бунёди таҷдид ва тараққиёт супурда шавад, ки **дар муддати як моҳ** барои Бунёд ҷудо кардани 50 фоизи маблағҳоро аз 100 миллион доллари ИМА, ки дар боби 3-юми Фармони мазкур пешбинӣ шудааст, барои ташаккул додани сармояи ибтидоии он таъмин намояд.

5. Муқаррар карда шавад, ки:

чораҳои дастгирӣ, ки Фармони мазкур пешбинӣ намудааст, ба молҳои ашёи хом, ки ба рӯйхати бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 29 ноябри соли 2018 №ФП-5587 тасдиқ гардидааст, истифода бурда намешаванд;

Оҷонсӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ барои вомҳо ба амалиётҳои тиҷоратие, ки бо содирот вобастаанд ва бо маблағтаъминкунии пешазсодиротӣ дар ҳаҷми на бештар аз баробари **1 миллион доллари ИМА** маблағро ба мӯҳлати то як сол пешниҳод мекунад;

ҷудо кардани чунин захираҳои молиявӣ барои содиргароне, ки қарзи аз ҳисоби захираҳои молиявии барои онҳо пешниҳоднамудаи Оҷонсиро пурра барнагардондаанд, манъ карда мешавад;

Бунёди давлатии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар мавридҳои бо маблағ таъмин кардани бонкҳои тиҷоратӣ барои амалиётҳои тиҷоратии вобаста ба содирот ва бо маблағ таъминкунӣ аз ҳисоби захираҳои молиявие, ки Оҷонсӣ ҷудо мекунад, ҷубронпулӣ пешниҳод наменамояд.

6. Ба Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷӣ, Вазорати рушди иқтисодӣ ва кам кардани нодорӣ супурда шавад, ки ба Девони Вазирон дар бораи кор бинобар дастгирии молиявии содиротӣ, ки Оҷонсӣ ва Бунёди давлатии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ татбиқ намудаанд, дар ҳар се моҳ маълумот пешниҳод кунанд.

7. Иттиҳодияи бонкҳои Ӯзбекистон якҷо бо Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷӣ бо ҷалби коршиносони хориҷӣ дар мӯҳлати се моҳ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ коркард ва ба амалиёт ҷорӣ намудани номгӯйи воситаҳои диверсификатсионии бомаблағтаъминкунии амалиётҳои савдои хориҷии коршиносонро таъмин кунад.

8. Ба комиссияи ҳукуматӣ бинобар масъалаҳои рушди содирот ва сармояҳо (С.У.Умурзоқов) супурда шавад, ки дар зарфи як моҳ тартиби аз ҷониби Оҷонсӣ пешниҳоди захираҳои молиявӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ барои вомҳо баҳри амалиётҳои тиҷоратии вобаста ба содирот ва бомаблағтаъминкунии пешазсодиротиро тасдиқ намояд.

9. Ба баъзе ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон мувофиқи замима тағйирот ворид карда шаванд.

10. Ба Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷӣ супурда шавад, ки якҷо бо Вазорати рушди иқтисодӣ ва кам кардани нодорӣ, Вазорати молия, ҳамчунин вазорату идораҳои манфиатдор дар мӯҳлати ду моҳ ба Девони Вазирон дар бораи тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузорӣ, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, таклиф пешниҳод кунад.

11. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон С. У. Умурзоқов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ.**

*Шаҳри ТОШКАНД, 21 октябри соли 2020.*

Сафари матбуотӣ

# ОНҲОЕ, КИ АЗ РАХНА ПАЙДО КАРДАНИ ОБАНБОРИ САРДОБА ЗАРАР ДИДААНД, НА ТАНҲО БО МАНЗИЛ, ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ, БАЛКИ ТИҶОРАТИ «ТАХТИ КАЛИД» ТАЪМИН МЕГАРДАНД

## Ин далел дар корҳое, ки дар ҳудудҳои аз обхезӣ зарардидаи обанбори Сардоба амалӣ шуданд, намоён мегардад



***Якҷоя бо Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон, Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Кумитаи давлатӣ оид ба рушди сайёҳӣ ва ҳокимияти вилояти Сирдарё барои сенаторон, намояндагони аҳли ҷомеа, инчунин кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ бо мақсади шиносоӣ бо рафти ободонии минтақаҳое, ки аз обхезӣ дар обанбори Сардоба зарар дидаанд, саёҳати матбуотӣ ташкил карда шуд.***



Соли равон барои башарият як имтиҳони хеле душвор гардид. Аз ҷумла, вазъияти ғайричашмдошт бо Covid-19 диққати ҷаҳонро ба худ равона кард. Мутаассифона, ин бадбахтӣ Ӯзбекистонро низ дар канор нагузошт. Пандемияи моҳи март саршуда, то ба имрӯз идома дорад.

Биёед ба хотир орем, ки имсол табиат низ инҷиқиҳои худро нишон дод. Шамоли сахт, ки аввалҳо дар минтақаи Бухоро мушоҳида шуд, ба аҳолии ноҳияҳои Олот ва Қарокӯл, хонаву ҷой, хоҷагии кишоварзии минтақа зарари ҷиддӣ расонд. Дере нагузашта, субҳи 1 май дар мамлакати мо як хабари дигари нохуш паҳн шуд — сарбанди обанбори Сардоба рахна зад. Дар натиҷа, маҳалҳои аҳолинишин дар ноҳияҳои Сардоба, Мирзообод ва Оқолтин зери об монданд. Ноҳияҳои наздимарзии Қазоқистони ҳамсоя низ зарар диданд.

— Бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки обхезие, ки дар натиҷаи вайрон шудани сарбанди обанбори воқеъ дар ноҳияи Сардоба ба амал омад, на танҳо барои сокинони Сирдарё, балки барои тамоми мардуми кишвари мо имтиҳон шуд, — гуфт муовини аввали ҳокими вилоят Анвар Каримов. — Дар натиҷаи офати табиӣ 89 450 нафар одамон аз 28 маҳаллаи ноҳияҳои Сардоба, Мирзообод ва Оқолтин фавран ба ноҳияҳои дигар кӯчонида шуданд. 4 710 хонаи истиқоматӣ осеб дид, ки 2221-тои онҳо хароб шуда, 2499-тои онҳо таъмир карда шудаанд. Дар натиҷаи дастуру супоришҳои сарвари давлатамон, ки дар ҷараёни як қатор сафарҳояш ба вилоят дода шуданд, ба ҷои маҳаллаҳои аз обхезӣ осебдида ноҳияҳои комилан нав сохта шуданд.

Аввалин макони иштирокдорони сафари матбуотӣ корхонаи муштараки «Sirdaryo-mega-luks» дар вилояти Сирдарё буд. Имкониятҳое, ки дар корхона фароҳам оварда шудаанд ва маҳсулоти он дар баробари афзоиши иқтидори иҷтимоию иқтисодии минтақа ба таъмини некӯаҳволии аҳолӣ хизмат мекунанд.

Сипас иштирокчиён бо корҳое, ки дар маҳаллаи Дӯстлики ноҳияи Сардоба идома дорад, шинос шуданд. Дар баробари бунёди биноҳои бисёрқабата дар ноҳияи нав корхонаи истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагиву трикотажии ҶММ «Sardoba Oqsaroy Tekstil» барои 1500 ҷой сохта мешавад.

Ба сокинон инчунин шароите, ки дар биноҳои бисёрқабатаи маҳаллаи «Дӯстлик» муҳайё карда шудааст, маъқул аст.

— Пас аз обхезӣ ин ҷойҳо ба ботлоқ мубаддал гаштанд. Танҳо бо мӯзаи резинӣ гаштан мумкин буд, — мегӯяд собиқадори меҳнат Отабек Эгамбердиев. — Вақте дар ин ҷо шаҳр сохта мешавад, гуфтанд, шахсан ман бовар накарда будам. Бубинед, ки чунин хонаҳои зебо дар панҷ моҳ сохта шуданд. Дар ин ҷо тамоми имкониятҳои инфрасохтори замонавӣ, аз қабили газ, оби нӯшокӣ, барқ, канализатсияи мутамарказ мавҷуданд. Ҳоло мардуми мо бояд дар ин ҷойҳо софдилона кор кунанд, ба қадри имкониятҳо расанд ва хуб зиндагӣ кунанд.

— Ман дар натиҷаи обхезӣ хона ва амволи худро аз даст додам, — мегӯяд сокини ноҳия Гавҳар Унгарова. — Вақте ки рӯйдодҳои он рӯзро ба ёд меорам, вуҷудамро ларза фаро мегирад. Ташаккури зиёд ба Президентамон ва давлат, ки барои мо хонаҳои беҳтару зеботар сохт, ки аз хонаҳои шаҳрӣ фарқе надоранд. Ман дар ин манзилҳо як хонаи 3 ҳуҷрагӣ мегирам. Шароити хонаҳо хуб аст. Дар ин хона ҳамроҳи фарзандонам тӯй барпо мекунам. Ғайр аз он, Президент барои шаш намуди асбобҳои рӯзгор, ки ба онҳо мо — занон низ ниёз дорем, шаҳодатнома дод. Имрӯз онҳо ба хонаҳои мо ройгон таҷҳиз карда мешаванд.

Инчунин, дар назди 9 бинои бисёрошёнаи маҳаллаи «Навбаҳор» -и ноҳияи Мирзообод, ки дар натиҷаи садамаи техногенӣ дар обанбори Сардоба зарар дидаанд, барои 360 оила гармхонаҳо сохта шуданд. Бо шарофати лоиҳаи «Ижтимоий иссиқхона» («Гармхонаи иҷтимоӣ»), ки бо ташаббуси ширкати «Бекластер» амалӣ шудааст, ба ҳар 64 оила гармхонаи масоҳаташ 25 сотихӣ дода мешавад.



Рӯзноманигорон ва блогерҳо инчунин бо тағйироти азими иҷтимоию иқтисодӣ, сохтмон ва бунёдкорӣ дар ноҳияҳои Сирдарё, Оқолтин, Мирзообод ва Сардобаи вилоят шинос шуда, аз гармхонаҳои дар асоси ин лоиҳа оғозёфта дидан карданд.

— Мо инчунин ин лоиҳаро «Тиҷорати тахти калид» меномем, — мегӯяд яке аз роҳбарони лоиҳа Анвар Ҷуманов. — Ба ибораи дигар, 64 оила муассисони ду ҷамъияти масъулияташ маҳдуд мебошанд, ки дар доираи лоиҳаи мазкур таъсис дода шудаанд. Ва барои қарзҳои гирифташуда ҳамон ширкатҳо кафил ба ҳисоб мераванд. «Бекластер» маҳсулоти дар 25 сотих гармхонаи ҳар як оила парваришшударо харидорӣ намуда, тахти бренди Ӯзбекистон содир мекунад. Пас аз пардохти пурраи қарз, баъд аз 2-3 сол оила соҳиби комилҳуқуқи гармхона, яъне соҳибкор мешавад.

Ғайр аз он, дар доираи лоиҳа маркази илмию амалии растаниҳои ситрусӣ, субтропикӣ ва тропикӣ таъсис дода шуд, ки барои омӯзиши хоҷагии гармхонаҳо пешбинӣ шудааст.

Ҷойгоҳи навбатии мо маҳаллаи «Янги Ӯзбекистон» буд. Дар маҳаллаи собиқи «Ҳақиқат» 40 бинои панҷошёнаи дорои 800 хона сохта шудааст. Барои ин аз ҳудуди маҳалла тақрибан 12 гектар замин ҷудо карда шудааст. Биноҳои бисёрошёна дар муддати кӯтоҳ аз ҷониби бинокорони ҶММ «White-cityconstruction» сохта шуданд. Дар натиҷаи корҳои азими бунёдкорие, ки дар ин ҷо гузаронида шуд, маҳалла номи «Янги Ӯзбекистон»-ро гирифт.

Барои сохтани хонаҳо дар муддати кӯтоҳ корҳо бо усули туркии «бетонрезии нақбӣ» анҷом дода шуданд. Дар таҳхонаи бино барои ҳар як оила ҳуҷраи алоҳидае бо масоҳати 15 метри мураббаъ мавҷуд мебошад, ки соҳибони манзил метавонанд онро ҳамчун анбор истифода баранд. Дар қаламрав камераҳои назорати видео насб карда шудаанд.

Хонаҳо қувваи барқ, гази табиӣ, оби нӯшокӣ ва канализатсия доранд. Дар ҳудуди ноҳия маҷмӯи маҳалла, аз ҷумла муассисаи таълимии томактабии «Янги авлод», инчунин 6 майдончаи бозӣ, майдончаи омӯзиши қоидаҳои ҳаракати роҳ, нонвойхона, сартарошхона ва китобхона мавҷуд аст.

Маҳаллаи «Янги Тошканд» дар ноҳияи Оқолтин низ яке аз ноҳияҳои пас аз офати табиӣ бунёдшуда мебошад. Дар ин ҷо дар 130 хонаи бетониву панелӣ корҳои таъмирӣ гузаронда, шароити манзилии беш аз 200 оила беҳтар карда шуд. Ҳар як кӯчаи маҳалла номи ноҳияҳои шаҳри Тошкандро гирифтааст.

Дар маҳалла гузар, китобхона, майдончаи бозӣ ва маҷмӯи варзишӣ бунёд ёфтаанд. Роҳҳои дохилӣ сохта шуданд, қувваи барқ, гази табиӣ ва оби ошомиданӣ барқарор карда шуданд. Дар 8 кӯча 135 квартира сохта шудааст. Ҳоло дар ин ҷо зиёда аз 1200 нафар сокинон зиндагӣ мекунанд.

Инчунин, боғчаи бачагонаи рақами 5 дорои 130 кат ва бинои мактаб барои 150 нафар таъмир карда шуданд.

**Ҷобир ХӮҶАҚУЛОВ,**
**мухбири АИ «Дунё».**

*ТОШКАНД – СИРДАРЁ – ТОШКАНД.*

# UZBEKISTAN GTL: МАЙДОНИ СОХТМОН, ПАНДЕМИЯ, ТАЛАБОТ ВА НАТИҶА

***Дар ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарё лоиҳаи «Истеҳсоли сӯзишвории моеъи синтетикӣ дар заминаи метани тозашудаи Маҷмӯи газу кимёи Шӯртан» татбиқ мешавад.***

Ҳадафи асосии ин лоиҳа густариши иқтидори коркарди гази табиӣ, коҳиш додани воридоти карбогидридҳо, қонеъ кардани талабот ба сӯзишвории босифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза дар бозори дохилӣ, дар ҷумҳурӣ самаранок истифода бурдан аз захираҳои маъдании мавҷуда мебошад.

Муассиси лоиҳа ҶС «Ӯзбекнефтегаз» ва иҷрокунандаи лоиҳа ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Uzbekistan GTL» мебошад, ки дар асоси қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 29 декабри соли 2016 «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оид ба татбиқи лоиҳаи сармоягузории «Истеҳсоли сӯзишвории моеъи синтетикӣ дар заминаи метани тозашудаи Маҷмӯи газу кимёи Шӯртан» амалӣ гардонда мешавад, ба ҳисоб меравад.

Лоиҳаи «Uzbekistan GTL» аз ҷониби ҶС «Ӯзбекнефтегаз», Фонди таҷдид ва рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ташкилотҳои молиявии Чин, Ҷумҳурии Куриё ва Федератсияи Русия маблағгузорӣ мешавад.

24 октябри соли равон Вазорати энергетика дар ҳамкорӣ бо ширкати «Enter Engineering Pte. Ltd." бо мақсади шиносоӣ бо корҳои сохтмонӣ ва шароити барои коргарон дар «Uzbekistan GTL» муҳайёшуда, саёҳати матбуотӣ ташкил кард.

Дар он намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ бо масъулини лоиҳа ва коргарон суҳбат карда, бо ҷойи зисти коргарон, фаъолияти ошхона ва табобатхонаҳои клиникӣ дар шароити пандемия шинос шуданд.

Корҳои сохтмон, ки бинобар лоиҳа дар зиёда аз 135 гектар идома доранд, 91 фоиз иҷро шудааст. Аз ҷумла, дар завод ба майдони сохтмон интиқол додани мавод, таҷҳизоти технологӣ ва дастгоҳҳо қариб ба анҷом расидааст.

Барои бунёди ин корхона тақрибан 11000 таҷҳизоти технологӣ, дастгоҳҳо ва қисмҳо аз ҷониби 129 корхонаи 24 кишвар истеҳсол карда шудаанд. Дар чунин кори азими бунёдкорӣ 12 ҳазор нафар бинокорон, муҳандисон ва мутахассисон ҷалб карда шуданд. Онҳо дар хушсифат ва намунавӣ иҷро намудани лоиҳа аз 750 адад техникаи вазнин ва махсуси сохтмонӣ самаранок истифода мебаранд.

— Арзиши умумии лоиҳа 3,61 миллиард долларро ташкил медиҳад, — мегӯяд директори генералии ширкати «Uzbekistan GTL» Фахриддин Абдурасулов. — Вақте ки лоиҳа оғоз меёбад, 1300 ҷойҳои корӣ муҳайё карда мешаванд. Дар завод соле 3,6 миллиард метри мукааб газ амиқ аз нав коркард шуда, 1,5 миллион тонна сӯзишвории моеъи синтетикии хушсифат ва аз ҷиҳати экологӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ истеҳсол карда хоҳад шуд. Ин маҳсулоти тозаи экологӣ ояндаи соҳаи нақлиётро фароҳам оварда, дар рушди иқтисод саҳми сазовор мегузорад.

Корхона дар асоси технологияи ширкатҳои «Сасол» (Африқои Ҷанубӣ), «Халдор Топсе» (Дания) ва «Шеврон» (ИМА) сохта мешавад. Ширкатҳои «Hyundai Engineering Co. Ltd" ва «Hyundai Engineering and Construction Co., Ltd»-и Ҷумҳурии Куриё, «Singapore's Enter Engineering Pte. Ltd"-и Сингапур пудратчии генералии корҳои сохтмонӣ мебошад. Ҷиҳати дигари ҷолиби лоиҳа он аст, ки ба сохтмони он 80 фоиз коргарони маҳаллӣ ва мутахассисони баландихтисос ҷалб шудаанд. Бист фоизи онҳо мутахассисони соҳибихтисос аз Ҷопон, Италия, Ҷумҳурии Куриё, Британияи Кабир, Русия, Ҳиндустон, Филиппин ва дигар кишварҳо мебошанд.

Интизор меравад, ки ин корхона минбаъд барои ояндаи кишвари мо ҳамчун як объекти муҳими стратегӣ хидмат мекунад. Чунки, он аз қатори заводҳои балантехнологии башумори оид ба технологияи «аз газ — ба моеъ»-и Африқои Ҷанубӣ, Малайзия ва Қатар барин давлатҳо ҷой гирифтааст. Аз ин рӯ, ҶС «Ӯзбекнефтегаз оид ба тайёр кардани кадрҳои оянда барои роҳандозӣ ва идоракунии завод» барномаи махсус таҳия намудааст ва аз соли 2017 инҷониб хатмкардагони пуриқтидор ва донишашон баланди мактабҳои олии Тошканд, Бухоро ва Қаршӣ интихоб карда мешаванд.

— То охири сол ба нақша гирифта шудааст, ки корхона бо захираҳои энергетикӣ, яъне таҷҳизоти технологии истеҳсоли об, буғ, ҳавои техникӣ таъмин карда шавад. Кор оид ба васли пулти марказии идоракунии завод дар ҳамкорӣ бо мутахассисони «Honeywell» анҷом дода мешавад. Тавассути ин пулти марказии идоракунӣ тамоми равандҳои технологӣ ва системаҳои истеҳсолии корхона назорат ва идора карда мешаванд, — гуфт мутахассиси ширкати «Uzbekistan GTL» Шоҳрух Холматов.

Муҷаҳҳазсозии лабораторияи марказии завод низ ба анҷом мерасад. Муҳимаш он аст, ки дар он як лабораторияи бузург ва се лабораторияи дигар бо таҷҳизоти пешрафта ва муосир муҷаҳҳаз мебошанд. Чунин корҳо барои дар соли 2021 ба истеҳсоли маҳсулот шурӯъ намудани ин корхонаи азим замина фароҳам меорад.

Ҳар як кор мураккабиҳои ба худ хос дорад. Идоракунии ҷамоаи 12 ҳазорнафараи бинокорон, муҳандисон ва мутахассисон кори осон нест. Алалхусус дар замоне, ки тамоми ҷаҳонро вабои коронавирус ба коми худ кашидааст, таъсири онро ба ин майдони сохтмон пай набурдан ғайриимкон аст. 21 октябри соли ҷорӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ видеои эътироз ва бетартибии сохтмончиёни ширкати «Enter Engineering Pte. Ltd.», ки дар сохтмони корхонаи «Uzbekistan GTL» иштирок мекунад, пахш шуд ва дар он оварда шудааст, ки коргарон аз се то чаҳор моҳ маош нагирифтаанд ва бе хӯрок мондаанд.

Дар асл, воқеа чӣ хел сурат гирифтааст, дар ҳақиқат гурусна мондан ё ки музди меҳнат нагирифтани кормандон боиси эътироз шудааст?

Директори генералии «Uzbekistan GTL» Ф. Абдурасулов ба саволи иштирокчиёни саёҳати матбуотӣ чунин посух дод.

— Ба ҳама маълум аст, ки қоидаҳои карантин дар кишвари мо бо сабаби пандемия ҷорӣ карда шуданд, – гуфт Абдурасулов. – Ба ин тартиб бояд дар майдони сохтмон ба он ҳатман риоя карда мешуд. Аз сабаби 7 июли соли равон дар кормандони мо ошкор шудани коронавирус аз ҳамон рӯз дар ин ҷо чораҳои қатъӣ андешида шуданд. Мо даромад ва баромадро таҳти назорати қатъӣ қарор додем. Далели он, ки коргарони мо муддати дароз дар майдони сохтмон буданд, онҳоро аз ҷиҳати рӯҳонӣ хаста кардааст. Дар навбати худ дар ин раванд ба миён омадани камбудиҳо низ барои касе пӯшида нест. Пас дар як вақт дар майдони сохтмон нигоҳ доштани 12000 нафар одамон низ масъулияти калон аст. Ҳоло талабот ва пешниҳоди кормандон аз ҷониби роҳбарияти ширкати "Enter Engineering Pte. Ltd." омӯхта шуда, ҳамаи хатогиву беэътибориҳои роҳдодашуда бартараф карда шуданд. Ба сари масъалаи пардохти музди меҳнат, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн шудааст, оем, ин маълумоти ғалат аст. Далели семоҳа ё муддати аз он зиёд тамоман дуруст нест. Музди меҳнат дар майдони сохтмон бо ду тартиб, яъне тибқи корҳои иҷрошуда ва аз рӯи штат пардохта мешавад. Ҷараёни қабули корҳои иҷрошаванда танҳо моҳи сентябр тӯл кашид, аз ин сабаб маоши ин моҳ каме ба таъхир афтод. Дар ин ҷо дар кори онҳое, ки корро месупоранд ва қабул мекунанд, хатогӣ ба мушоҳида расидааст. Инчунин, дар пайдо шудани ин ҳолат дар бораи вазъияти мавҷуда сари вақт хабар надодани масъулони ҳар як объекти сохтмон боис шудааст. Музди меҳнати кормандон аз ҷониби ширкати "Enter Engineering Pte. Ltd.» пардохта мешавад. Музди моҳонаи онҳо 43 миллиард сӯмро ташкил медиҳад. Ба онҳо барои моҳи сентябр ҳамин миқдор пурра пардохт карда шуд. Ҳоло зарари дар ҷараёни ин воқеа расондашуда аз ҷониби мақомоти дахлдор омӯхта мешавад.

Тибқи маълумот, дар майдони сохтмон барои коргарон тамоми шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар ин ҷо шаҳраки коргарон, 10 ошхона ва се табобатгоҳ мавҷуд аст. Табибони клиника саломатии ҷамоаро мунтазам назорат мекунанд. Дар давраи пандемия аз пойтахт духтурон ҷалб карда шуданд.

Дар доираи сафари матбуотӣ бо иштироки директори маъмурии ширкати "Enter Engineering Pte. Ltd." Тимур Абдуллоев анҷумани матбуотӣ низ баргузор гардид.

— Албатта, ҳама медонанд, ки он рӯз чӣ шуд, – гуфт Т. Абдуллоев. — Сабабҳои воқеаро мақомоти дахлдор тафтиш мекунанд. Ба фикрам, коргарон рӯҳан хаста шуда буданд. Онҳо тобистон вазъияти мураккабро аз сар гузаронданд. Дар моҳи июл шумораи коргарон кам шуда, дар майдони сохтмон 800 нафар монда буд. Коргарон дар хона бекору бепул монданд. Моҳи август мо ҷараёни сохтмонро дар корхона барқарор намудем. Коргарон ба ҷойи кории худ баргаштанд. Мо ҷадвали кориро оид ба талаботи карантин ба роҳ мондем. То имрӯз ин тартиб риоя карда мешавад. Дар ҷараёни тафтиш ҳолатҳои ба коронавирус мубтало шудани коргарон ҷой доштанд ва мо онҳоро аз ҳисоби маблағи корхона табобат кардем. Аз оғози пандемия то ҳол аз бинокорони мо барои коронавирус 43 ҳазор таҳлил гирифта шуда, аз ҷониби ширкат танҳо барои таҳлилҳо 7,5 миллиард сӯм харҷ гардид. Ба маблағи 12 миллиард сӯм дору харида шуд.

Ҳангоми суҳбат бо коргароне, ки дар ин ҷо кор мекунанд, онҳо изҳор намуданд, ки аз иштирокашон дар сохтмони иншооти барои иқтисодиёти Ӯзбекистон муҳим қаноатманданд.

— Ман аз Тошканд омада, дар сохтмони ин корхона кор мекунам, — гуфт сардори бригада Зокир Тулабоев. — Аз тартиби кории мавҷуда наменолам. Музди моҳонаи ман 5-6 миллион сӯм аст.

Имрӯзҳо ҳамаи мо дар шароити пандемия кор ва зиндагӣ мекунем. Коронавирус тарзи ҳаёти моро тағйир дод. Мисли мо, ин вазъият ба ҳаёти коргароне, ки дар лоиҳаи «Uzbekistan GTL» иштирок мекунанд, бетаъсир намонд. Бо вуҷуди ин, мақсади 7000 коргарону ходимони ширкати "Enter Engineering Pte. Ltd." ва зиёда аз 13 ҷамоаи назди ширкат боз ҳам бузурганд. Онҳо ният доранд, ки ҳар як корро пухта иҷро карда, лоиҳаи мазкури бузургро дар муҳлаташ ба анҷом расонанд.

**Насиба ЗИЁДУЛЛОЕВА,**
**мухбири ЎзА.**

# ҶИНОЯТ БЕҶАЗО НАМЕМОНАД

Қонуншикан Шодмон Шералиев (ному насабаш иваз шудааст) бо «Дамас»-и шахсӣ кирокашӣ мекард. Рӯзе кадоме аз мусофирон, шояд аз парешонхотирӣ бошад, дар мошини ӯ 800 дона маркаи аксизро партофта рафтааст. Ронандаи ҳайратзада ба Мансур ном шаҳрванд, аз табори ҷӯгиён ин бозёфтро доданӣ шуд, вале ӯ ба вай чунин маслиҳат дод:

– Агар шумо шиша ва спирт ёфта арақ созед, даромади хуб мегиред. Ман тарзи тайёр кардани машруботро медонам.

Шодмон Шералиев, ки пас аз ба шавҳар додани духтар ва бемор шудани ҳамсараш ба пул ниёз дошт, ба ин таклиф розӣ шуд. Дере нагузашта Мансур шишаҳои арақ ва маводи заруриро ёфта омад. Дар таҳхонаи Шодмон корхонаи хуфиёна ба кор шурӯъ кард, ки арақи дастсохт мебаровард.

Ин маҳсулоти дастисохт дар дӯкону ошхонаҳои шахсӣ бо нархи шартномавӣ зуд ба фурӯш рафт.

Лекин, тавре ки дуруст фармудаанд: «Як бор ҷастӣ, малахак, ду бор ҷастӣ, малахак, охир ба дастӣ, малахак!» – сир фош шуд.

12-уми декабри соли 2019 ходимони департаменти мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ ва идораи корҳои дохилии ноҳияи Самарқанд нобаҳангом ба хонадони Шодмон Шералиев омада, қонуншиканро дар сари ҷиноят дастгир карданд. Аз таҳхонаи ӯ 65 дона арақи «Мароқанд»-и 0,5 литра, 25 дона «ROYAL», 13 дона «Кислород», 25 дона сарпӯши пластмассагии шишаи арақ бо иштироки шоҳидон чун далели ашёвӣ мусодира гардид, ки арзиши умумии онҳо 2 миллиону 302 ҳазору 400 сӯм буд.

5-уми марти соли равон дар суди кушоди маъмурии ноҳияи Самарқанд Шодмон Шералиев ба гуноҳаш иқрор шуда, ба ҳайати суд пушаймонии худро изҳор кард. Суд муқаддам суд нашудани Шералиев ва падари се фарзанд буданашро ба инобат гирифта, ба ӯ дар андозаи 50 баробари миқдори камтарини музди меҳнат ҷарима таъин кард, ки он 11 миллиону 115 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад.

**Зафар КАРИМОВ,**
**раиси суди маъмурии ноҳияи Самарқанд.**

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# Адабиёт ва санъат



## ХУМҲОИ БОБОИ ДЕҲҚОН

### (Масал)

Бобои деҳқон дар беруни деҳа, дар боғот низ хонае дошт. Дар пешайвони ин хона ду хуми калон гузошта шуда буд. Деҳқон яке аз хумҳоро аз ғалла лаболаб пур карда буд. Хуми дигар, ки дар шафати ин хум меистод, холӣ монд. Бобои деҳқон хуми мазкурро хобонда монд. Даҳони хуми холӣ ба самти вазиши шамол рост омада буд.

Рӯзҳои дарозу гарми тобистон ба рӯзҳои кӯтоҳу сарди фасли хазон табдил ёфта, ғулғули гӯшнавози андалебонро қар-қари зоғон иваз карда буд. Фасли меҳргон ҳукмронӣ мекард. Навозиши гарми боди сабо мақоми худро ба ғурриши боди сарсарӣ дода буд. Вазиши шамоли тирамоҳ авҷ мегирифт. Аз пешайвони хонаи деҳқон овози воҳимаангезе, ки ба наъраи раъдосои девҳои афсонавӣ шабоҳат дошт, ба гирду атрофи боғот паҳн мешуд. Бонге, ки аз ин пешайвон падид меомад, ба дили рӯбоҳу шағол, гургу силовсин, бабру паланг ва хирсу гуроз барин ҳайвоноти ваҳшӣ воҳима меангехт. Онҳо гумон мекарданд, ки дар пешайвони хонаи бобои деҳқон ҳайвони ваҳшии номаълуме, ки наърааш аз наъраи шери ғуррон садҳо маротиба баланд аст, маскан гирифтааст. Аз ин рӯ, шикорашон барор намегирифт, чунки аз бонги ҳавлангези хум ҳаросида ба боғ, ки роҳи шикорашон аз он мегузашт, даромада наметавонистанд.

Чун хум аз ин ҳоли ҳайвонҳои ваҳшӣ огоҳ гашт, хурсанд шуда ба хуми пурғалла истеҳзоомезона муроҷиат намуд:

– Ту, ки шикаматро аз ғалла пур кардаӣ, ягон кароmat нишон дода метавонӣ?

– Кароматҳи ман ҳамин аст, ки аз ғаллаи ман паррандаву чарандагон ва одамон истифода мебаранд, – гуфт хуми пурғалла. — Дар зимистоне, ки барфи баланд меборад, бобои деҳқон каф-каф ғалларо ба паррандагону чарандагон дода, онҳоро аз гуруснагӣ мераҳонад. Дирӯз худи бобои деҳқон як кӯмочворӣ гандумро бурд. Паррандаву чарандагон ва одамонро аз гуруснагӣ раҳонидан магар каромат нест?

Хуми дарунхолӣ бо тамасхур ба хуми пурғалла гуфт:

– Э, ин каромат-паромат нест. Корҳои маро каромат гӯйӣ меарзад, ҷӯраҷон. Ҳа, бале, бишнав кароматӣ акатро: Аз бонги шиками холии ман шағолу рӯбоҳ, гургу бабр, палангу силовсину хирс меҳаросанд. Аз тарсу бим буз барин дарақ-дарақ меларзанд. Ҳа, ин гап байни худамон монад, дирӯз бегоҳӣ ду кас ба тарафи пешайвон меомаданд. Тундбоде вазиду ман наъра кашидам. Онҳо ба чор тараф ҳаросон нигаристанду аз наъраи ҳавлноки ман тарсида ҷуфтакро рост карданд.

Хуми дарунхолӣ ба тарафи хуми пурғалла кач-кач нигариста, манманиро ба авҷ расонид:

– Мебинам, ки ранги рӯят паридагӣ. Ба назарам, аз наъраҳои ҷонкоҳи «камина» устухонҳои пайкарат дарақ-дарақ меларзанд. Ту худат, ҷӯраҷон, дар асл буздил будӣ. Тарсу, ки ҳастӣ, ҳар наъраи шеронаи ман чун ханҷари ҷигархор ба бандбанди пайкарат мехалад.

Аз ин суханони хуми дарунхолӣ хуми пурғалла дар ҳайрат монду гиребонашро дошта гуфт: «Беҳуда нагуфтаанд, ки нодон худашро таъриф мекунад». Ва ин байтро қироат кард:

*Ҳар саре гардад тиҳӣ*
*бошад дуҳул бо*
*бонгу бам,*
*Ҳон, гапаш холӣ зи*
*маънӣ савти он бод*
*асту дам.*

**Малик КАБИРОВ,**
*ноҳияи Бӯстонлиқ.*

## «КОРИ ҲАМА КАС БАРОБАРИ ҲИММАТИ ӮСТ...»

### ё назаре ба чанд байти пандомези Лоиқ Шералӣ

Панду ҳикматҳо маҳсули таҷрибаи зиндагии мардум буда, дастуру раҳнамои муфиди ҳаётӣ барои наслҳои ояндаанд. Аз ин боис, онҳоро мардум чун дурдонаҳои ақлу тафаккури воло меписандаду ҳифз менамояд.

Дар панду ҳикматҳои шоири шаҳири тоҷик Лоиқ Шералӣ низ масъалаҳои ахлоқу одоб, аз қабили ҷавҳари некӣ, подоши амали хайр, арҷи ростӣ, аҳду вафо, раҳму шафқат, хайру сахо, ҷазои кирдори ношоиста, танқиди дурӯғ, ҳавою ҳаваси ноҷоя, такаббуру мағрурӣ, мазаммати ҳарису бахилони молу ҷоҳ, чоплусону тамаъкорон, сарзаниши айбу нуқсонҳои маънавии одамон ва дигар хислатҳои бади онҳо дар шакли ҳикмат, пандҳои кӯтоҳ, маслиҳатҳои хайрхоҳона баён шудаанд.

Дар ашъори шоир ситоиши хирад ва бузургдошти мардони асили замон мавқеи муносиб дорад. Ӯ тавассути ин гуна суханони ҳикматомез суннати ниёгонро пайравӣ карда, хирадро чун беҳтарин офариниши Офаридгор, раҳнамою сафобахши дилҳо муаррифӣ менамояд. Ба хидматҳои бузургон арҷ гузоштанро хоси мардуми ҳушдору бофарҳанг медонад:

*Бузургонро бузургон зинда медоранд,*
*Бузургонро бузургони дигар*
*поянда медоранд.*

Ба андешаи шоир, фазои одаму одамгарӣ хеле фароху пурдомана буда, мебояд поку ороста бошад. Аз ин боис, мардонагиву шуҷоат, ҳимматбаландиву саховатмандиро дар пардаи баланд тараннум намуда, номардию кӯрнамакӣ, хиёнату ҷафокориро бо нафрату надомат мазаммат менамояд:

*Аз кӯҳ санге чун фитад, сад сангро беҷо*
*кунад,*
*Марде чу номардӣ кунад, сад мардро*
*расво кунад.*

Шоир таъкид мекунад: «Он ҷо, ки дард зиёд аст, бидон, номард зиёд аст». Аз ин рӯ, аз ин ҳикмати амалӣ чунин натиҷа мегирад:

*То пасту баланди зиндагонӣ бошад,*
*Лағжидани мард ногаҳонӣ бошад.*

Ӯ дар ҷодаи мардӣ идора намудани нафсро меъёри асосӣ медонад. Мисли Рӯдакии хирадманд ба сари инсон омадани кулли балоро аз ҷилав карда натавонистани ин ҳирси аждаҳосират медонад:

*Дар ҷаҳон то нафси инсонӣ бувад,*
*Зиндагониву парешонӣ бувад.*

Осори шоир саршори ситоиши сидқу вафо, бузург донистани некӣ, васфи дӯстӣ, қадр намудани инсони ҳақгӯю росткор, дурӣ ҷустан аз бадӣ, эҳтироз аз дӯсти нодон ва амсоли инҳоянд. Тарзи адои шоир дар ин абёт дилнишину гӯшнавоз аст. Онҳо ҳусни маънӣ ва мазмунҳои наҷиб дошта, бо содагии баён, фасоҳату балоғат ва матонати шеваи нигориш ибратпазиранд:

*Ҳар кас зи барои қадри худ тоб хӯрад,*
*Ҳар кас ба кафи хеш зи рӯд об хӯрад.*

Шоир таълим медиҳад, ки накӯкор бошем, он чиро, ки ба худ нек намедонем, ба дигарон низ нек машуморем, аз дурӯғ гуфтан парҳез кунем, кинаҷӯю ҷафокор набошем. Ба қавли ӯ, на ҳама касоне, ки худро ба нафаре дӯсти наздик ҷилва медиҳанд, ботинан дӯстанд. Бино-ан, шоир панд медиҳад, ки дар интихоби дӯст эҳтиёткор бошем, аз дурӯягон, ваъдабозону ваъдахилофон, баддаҳону дасисабозон, ба хусус, аз номардону кӯрнамакон дурӣ биҷӯем, гирди амалҳои паст, аз қабили фиребу қаллобӣ, суханчиниву каззобӣ нагардем. Ин аст, ки бо тамасхур мегӯяд:

*Тоҷикони мо зибаски мардуми олитаборанд,*
*Мекушандат! Бар мазорат дастагул ҳам*
*мегузоранд!*

Шоир айбу нуқсонҳои маънавии одамон ва хислатҳои бади онҳоро бо ҷасорату матонат танқиду сарзаниш менамояд. Бо алфози чида, вожаҳои сара, ибораҳои рехта, таркибҳои гӯшнавоз ва маъниҳои озмуда ҳарисони молу ҷоҳро мазаммат мекунад, дарди бедаво буданӣ дарди ҷоҳталабонро таъкид намуда, панд медиҳад, ки ин тоифаи мардум ахиран «сайди амал» мегарданд:

*Дарди мансаб, дарди шӯҳрат – дарди зӯр,*
*Мешавад дармон фақат дар хоки гӯр.*

***

*Дунёталабон зи макри дунё миранд,*
*Фардоталабон дар раҳи фардо миранд*

Дар бархе аз панду ҳикматҳои шоир масъалаи худшиносиву худогоҳӣ, муросову мадоро ҳам ситоиш меёбад. Шоир ин ҷо низ чун пайрави садоқатманди суннатҳои наҷиби гузаштагон таровишҳои табъи латифи худро тавсеа дода, ҳамзамонони хешро ба ҳушдору соҳибтафаккур будан даъват месозад:

*Ҳар кас гила аз касе кунад, нодон аст,*
*Аз худ гиламандӣ ҳунари мардон аст.*

Ҳадафи шоири рӯҳу равоншинос парвардани ахлоқи шоиста, ташвиқи фалсафаи зиндагӣ ва ба воя расондани инсонҳои бофарҳанги комил аст. Мехоҳад "ҳариси панд давлатманд бошад" (Саъдӣ), зеро:

*Кори ҳама кас баробари ҳиммати ӯст,*
*Умри ҳама кас нишонаи қимати ӯст.*

Чунин байтҳои ҳикматомез дар осори Лоиқ Шералӣ фаровонанд. Мутолиаи онҳо кайфияти гувороеро падид оварда, барои пазируфтани завқи солим мусоидат менамоянд ва ғолибан ба маънавияти инсонҳо, хоссатан, ҷавонон меафзоянд, баҳри чун Инсон ба камол расиданӣ онҳо замина мегузорад. Мо бар онем, ки минбаъд андарзномаҳои шоир дар шакли китобҳои ҷудогона ба табъ мерасанду зарурати баррасии онҳо пеш меояд.

**Абдусалом САМАДОВ,**
**устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, дотсент.**

## Мухтасар дар бораи «Шашмақом» ва сароянд агони он

«Шашмақом» мусиқии суннатии Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Таронаи ин мусиқӣ дар бораи ишқу ирфон аст. Созҳои бакоррафта дар ин мусиқӣ иборатанд аз: рубоб, барбат, доира, даф ва танбӯр.

«Шашмақом» аз мақомҳои бузург, рост, наво, дугоҳ, сегоҳ ва ироқ ташкил ёфтааст. «Шашмақом» гоҳо ба ҳайси мусиқии ҳол ва «Қуръон»-и мусиқӣ ёд мешавад.

***

Соли 2003-юм бо пешниҳоди Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон «Шашмақом» ҳамчун шоҳкории ғайримоддӣ ба Феҳристи шоҳасарҳои созмони байналмилалии ЮНЕСКО ворид карда шуд.

***

Оҳангсозони тоҷик Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов ва Аҳмад Бобоқулов бори нахуст «Шашмақом»-ро ба шакли нота сабт намудаанд.

***

Бухоро ватани «Шашмақом» аст.

***

«Донишномаи «Шашмақом» (зери таҳрири К. Олимов, А. Абдувалиев. Ф. Азизӣ, А. Раҷабов. Н. Ҳакимов.— Душанбе, 2009) бори аввал дар таърихи тамаддуни тоҷик таҳия ва тадвин шудааст. Ин донишнома роҷеъ ба таърих, назария, манобеи хаттии мусиқӣ, чеҳраҳои номвари созу овоз, мусиқидонон, мусаннифон, сароянд агон, навозандагон, нобиғагони мактаби ин ҳунар, равияҳои эҷодию иҷроӣ (шурӯъ аз Борбади Марвазӣ), ки дар ташаккул ва рушди ҳунари волои мусиқии мақомҳо («Шашмақом») нақши муассиру мондагор гузоштаанд, матолиби муҳимро дар бар дорад.

Дар донишнома дар бораи оҳангсозону мақомхонон, ба монанди Бомшод, Борбад, Дарвешалии Чангӣ, Илёси Ноӣ, Кавкабии Бухороӣ, Бобоқул Файзуллоев, Боймуҳаммад Ниёзов, Маъруфхӯҷа Баҳодуров, Фазлиддин Шаҳобов, Ҷӯрабек Муродов, Ҷӯрабек Набиев, Шариф Бобокалонов, Шоҳназар Соҳибов ва дигарон маълумот оварда шудааст.

***

Бино ба фикри Ҳофизи мардумии Ӯзбекистон Ҳасан Раҷабӣ, мақом мероси бебаҳои маънавӣ аст. Ин санъат тӯли асрҳои тӯлонӣ ривоҷ ёфтааст, ба рушди он санъаткорон ва оҳангсозони зиёде саҳм гузоштаанд. Он нафистарин оҳангҳои зеҳнии инсониро дар бар дорад. Биноан, эҳсосу дарки мақом омодагии муайянеро тақозо мекунад. Барои ин бояд аз ҷавонӣ дар дил меҳри мусиқиро парварид, алифбои ниёгон, забонҳои арабӣ ва форсиро хуб донист. Шунидани мақом ҳанӯз маънои дарки онро надорад...

Мақомро ӯзбекону тоҷикон мақом гӯянд, дар Озарбойҷон номи он «муғом» аст, дар Эрон «нубға» бошад, уйғурон «муқом» гӯянд, ки як маъноро ифода менамояд. Баъзеҳо фикр мекунанд, ки ҳар кадом решаи худро дорад. Аммо дар асл решаи оҳангҳои мо яктост, аз як сарчашма об мехӯрад.

***

12-уми май санаи мушаххаси таҷлили ҳарсолаи Рӯзи «Шашмақом» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст.

***

Дар солҳои 20-уми асри сипаригардида дар Самарқанд Л. Бобохонов, Т.Толмасов барин панҷ-шаш нафар ҳофизони машҳури халқӣ буданд. Вале дар байни онҳо Ҳоҷӣ Абдулазиз мавқеи махсус дошт. Дар атрофи ӯ шогирдони зиёде ҷамъ омада буданд, ки бо дутору танбӯру ғиҷҷак ба сурудхонии устод ҳамовозӣ мекарданд. Онҳо аз ин устоди мусиқӣ мақомҳои классикиро меомӯхтанд. Доир ба ин ҳофизи машҳур ва устоди «Шашмақом» асосгузори адабиёти навини тоҷик Устод Садриддин Айнӣ дар мақолааш «Санъаткори бузург», инчунин дар ҷилди IV «Ёддоштҳо»-и худ таҳти номи «Аввалин мулоқоти ман бо Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандӣ» бо самимият сухан рондааст.

***

«Шашмақом» маънои шаш мақом, яъне шаш оҳангро дорад. Бори нахуст онро соли 1923 оҳангсоз ва мусиқишиноси шӯравӣ Виктор Успенский ба нота даровардааст. Дертар дар Ӯзбекистон ин вазифаи таърихиро ҳофизи халқӣ, оҳангсоз ва мусиқишинос, академик Юнус Раҷабӣ ба дӯш гирифт. Дар Самарқанд бо иштироки шашмақомхонони касбӣ ин мусиқии классикиро ба нота даровард ва китоби ӯ — «Шашмақом» иборат аз шаш ҷилд, рӯйи чопро дид.

***

Сурудҳои шӯрангези Ҳоҷӣ Абдулазиз дар иҷрои Ҷӯрабек Муродов умри дубора пайдо карданд ва боз ҳам машҳуртару дилфиребтар гардиданд.

Таронаҳои «Шашмақом»-ро Барно Исҳоқова бо завқи саршор ва маҳорати баланди овозхонӣ иҷро кардааст.

**Бино ба матолиби Интернет таҳия гардид.**

## Ҳалима АҲМЕДОВА

## ТОРИКӢ

### (Ҳикоя)

Боди сарсарӣ аз панҷараи сард ба таҳхона даромаду як давр зад. Аз бӯйи бади армонҳо дилаш беҳузур шуд магар, зуд баромада рафт. Зиндонии орзуҳояш мағорбаста дар таҳхонаи заҳ нигоҳи бемаънии худро ба чакраҳои аз шифт чакидаистода дӯхт – чакраҳои мисли одами беҳис заб-зарди садояшон сард:

– Чак-чик, чак-чик...

Зиндонӣ каме якпаҳлу гардид.

Садои дағалонаи посбон шунида шуд:

– 233-юм, бигир, нонушта!

Садои тарақ-туруқи табақи мисин гувоҳӣ медод, ки дар таҳхона ҳоло ҳаёт давом дорад.

Аммо чаккиҳои зард гӯё ба барги ҳаёти хазоншудаистода механдиданд:

– Чак-чик, чак-чик...

Бӯйи таҳхона омехтаи хуну заҳ буд.

Чашмони ба дарун фурӯрафтаи зиндонӣ дар деворе, ки мисли мори заҳрдор пӯст партофта буд, ба кашидани сурати баҳайбати ноумедӣ оғоз намуд. Сурат ба каждум табдил ёфт ва бо думи каҷи худ ба чашмони фурӯрафта неш зад.

Дард шиддат гирифт. Косаи чашмон аз оби ашки талх пур шуд.

Хобида аз ҷояш якбора хесту қуттии тамокуро, ки дар гӯшае мехобид, ба даст гирифт ва ба даруни он нигоҳ кард: холӣ, нонхӯраке давида баромад. Маҳбус бо нӯги панҷа боло шуду нонхӯракро ба даст гирифта пушти панҷара, ки фазои озод буд, сар дод. Аммо нонхӯрак зуд ба ақиб баргашт...

Акнун каждуми бо роҳи чашм даромада, ба дили маҳбус неш мезад. Ӯ дилашро бо панҷаҳояш дошта пичиррос зад:

– Эҳ, кошкӣ як дона сигор мебуд...

Ин сухани аз лабаш мисли заҳри каждум таровидаро чаккиҳо фурӯ бурданд.

Дар паси панҷара офтоб қаҳ-қаҳа мезад.

Садои ҷорӯби фаррош, ки аз зиндагӣ дарак медод, ба таҳхона нафаси тоза бахшид:

– Хиш-хиш, хиш-хиш, хиш-хиш...

Маҳбуси шитобзада ба панҷара часпид:

– Хола, ҳой, хола!

Садои ҷорӯб лаҳзае қатъ гардид, садои пире — зане, ки ба рӯяш ғам соя афкандааст, ба панҷара наздик шуд. Зан чун дарахти шикаста хам гашт:

– Чӣ мегӯйӣ?

– Илтимос, аз ягон кас як дона сигор гирифта диҳед.

– Чӣ, ту фикр мекунӣ, ки ман дигар кор надорам?

– Илтимос, як дона, – зорию тавалло кард зиндонӣ.

– Барои чӣ нишастаӣ?

– Занамро куштам.

– Вой, нобакор, магар одам занашро ҳам мекушад?

– Вақте хиёнат мекард, ӯро доштам.

– Фарзанд дорӣ?

– Ҳаромияш дар шикамаш мурд.

– Чӣ, ҳоло зани пойгаронро куштӣ? Туро овезанд ҳам кам аст.

– Як дона сигор...

– Бас кун, қотили сангдил, дигар гап назан!

– Барои чӣ? Ман ӯро бениҳоят дӯст медоштам.

(Давомаш дар саҳ.7).⇨



*Чанде қабл дар барномаи консертие, ки таҳти унвони «Мақом ва оҳангҳои классикӣ» аз ҷониби ҳокимият ва раёсати фарҳанги вилояти Қашқадарё дар маҷмаи «Одина»-и шаҳри Қаршӣ ташкил дода шуд, намунаҳои «зинда»-и сурудҳои классикӣ садо доданд. Дар маросими кушоиши чорабинӣ ҳокими вилоят Зоир Мирзоев таъкид намуд, ки мероси маънавии пурбаҳо бобати тарбияи ҷавонон дар рӯҳи гиромидошти мероси ниёгон нақши муҳим дорад.*

*Дар барномаи консертӣ оҳангҳои халқ ва сурудҳое аз қабили «Муноҷот», «Соқиномаи баёт», «Ушшоқ», «Пайдо накардам», «Дугоҳ», «Боғи шамол», «Суратат», «Ироқи Тошканд», «Қашқадарёям» садо доданд.*

*Дар иҷрои «зинда»-и ҳунарпешагони соҳибтаҷриба ва ҷавон савту сурудҳои классикӣ рӯҳи ҳозиринро болида сохт ва дар дили онҳо ҳисси ватанпарварӣ, меҳру оқибат ва накӯкориро бедор намуд.*

***Дар акс:*** *лавҳае аз консерт.*

***Аксбардор: Ҷ.НОРҚОБИЛОВ (ӮзА).***

## Ҳусн ё қубҳ?

Ай шодии дил, хандаи лаб, шавқи нигоҳам,
Ай соят аз чашми бало сатри паноҳам.
Як бор гузар, баҳри Худо, аз гузари мо,
То лаъл шавад санги раҳи кулбаи мо ҳам.
Бе рӯйи ту рӯ тофт зи ман олами рангин,
Якранг шуда рӯзу шабам, шому сабоҳам.
Ай ҳар нигаҳат шӯълаи хуршеди муҳаббат,
Ай ҳар суханат ҳодиву ҳам тӯшаи роҳам.
Бе ишқи ту бо ин ҳама саҷҷода фасурдан,
Билло, ба Худо, ғарқи гунаҳ, ғарқи гуноҳам.
Бо ақл бипайвастаму аз дил, ки гусастам,
Бо чашми дарунбин нигар ин рӯҳи табоҳам.
Ин ақл, ки як дилшикани сангмизоҷ аст,
Афсӯс, шикас(т) ҷавҳари эҳсоси маро ҳам.
Дар синаи пи(р) қалби ҷавон! Ҳусн ва ё қубҳ?
Танг аст басе ҳоли дилу ақли расо ҳам!

**Масъуди МИРЗО,**
*шаҳри Фарғона.*

## СӮХ

Диёри ишқу имонӣ, аё Сӯх,
Ба ҷисми шоирон ҷонӣ, аё Сӯх.
Назаргоҳи Худованди азизӣ,
Биҳишти Ӯзбекистонӣ, аё Сӯх.

**Садриддини ҲУШЁРӢ,**
*ноҳияи Сӯх.*

## САНГРЕЗАҲОЯТ МУҲРАҲОИ ТАСБЕҲАНД...

### (Тарона)

*Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,*
*Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.*

Ай пораи хоки Ватан, ай мояву ифтихору номусам, Бойсун! Туро Бойсун, Бойшин, Басанд ё Басванд гӯянд. Ту бо кадом ном набошӣ, бароям азизу муқаддасӣ. Кӯҳи Фарҳодат бо ҳама ҳашамату салобати хеш гӯё посбону нигаҳбони сулҳу салоҳ, осоишу пирӯзии мост.

Бароям ҳар зарра хокат, ҳар қатра обат, хору хасат, санги роҳат сарвати бебаҳост. Сангрезаҳоят муҳраҳои тасбеҳро монанд, ки дар каф доштани онҳо вуҷудамро ба Аллоҳ мепайвандад.

Чаҳ-чаҳи мурғони хушилҳонат, садои нотакрори шаршараҳоят, қуллаҳои осмонбӯсат, арчазорони ҳамешасабзат, оби зулоли чашмаҳои нуқраосоят, бӯйи рӯҳбахшу ҷонфизои гиёҳҳои нодират, накҳати зира, гулҳои рангорангу ҷаззобат, садои нойи чӯпонҳову барраву бузғолаҳоят, хандаҳои шӯху беғубори духтарони ҳурлиқоят дар ягон гӯшаву канори дунё ба чашм намерасад. Ин ҳамаро Худованд гӯё барои ту офарида.

Бойсун, макони зебоманзари ман! Мардумонат чӣ дилёбу дидадаро, ҳунарманду оқил, меҳмоннавозу дилкушоданд. Дасторхони кушод, дили беғаш доранду меҳмонро сахт гиромӣ медоранд, ғизои беҳтаринашонро назди меҳмон мегузоранд. Ҳашар дар тору пуди вуҷудашон ҷо гирифтааст. Дар роҳи Худо, дар роҳи савоб якдилу якҷон омодаи кор ҳастанд. Кӯмак ба дармондагону ниёзмандонро барои хеш шараф медонанд.

Бойсун, ту модарамро мемонӣ. Дар канори ту чун дар канори модар бароҳат хобида метавонам. Фикр мекунам, чун себу биҳӣ, анору анҷир, ангуру нок, ношбӯтиву олуи ту меваҷоти шаҳдбор дар ягон гӯшаи дунё нест.

Хоки илмпарвару адабпарвари туст, ки аз канорат фарзандони бафарҳанге ба камол расидаанд. Туро ватани паҳлавону таҳамтанон низ мегӯянд, ки ҳақ асту рост. Туӣ, ки дар баробари нобиғаҳои илму фарҳанг диловарону паҳлавонҳои номиро дар доман парваридаӣ. Шуҷоату корнамоиҳои онон ҷаҳониёнро лол гардондааст.

Бойсун, ту Ватан андар Ватанӣ, як гӯшаи биҳиштосои Ӯзбекистони манӣ. Худоё, ҳамеша сарсабзу шукуфон бимонӣ!

**Раҳматуллоҳи ШОҲИМАРДОН,**
*ноҳияи Бойсун.*

## Ҳикматҳои Абдуллоҳи Ансорӣ

То ту маро бад хоҳӣ ва худро нек, на маро бад ояд, на туро нек.

***

Асли висол дил аст, боқӣ ҳама заҳмати обу гил аст.

***

Толиби илм азиз аст ва толиби мол залил.
Илм бар сар тоҷ аст ва ҷаҳл бар гардан ғул.

***

Илм он аст, ки ҳақ бар дил резад.

***

Ҷӯянда гӯянда аст ва ёбанда хомӯш.

***

Ҳар чӣ ба забон ояд, ба зиён ояд.

***

Ошиқро як бало дар рӯй ва дигаре дар камин аст ва доим бо дарду меҳнат қарин аст.

***

Дар ҷавонӣ мастӣ, дар пирӣ сустӣ, пас Худоро кай парастӣ?

Таҳияи
**Ҳамидҷон ҲОМИДӢ.**



### Академик Муҳаммадҷон ШАКУРӢ:

# АЙНӢ ПЕШВОИ МАЪНАВИИ ТОҶИКОН

*Ин суҳбат бо донишсолор Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой, ки зодаи хонадони парвардаи мактаби Устод Айнӣ аст, беш аз даҳ сол пеш анҷом дода шудааст. Ҳоло акнун академик ва ҳам яке аз мусоҳибон дар қайди ҳаёт нестанд. Дар ин мусоҳибаи доманадор ба бисёр саҳифаҳои ҳаёти Устод Айнӣ, ки то ҳанӯз норавшан боқӣ монда буданд, рӯшанӣ андохта мешавад.*

**– Шумо, ки устод Айниро беҳтар мешиносед, суҳбатро аз баҳси сари соли таваллуди устод Айнӣ шурӯъ намуданием. Оё соли 1875 эълон намудани соли таваллуди эшон зарурат дорад?**

– Бояд гуфт, худи устод Айнӣ медонистанд, ки таваллудашон 1875 аст, вале дар ин бора чизе нанавиштаанд, балки бо сабти соли таваллуди 1878 ҳуҷҷатҳо хонапурӣ кардаанду шиноснома гирифтанд. Пас, барои тағйир додан ё баҳс намудани соли таваллуди устод Айнӣ ҳоҷате нест. Чи хеле ки мегӯянд, дар ин бобат «ихтиёр дар дасти бахтиёр аст». Синни банда ҳам, масалан, аз ҳуҷҷатҳои расмӣ 3 сол зиёд аст.

**– Вақтҳои охир дар бораи Инқилоби Октябрро бо чӣ рӯҳия пешвоз гирифтани устод Айнӣ ақидаҳои мухталиф пайдо шудааст. Аз асарҳои худи устод ва ҳамзамононаш хондаем, ки Айнӣ ҳамчун маорифпарвар, ҳатто зидди намоишҳои оммавии ислоҳотхоҳон будааст. Пас, чӣ шуд, ки устод Айнӣ ба Самарқанд омаданду ба маслаки сиёсӣ рӯ оварданд, инқилобро бисёр ситоиш карданд?**

– Домулло Айнӣ солҳои аввали фаъолияти маорифпарвариашон ба масоили сиёсӣ чандон таваҷҷӯҳ надоштанд, фикру андешаи эшон ба чӣ роҳе ба саводомӯзию мактабхонӣ ҷалб намудани мардум, ба хусус ҷавонон, яъне ба таҳаввулоти афкор, бештар банд будааст. Вале раванди ислоҳотхоҳии рӯшанфикрони Бухоро ва муносибати беэътиноёнаи аморат ба талабу дархости аҳли ҷомеа, ниҳоят, дар ин роҳ кушта шудани бародарашон Сироҷиддин ва гурӯҳе аз ҳаммаслаконашон, ба фикрам, дар андешаҳои домулло Айнӣ тағйирот ба амал овард. Дар ҳамин ҳол низ, домулло Айнӣ ба инқилобхоҳони Бухоро, масалан, бо сарварони Ҳизби ҷавонбухориён Ф. Хоҷаев, Ҳамдӣ, Мунзим, ки шиносии хуб доштанд, наздикӣ наҷустаанд, шояд бо сабаби ҳамақида набудан дар мавриди шеваҳои мубориза. Аз навиштаҳои домулло Айнӣ пайдост, ки инқилоби февралу инқилоби октябрро нағз пешвоз гирифтанд, ҳол он ки на ҳамаи рӯшанфикрони Бухорову Самарқанд, чунин ақида доштанд. Масалан, Беҳбудӣ инқилоби октябрро напазируфтааст.

Домулло Айнӣ баъд аз инқилоб дигар ба Бухоро барнагаштанд, дар Самарқанд бо корҳои мактабдорию маорифпарварӣ машғул шуданд, ягон мансаби расмӣ низ қабул накарданд, ғайр аз Абдуқодир Муҳиддинов, дигар бо ягон нафаре аз сарварони ҳам инқилоби Бухоро ва ҳам ҳукумати нав, муносибати дӯстонаи наздик надоштанд.

**– Устод Айнӣ бо падари Абдуқодир Муҳиддинов – Мирзо Муҳиддин Мансурзода чӣ гуна муносибат доштанд?**

– Дар нисбати Мансурзода эҳтироми зиёд доштанд, Мансурзода низ домуллоро ҳурмат мекард.

**– Пас чаро вақте Мирзомуҳиддин Мансурзода рӯзномаи «Бухорои Шариф»-ро таъсис дод, устод Айнӣ бо «Бухорои Шариф» ҳамкорӣ накарданд?**

– Мансурзода ва домулло Айнӣ ва ҳаммаслаконаш дар таъсиси макотиби нав ва баровардани хароҷоти мактабҳо бевосита ёрдам мекард. Лекин дар мавриди ҳамкориашон бо Мансурзода дар «Бухорои Шариф» домулло Айнӣ ишораи хаттӣ надоранд. Тахмин кардан мумкин аст, ки ин ду сабаб дошта бошад. Аввал, шояд муассисону муҳаррирони «Бухорои Шариф» барои кӯмак ё ҳамкорӣ муроҷиат накарда бошанд. Дигар, домулло Айнӣ шахси бисёр эҳтиёткор буданд, ҳарчанд мактаби нав кушодану муаллимӣ кардан, дар он шароит худ ҷасорат тақозо менамуд. Замона бисёр танг буд.

Агар таваҷҷуҳ дошта бошед, дар шеърҳои пеш аз инқилобии Айнии шоир танқиди иҷтимоӣ, ҳамон гунае, ки ҷанбаи танқидии эҷодиёти Аҳмади Дониш ё ин ки дигаронро ташкил менамояд, дида намешавад. Танқиди иҷтимоӣ дар ашъори Айнӣ асосан баъди ҳодисаҳои сахти ба сарашон омада, аз ҷумла, баъди кушта шудани бародар ва маҳбусии худашон, рӯй задааст.

**– Дар ин байн устод Айнӣ аз Бухоро ба Самарқанд кӯчида, аз дӯстонашон Мунзим, Ҳамдӣ, Меҳрӣ. . . дур афтода, ҳамроҳи кӣ буданд?**

– Домулло Айнӣ дар Самарқанд бо дӯстони самарқандӣ ҳамкорӣ доштанд. Масалан, бо Шакурии Самарқандӣ, ки аз асосгузорони мактаби нав буд, муаллимӣ карданд, дар рӯзномаю маҷаллаҳои давр «Ҳуррият» , «Шӯълаи инқилоб» ва матбуоти ӯзбекӣ иштирок доштанд. Аз дӯстони ҳамнабарди пешазинқилоб, ки дар Бухоро буданд, на бо ҳамаашон муомилаю муносибати ҳасана доштанд.

Ба домулло Айнӣ муносибати пурихтилофи сарварони маҳаллии Ҳизби болшевикону Ҳизби ҷавонбухориён маъқул набуд. Ҳатто, баъде, ки комиссиони махсус бо роҳбарии Куйбишев дар Тошканд болшевикону ҷавонбухориёнро оштӣ дод, домулло Айнӣ ба самимияти «ҳамдигарфаҳмии» ҳизбиён чандон бовар накарда, «онҳо гургоштӣ шуданд», навиштаанд.

**– То ҷое, ки огаҳӣ дорем, устод Айнӣ ба ягон ҷараёни сиёсӣ ҳамроҳ набуданд?**

– Домулло Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» менависанд, ки моҳи июни соли 20-ум, бо даъвати коммунистони Бухоро ба Тошканд рафтанд ва муддати як моҳ шиору даъватнома, баёнияву дигар навиштаҷоти онҳоро таҳия намудаанд. Аз ин мебарояд, ки домулло Айнӣ хоҳишу илтимоси дӯстону шиносҳои қаринро рад намекарданд, ҳарчанд ба ягон ҳизб ё ҳаракати сиёсӣ ҳамроҳ набуданд.

**– Устод Айнӣ то шумораи 23-юми ҳафтаномаи «Шӯълаи инқилоб», ки бо маслиҳату машварати аҳли зиёи Самарқанд таъсис шуда буд, иштироки фаъол надоштанд, яъне ба ғайр аз шеъри «Самарқанду Бухоро», чизи дигар нанавиштаанд. Сабаби ин дар чӣ бошад?**

– Ба фикрам, дар ин ягон сабаби маслакие, ки гуфтаниед, набудагист. Боз ҳам шояд кӯмаки домулло Айнӣ лозим нашудааст, пас домулло аз пеши худ ба ҳамкорӣ нашитофтаанд. Дар шурӯъи фаъолияти «Шӯълаи инқилоб» кӯмаки домулло Айнӣ зарур набудааст, вале дар «Ҳуррият», «Ойина», «Самарқанд» шеърҳое ба табъ расонидаанд. Дуруст дарёфтед, ки фаъолияти рӯзноманигории домулло Айнӣ аз шумораи 23-юми «Шӯълаи инқилоб» оғоз меёбад ва навобаста аз напайвастан ба ҳаракати сиёсие, мақолаву нигоришоти сиёсии ҷиддӣ навиштанд. Барҳақ, бедории сиёсии домулло Айнӣ дар ҳамон «Шӯълаи инқилоб» сар зад.

**– Баъд аз инқилоб устод Айнӣ дар Самарқанд мезистанд. Оё бо Бухоро робитаю рафтуомади мунтазам доштанд?**

– Албатта, рафту омади доимӣ набошад ҳам, робита доштанд. Бино ба маълумоти Тӯрақул Зеҳнӣ, барои навиштани «Намунаи адабиёти тоҷик» домулло Айнӣ аз китобхонаи Садри Зиё 6 китоб гирифтаанд. Бори дигар барои навиштани мақола дар бораи китобхонаи Садри Зиё ва аккосии он барои маҷаллае, домулло Айнӣ ва Тӯрақул Зеҳнӣ ҳамроҳи фотографе ба Бухоро омадаанд. Зимистон будааст (ба сурати нодире, ки охирҳои соли 1925 дар хонаи Садри Зиё аксбардорӣ шуда, дар девори хонааш овезон аст, ишора намуда), дар мобайн сандалӣ ҷойгир аст, гирдогирд рафҳои китоб. Мақола ба табъ расида бошад, ё не, намедонам, лек ҳамин сурати ягона бо қиблагоҳ, ба ёдгор мондааст. Дарвоқеъ, асли сурат дар дасти Камол Айнӣ аст, ки нусхабардорӣ кардам. Худораҳматӣ Муҳиддин Олимпур аз рӯйи он чанд нусха негатив сохта, ба ҳамин шакл чоп кард.

**– Шумо дар ин сурат чандсола ҳастед?**

– Ҳанӯз яксола ҳам набудам. Чун ман моҳи феврали соли 1925 таваллуд шудаам, ин ҳолат моҳи декабри соли 1925 аксбардорӣ шудааст.

**– Баъди ба воя расидан, вохӯрии нахустинатонро бо устод Айнӣ ёд доред?**

– Албатта. Дар як мақолача ҳам навишта будам, он вохӯрии фаромӯшношуданӣ аст. Дар Донишкадаи педагогии Душанбе таҳсил мекардем. Як рӯзи баҳор буд. Саидмурод ном додари Мирзо Турсунзода, ки бо мо мехонд (аз тақдири минбаъдааш огоҳ нестам), гуфт, ки домулло Айнӣ омадаанд, дар дачаи ҳукуматӣ ҷойгир шудаанд, биёед, ба зиёраташ равем.

Дачаи ҳукуматӣ, ҳамин бӯстонсарои имрӯзаи ҳукуматӣ буд, он вақт фақат ду бинои рӯбарӯйи якошёна ва миёни боғ фаввора дошт. Он солҳо меҳмонони олиқадр, мисли Брагинский, Павловский, ҳангоми сафар ба Сталинобод, дар ҳамин бӯстонсаро мезистанд.

Пас аз чанде баҳсу мунозира, ки оё ба назди Айнӣ барин шахси бузург рафтани мо – донишҷӯён, густохӣ намешавад, ману Саидмурод, се-чор шарикдарсон ва муаллими ҷавон Набиҷон Сатторӣ ба зиёрати домулло рафтем.

**– Донишҷӯёни курсҳои гуногун будед?**

– Бале, аз курсҳои сеюму чорум. Моро ба як толори на чандон калон даровroutine, ки курсиҳо гузошта шудааст. Ман дар курсии аз ҳама охир нишастам. Домулло Айнӣ дар курсии рӯ ба рӯйи мо нишастанд. Чун фаҳмиданд, ки мо шогирдони Донишкадаи педагогием, як-як аз кадом шаҳру ноҳия ба таҳсил омаданамонро пурсиданд. Навбати шиносоӣ ба ман расид, гуфтам аз Бухоро ҳастам.

Гуфтанд: – Э, аз куҷои Бухоро?

– Аз гузари Чорҳалоқсой.

Пурсиданд:

– Фарзанди кӣ ҳастӣ?

Гуфтам:

– Фарзанди Садри Зиё.

Ҳамин лаҳза чашмонашон гӯё барқ заду бисёр хурсанд шуданд.

– Номат чӣ?

– Муҳаммадҷон.

– Муҳаммадҷон, падаратон чӣ хел вафот карданд?

«Гӯё, ки намедониста бошанд, албатта медонанд, хабарашон будагист»,– аз дил гузаронидам, вале инро вонамуд накарда, ҷавоб додам, ки соли 32 ҳабс шуданд, барои тилло, маъракаи аз халқ тилло ҷамъ кардани ҳукумат. Модарам баъд озод шуданд, лекин падарам дар ҳамон ҷо вафот карданд.

Домулло Айнӣ бодиққат гӯш карданду баъд гуфтанд, ки «Муҳаммадҷон, фаромӯш накунед, ки падаратон бо айби сиёсӣ нарафтаанд, ана ҳаминро фаромӯш накунед».

Он вақт албатта, сарфаҳм нарафтам, ки ин гап чӣ маънӣ дорад. Лекин баъдтар маълум шуд, ки падарам гуноҳи сиёсӣ надоштаанд, зидди давлати Шӯравӣ ягон кор накардаанд, фақат барои мусодираи тилловорӣ, яъне сармояашон, ба ҳабс маҳкум гардидаанд. Инро баъд фаҳмидам, ман дар ягон ҳолат, ҳангоми дохилшавӣ ба комсомол, дигар маҳфилу маҷлисҳо, пинҳон накардаам, ки падарам дар зиндони Шӯравӣ вафот кардааст. Лекин ҳама вақт ҳамин гапи домулло Айнӣ дар гӯшам садо медод.

Баъди ҷараёни ҳамон муколамаи мо дигар ҳамроҳон гӯё фаромӯш шуданд. Домулло фақат бо ман ҳамсуҳбат шуданд. Аз ину он хешу табори мо мепурсиданд, чун ман намешинохтам, худ нақл мекарданд, ки ин хел одам буду он хел кор мекард, бо фалонӣ он ҷо рафта будему фалонӣ ба шеъру шоирӣ ин хел муносибат дошт...

Хуллас, ҳамин хел хеле пурсиданд. Охир диданд, ки аз ман ҳеҷ гап намерӯяд, худашон ҳам монда шуданд. Афсӯс, ки он вақт магнитафон гуфтагӣ чиз набуд, аз саросемагӣ бо худ қаламу коғаз ҳам нагирифта будем, ки он суҳбати муфассали домулло Айниро сабт намоем.

**– Ба мулоқот ё суҳбати устод Айнӣ боз кай мушарраф гардидед?**

– Агар мулоқоти якумамон соли 1945 бошад, дидори навбатӣ бо домулло Айнӣ соли 1948 ба вуқӯъ пайваст. Ба аспирантура дохил шуда будам, доир ба осори Саидаҳмадхоҷа Аҷзӣ мавзӯи тадқиқоти илмӣ интихоб намуда, бо ҳидояти роҳбари илмиам Холиқ Мирзозода озими Самарқанд шудам. Мирзозода маслиҳат доданд, ки дар Самарқанд шахсоне ҳастанд Аҷзиро хуб мешинохтанд, баъзеяшон зинда, баъзеяшон зиндон шудаанд, вале устод Айниро ҳатман бояд бубинам.

Пештар аз ин, ман ба домулло Айнӣ як нома навишта, дар бораи Аҷзӣ баъзе чизҳоро пурсида будам. Он кас ба мактуби ман ҷавоб доданд, ҳамон номаи домулло Айниро баъдтар дар китоб ҳам ба табъ расонидам. Ҳамту гирем, дар Самарқанд ба ҷуз домулло Айнӣ касеро намешинохтам, бинобар ин, рост хонаашон рафтам. Ҳамон ҳавлие, ки ҳоло Хона-музейи Айнӣ аст. Дар мобайни хонаи калон, як мизи калон буд, паси ҳамон миз нишастем. Камолиддин – писарашон дар паҳлӯям шишту чой дароз кард. Ҳамон вақт дидам, ки ҳангоми чой дароз кардан, дасти Камолиддин андак меларзид. Баъд домулло Айнӣ берун баромаданд. Чашмам ба доруҳои қатору шишапеч афтод, ки рӯйи ҳар кадом бо хати форсӣ чизе навишта. Яктояшро синча карда, «доруи нафас», «доруи нафаскашӣ» хондам. Яъне, домулло касалии диққинафас доштаанд.

Баъд суҳбатамон асосан дар бораи Аҷзӣ шуд. Илова ба ҳамон номаашон, ҳеч чӣ иловагӣ гап назаданд, фақат гуфтанд, ки фалон ҷой, пеши фалон кас меравӣ. Як ҳамкорамон, ки худ зодаи Самарқанд буд, маро роҳбаладӣ мекард. Ӯ маро ба назди як нафар бурд, ки мувофиқи гуфтаи домулло Айнӣ, дар бораи Аҷзӣ маълумоти зиёд дода метавонист. Вале саволҳои мо беҷавоб монд. Гапи он шахс фақат «ман намедонам», «дар ин бора чизе гуфтан наметавонам» буд. Баъд фаҳмидем, ки ӯ аз ҳабс нав озод шуда будааст, чун таъсири руҳияи ҳамон солҳо, ба шахси барояш ношинос, бо шубҳа нигоҳ мекардааст.

**– Устод Айнӣ ба мушкилоти мавзӯи кори илмии Шумо мароқ зоҳир накардаанд?**

– Дар ҳамон мактуби ёдрасшуда навишта будам, ки барои таҳқиқ ҳамин хел мавзӯъро интихоб намуданиям, оё дар «Ёддоштҳо» доир ба Аҷзӣ чизе менависед? Умуман, дар бораи Аҷзӣ чӣ фикр доред, ӯ аз адибони ҳамзамонаш бо кӣ, чӣ гуна муносибат дошт?

Домулло Айнӣ аз нақли каси дигар нақл карданд, ки Аҷзӣ дар зиндагӣ шахси фаъолу шоири нағз буд, лекин бо Беҳбудӣ муносибаташ чандон хуб набудааст. Он вақтҳо Беҳбудӣ бо тамғаи «душмани халқ» бадном гардида буд, шояд барои сафед кардани Аҷзӣ инро махсус таъкид карда бошанд. Вале ин гап ҳақиқат ҳам дорад. Зеро Аҷзӣ шахси ҳам бо хешону дӯстон, ҳам бо ҳамкасбонаш, сахтгап будааст. Шояд бо ҳамин сабаб, Беҳбудӣ ҳам ки одами доно, кордону забондон буд, мағрур низ доштааст, аз Аҷзӣ кам омадан нахостааст.

Домулло Айнӣ аз мавзӯи кори илмиам пурсида буданд. Ман дар мавридаш боз пурсидам, ки оё Аҷзӣ ба «Ёддоштҳо» дохил мешавад? Гуфтанд ҳанӯз намедонам, ба ҳамон давра, ки омадам, шояд ба ягон муносибат чизе қайд намоям, лекин махсус дар бораи вай ҳеч чиз наменависам.

**– Устод Айнӣ бо Аҷзӣ шиносоии наздик доштанд?**

– Аз рӯйи оҳанги гапҳояшон шиносоии он қадар наздик надоштаанд.

**– Дар мавриди тақдири минбаъдаи ҳуҷраи барои устод Айнӣ харидаи Садри Зиё – падаратон, ки гӯё дар даврони Шӯравӣ вайрон карданӣ шуданду баъди мактуб навиштани Шумо нигоҳ доштаанд, метавонед равшанӣ андозед?**

– Домулло Айнӣ дар ошёнаи дуюми мадрасаи Кӯкалдош як ҳуҷра доштанд, вале ориятӣ. Баъде, ки аз он ҷо домуллоро пеш мекунанд, чанд вақт бехонаву беҷо мемонанд. Он вақт падарам дар Қаршӣ қозӣ будаанд, ҳамон ҷо мефаҳманд, ки Айнӣ дар кӯча мондааст, аз ҳамон Кӯкалдош як ҳуҷра харида медиҳанд. Домулло Айнӣ аз ҳамон вақт – соли 1917, яъне, аз зиндонӣ шудану 75 даррачӯб хӯрдан, дар ҳамон ҳуҷра будубош доштаанд.

Ҳар дафъа Бухоро рафта медидем, ки дари ҳамон ҳуҷра доим қулф аст. Боре ҳангоми сафари Бухоро, хостам ҳуҷраи домулло Айниро даромада бинам. Раҳимҷон (профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро Р. Воҳидов), ки моро роҳбаладӣ мекард, ҳар бор иҷрои хоҳиши моро ба рӯзи дигар мегузошт. Рӯзи сеюм ноилоҷ моро сӯйи ҳуҷрае, ки директори музей менишастааст, роҳбаладӣ намуд. Баъди шиносонидани мо ба директори музей, гуфт, ки ин кас ҷойгиршавии ҳуҷраи домулло Айниро аниқ медонанд. Ман гуфтам ҳамон, вай гуфт, ки не, ана ҳо, дар ошёнаи дуюм. Китоби «Ёддоштҳо»-ро, ки дар дасташ буд, кушода, саҳифаҳои ба тасвири ҳуҷраҳои мадрасаи Кӯкалдош бахшидашударо қироат намудем. Баъд гуфтем, ки «Мухтасари таҷумаи ҳоли худам» ва ҷилди якуми куллиёти домулло Айниро низ як назар кунем.

– Лозим не, шарт не, ин кас фаҳмиданд,– безобита шуд Раҳимҷон.

Баъд фаҳмам, ҳуҷраи аслии домулло Айниро канда, ташноб сохтаанд, бинобар ин, Раҳимҷон ин қадар кӯшиш доштааст, ки меҳмонони душанбегӣ нафаҳманд, ин аҳволро набинанд...

Ҳангоми дафъаи дигар ба Бухоро рафтанамон, дидем, ки ҳамаро тоза карда, баъзе чизҳои ҳуҷраи домулло Айниро, ба мисли офтобаву коса, чойнику пиёла, ёфта мондаанд. Ҳамон ҳуҷраи домулло Айнӣ чун музей, ба фикрам, ҳоло ҳам ҳаст. Дар паҳлӯйи як ҳуҷраи дигар, ҳуҷраи Икромӣ буд, баъди вафоти Икромӣ чӣ ҳол дошта бошад, намедонам.

**– Чӣ хел, ҳуҷраи Ҷалол Икромӣ дар он ҷо?**

– Баъд аз инқилоб мадрасаи Кӯкалдош як гуна мактаби ҳунаромӯзӣ шуда будааст, ба мисли омӯзишгоҳ. Ҷалол Икромӣ чанд вақт дар Бухоро таҳсил ва дар яке аз ҳамон ҳуҷраҳо чун донишҷӯ зиндагӣ кардаанд.

**– Оё он ҳуҷраҳо навиштаҷоти унвонӣ доранд?**

– Ҳамааш не, дар ҳуҷраи домулло Айнӣ ҳасту дар дигарҳояш не. Вале дар ҳамон музей суратҳову акси Садри Зиё ҳаст. Дар бораи домулло Айнӣ ва таърихи мадраса навиштаҷоту аксҳо ҳастанд.

**– Вале оё шарҳи чӣ тавр соҳиби ҳуҷра гардидани устод Айнӣ дар он навиштаҷот ҳаст?**

– Не, ин гапҳо нест, танҳо навиштаанд, ки Садриддин Айнӣ аз фалон сол то фалон сол дар ин ҷо таҳсил дошт.

**– Баъде, ки устод Айнӣ аз Самарқанд ба Душанбе омаданд, оё Шуморо суроғ кардаанд?**

– Ҳа, як бор худашон ҷеғ заданд маро.

**– Ин мулоқотатон бо устод Айнӣ кадом сол буд?**

– Соли 1946 рисолаи домулло Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил» дар якчанд шумораи маҷаллаи «Шарқи сурх» ба табъ расид. Вале дар байн қариб ду сол гузашту ҳеч не, ки дар шакли китоб чоп шавад.

Тахминан тирамоҳи соли 1951-52 буд. Дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ кор мекардем. Аз ҷониби маъмурият эълон карданд, ки китоби ба чоп омодаи домулло Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил» муҳокима мешавад ва мо, кормандони институт, мусаввадаи онро бояд хонем, то ки дар маҷлис фикру мулоҳизаҳоямонро баён дорем.

Муллоҷонови Шаҳристонӣ (падари Маъсуд Муллоҷонов), ки аз идораи Главлит ба нафақа баромада, ба Институти забон ва адабиёт ба кор омада буд, ба дастнависи китоби мазкури Айнӣ тақризи манфӣ навишта будааст, бинобар ин, моро бисёр ташвиқ мекард, ки дар рӯзи муҳокимаи китоби Айнӣ камбудиҳои онро бигӯем. Муллоҷонов ба мо мегуфт, ки шумо – ҷавонҳо марксизмро медонед, реализми сотсиалистиро мефаҳмед, ин мӯйсафедони мо гапҳои замони навро дуруст сарфаҳм намераванд, масалан, ҳамин китоби Айнӣ дар фалон саҳифааш гапи нодуруст дорад, дар фалон саҳифааш ғалат рафтагӣ.

Баъди чунин суханони Шаҳристонӣ, ки ҷавононро таърифу мӯйсафедонро танқид мекард, моро ё шердил сохт, ё кунҷковии ҷавонӣ боло гирифт, ҳаройина, бо қасди камбудӣ ёфтан, ба мутолиаи «Мирзо Абдулқодири Бедил» пардохтем.

Дар муқаддимаи ин китоби домулло Айнӣ дар бораи Ҳиндустон ҳамчун ватани афсонаҳои Шарқ, сарзамини парвардаи намояндагони бузурги адабу фарҳанги дунё сухан меравад. Ман «камбудӣ ёфта» дар рӯзи муҳокима гуфтам, ки домулло Айнӣ Ҳиндустонро ватани афсонаҳо номидаанд, ҳол он ки Ҳиндустон кишвари озоду мустақил шуд, акнун Ҳиндустон фақат ватани афсонаҳо нест.

**– Дар маҷлис китоби устод Айниро танқид кардед?**

– Ҳа-дия. Домулло Айнӣ дар Сталинобод буданд, вале ба маҷлис наомаданд. Дар маҷлис Абдусалом Деҳотӣ, ки муҳаррири ҳамон китоб буданд, маърӯза хонданд. Хуллас, дар он рӯз Деҳотӣ китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил»-ро бисёр таъриф карданд. Дар қатори бисёриҳо, ки аксаран китобро ҳамчун як асари арзишманд баҳо доданд, банда ҳам чанд сухан гуфтам, ба маъное, ки замона дигар шудаасту устод Айнӣ ҳанӯз аз Ҳиндустон фақат афсона мекобанд.

**– Ба ин эроди Шумо Абдусалом Деҳотӣ чӣ вокуниш доштанд?**

– Аз сухани ҷамъбастии Деҳотӣ фаҳмидам, ки ин гап ба Деҳотӣ маъқул нашудааст. Ҳангоми ҷамъбасти маҷлис, ки барои чопи китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» қарор шуд, ҳамчунин фаҳмидем, ки Шаҳристонӣ тақризи манфие навишта, муқобили чопи китоб будааст.

**– Баъд китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» чоп шуд?**

– Албатта, эроду хурдагириҳои тақризро як-як дар ҳамон маҷлис рад карданд. Ба қарори ҳамон маҷлис китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил»-и домулло Айнӣ бо тиражи калон ба чоп расид. Лекин афсус, шояд бо сабаби эроди камина, сарсухани ин китоб партофта шудааст. Сарсухан бисёр муҳим буд, банда бисёр афсус мехӯрам, ки ба сабаби эроди ман ин сарсухан дар китоб чоп нашуд (аммо дар маҷаллаи «Шарқи сурх», соли 1946 чоп шуда буд).

**– Пас аз танқидатон устод Айниро надидед?**

– Э, танқиди чӣ? Он вақт мо бача будем, одамҳоро намефаҳмидем... Баъди чанд рӯзи ҳамон маҷлис Холида Айнӣ, ки дар институт ҳамкор будем, ба ман гуфтанд, ки «Домулло мехоҳанд Шуморо бинанд».

Бо худ гуфтам, бисёр хуб шуд, ки худи домулло даъват мекунанд, зеро ба чанд савол мехостам аз домулло Айнӣ ҷавоб пайдо намоям. Аз тарафи дигар, дилам хиҷил буд, ки ҳамон гапҳои маҷлис то домулло расида бошад, чӣ мегӯянд?

Хуб, дар вақти таъин намудаашон, қаламу дафтарамро гирифта, ба ҳузури домулло Айнӣ рафтам. Домулло дар паси мизи барқади миёни хона, рӯйи диван дароз кашида буданд. Нимхез шуда, гуфтанд, ки «нотоб ҳастам, мебахшед, аз ҷой намехезам» ва баъди аҳволпурсӣ ба курсии рӯ ба рӯ ишора намуданд. Дар курсӣ нишаста, дафтарамро кушодаму суолҳоямро додан гирифтам, домулло ба суолҳо батафсил ҷавоб доданд. Гарчанд дафтар дар пешам буд, аз тарси он ки суҳбати домулло халал наёбад, ба навиштан ҷуръат накардам, гӯшу ҳуш шуда нишастам.

Баъд пурсиданд, ки ҷавоби ин суолҳо ба Шумо чӣ даркор? Ман гуфтам, ки барои кори илмие, ки аз пасаш ҳастам.

– Дар чӣ мавзӯъ кор карда истодаед? – боз пурсиданд.

Номи мавзӯъро гуфтам. Гуфтанд, ки ҳа, ҳа, нағз, вале мавзӯи хурд аст ин, худро бо мавзӯъҳои хурд овора накунед, мавзӯъҳои калони ҷиддӣ гирифтан даркор, ҷиддӣ шишта кор кардан даркор, масъалаҳои калонро ҳал кардан даркор.

**– Устод Айнӣ аз танқиди Шумо гила накарданд?**

– Рӯйирост гила накарданд. Аз ину он пурсиданду дар поёни суҳбат гуфтанд, ки «фақат, бо асобағал гаштанро ёд нагиред». Он лаҳза албатта, сарфаҳм нарафтам, ки ин гап чӣ маъно дорад. Баъдтар фаҳмидам, ки ҳикмати ин сухан ба гапи ҳар кас даромада, фаҳмидаю нофаҳмида, ба ҳар кор даст назаданро доштааст.

**– Дар мавриди як масъалаи дигар низ андешаи Шуморо фаҳмиданӣ будем. Чаро устод Айнӣ дар нисбати забони модариамон ду истилоҳ – «забони форсӣ» ва «забони тоҷикӣ»-ро истифода бурдаанд?**

– Албатта, то оғози солҳои 20-ум истилоҳи «адаби форсӣ», «забони форсӣ» маъмул буд. Бинобар ин, домулло Айнӣ ҳам дар навиштаҳояшон ин истилоҳҳоро истифода мебурданд. Баъде ки Ҳукумати Шӯро барқарор шуд, барои халқҳои Осиёи Миёна масъалаи тақсими ҳудуди миллӣ пеш омад ва пантуркистон соҳиби ҳудуди худ ва давлати худ гардидани тоҷиконро намехостанд. Даъвои онҳо ин буд, ки аз Рӯдакӣ то имрӯз, пештар дар ин ҷо забони форсӣ буд, ин моли эрониён аст, тоҷикон ба ин ҳақ надоранд, тоҷикон ҳамон ӯзбеконанд, ки бо таъсири эрониён ва мадрасаҳо забони худро гум кардаанд.

Домулло Айнӣ вақте ба таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» пардохтанд, бинобар зарурати сиёсии масъала, дидаву дониста, истилоҳи «забони тоҷикӣ»-ро истифода бурданд, ҳарчанд чун донандаи закии забону адаб медонистанд ва то ҳамин солҳо «забони форсӣ» мегуфтанду менавиштанд. Ҳамчунин, ба тазкира танҳо адибони Мовароннаҳрро дохил намуданд. Домулло Айнӣ бо ин таъкид намуданӣ буданд, ки тоҷикон мардуми бумии ин сарзамин ва соҳиби забону адабиёти худ ҳастанд.

Яъне, дар нисбати забони модарӣ истилоҳи «забони тоҷикӣ»-ро таъкидан истифода бурдани домулло Айнӣ сирф ғарази сиёсӣ дошт.

**– Дар рӯзҳои вопасини умри устод Айнӣ, ки бемор буданд, дидор надоштед?**

– Рӯзҳои охирини ҳаёти домулло Айнӣ, ки дарҳақиқат, бемори вазнин буданд, ростӣ, ба аёдаташон нарафтаам, намехостам, ки эшонро ташвиш диҳем.

**– Оё устод Айнӣ васият накардаанд, ки эшонро дар зодгоҳашон ба хок супоранд?**

– Дар бораи васияташон аз Камолиддин (Камол Айнӣ, писари устод Айнӣ.) пурсидан даркор. Соли 1949 домулло Айнӣ сафари Бухоро пеш гирифта буданд. Дар ин сафар Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Борис Кимёгаров ва чанд нафари дигар ҳамроҳи домулло Айнӣ буданд. Сотим Улуғзода дар очерки сафарномаи худ ҳикоя мекунад, ки устод Айнӣ чун ба Ғиждувон, ба деҳаи худ – деҳаи Соктаре омаданд, манзараҳои зебои он ҷоро аз назар гузаронида, бо нимовоз гуфтанд, ки «кас хок шавад, дар ин гуна ҷойҳо хок шавад». Ин суханони Устод, албатта, васият набуд, лекин ба ҳар ҳол, хоҳиши хок шудан дар зодгоҳи худро дар дил доштанд. Вале дар Боғи марказии пойтахти Тоҷикистон, ки он солҳо Сталинобод мегуфтанд, ба хок мондан ва минбаъд ба мақбараи алоҳидае дар Боғи имрӯзаи Айнӣ интиқол додани ҷасади домулло Айнӣ ташаббуси Бобоҷон Ғафуров буд.

Аслан домулло Айниро аз Самарқанд ба Душанбе, ба сифати президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон овардан ҳам кори Бобоҷон Ғафуров буд. Домулло Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ба ҳамдигар чунон ҳурмату эҳтиром доштанд, ки яке гапи дигарро намегардонидаанд.

**– Қабри устод Айниро чӣ хел интиқол доданд?**

– Домулло Айнӣ 16 июли соли 1954, дар як гӯшаи Боғи марказии пойтахт, ки «Қабристони қаҳрамонон» мегуфтанд, дафн шуданд. Ҷойи ин қабристон ҳоло ба маҷмааи Боғи Рӯдакӣ дохил шудааст.

Тибқи қарори ҳукумати ҷумҳурӣ, маросими ба боғи ҳозираи Айнӣ интиқол додани ҷасади Айнӣ 3 октябри соли 1960 баргузор гардид. Фарзандону хешу табори домулло Айниро даъват карданд, ёдам ҳаст, ки Камолиддин ҳузур надошт, дар сафари хидматӣ буд, ду духтари домулло Айнӣ буданд. Намояндагони расмӣ, котибони обкому райком, раиси шаҳр, роҳбарони Академияи илмҳо омаданд. Маросим шабона, баъди соатҳои 12, бо камодам шудани кӯчаҳову рафту омади мошинҳо шурӯъ гардид.

Маро вазифадор карданд, ки протоколро нависам. Боғ чароғон буд. Қабрро кушода, тобутро бароварданд. Ҷасади домулло Айнӣ то сари сина аз шишаи тобут менамуд. Дар сар тоқӣ, дар тан кител, гӯё, ки домулло Айнӣ зинда бошанд. Доктор Мансуров, ҳамин Ҳамид Мансуров, барои якчанд сол балзам кардагӣ будаанд. Ҳамон ҷо фаҳмидем, ки Мансуров майнаи домулло Айниро низ баркашида будааст, гуфтанд, ки аз майнаи Ленин вазнинтар аст. Лекин баъди расидани ҳаво, шишаи тобут арақ карду дида натавонистем. Акт тартиб дода, ба даруни як лӯлаи филизӣ гузоштанд. Баъд Вадуд Маҳмудӣ омаданду гуфтанд, ки як шеър навиштам, таърихи вафоту таърихи ана ҳамин воқеаро. Он шеърро ҳам дар даруни лӯлаи филизӣ монданд.

Сипас тобути домулло Айниро ба Боғи имрӯзаи Айнӣ бурда, зери мақбара, ки ҷойи калон будааст, гузоштанд. Лӯлаи филизиро низ дар паҳлӯйи тобут ҷой доданд. То қарибиҳои саҳар дар ҳамон ҷо будем.

Камолиддин, ки набуданд, хоҳиш намуданд, интиқоли қабри домулло Айниро батафсил нависам. Ман ҳамон вақт, ки ҳанӯз таассурот тоза буд, тафсилоти воқеаро навишта, баъд ба Камолиддин дода будам.

**– Дар маросими интиқоли қабри устод Айнӣ аз раҳбарони ҷумҳурӣ киҳо буданд?**

– Котиби СеКа (Кумитаи Марказӣ), албатта, будагист, калоншавандаҳои бисёр буданд, ман он вақт калонҳоро намешинохтам.

**– Дар кадом ҷашнатон Камолиддин Айнӣ ба Шумо ҷома пӯшонданд ва шӯхиомӯз гуфтанд, ки ҷомаи қарзро бармегардонам. Ин ишора ба ҳамон ҷомае буд, ки дар вақташ падаратон ба устод Айнӣ дода буданд?**

– Ҳамун-дия. Лекин домулло Айнӣ ҷомаи туҳфакардаи Садри Зиёро азиз медонистанд. Ҳар баҳор он ҷомаро аз сандуқ бароварда, офтоб медоданду боз ба таги сандуқ мегузоштанд. Камолиддин Айнӣ ба ман гуфта буданд, ки дар солҳои душворӣ устод Айнӣ маҷбур шуда буданд баъзе чизҳоро аз хона бароварда, фурӯшанд, аммо ҳар бор таъкид мекардаанд, ки он ҷома тасодуфан ба бозор наравад. Ҳангоми кушода шудани музейи домулло Айнӣ он ҷома чун нигораи таърихӣ овезон буд, ҳоло намедонам дар чӣ ҳол бошад.

**– Ба фикратон, аз устод Айнӣ ягон чизи чопнашуда мондааст, ё ҳама дастхатҳои устод чоп шуд?**

– Фикр мекунам, ки то имрӯз на ҳамаи дастхатҳои домулло Айнӣ чоп шудаву ба хонандагон дастрас гардидааст. Барои мисол. Шунида будам, ки домулло Айнӣ дар бораи Садри Зиё ба таври маълумотнома чанд саҳифа чизе навишта доранд. Аз музейи Айнӣ, пинҳонӣ аз Камолиддин, онро ба ман оварданд. Навишта бо забони ӯзбекӣ буд ва маълум мешавад, ки домулло Айнӣ ҷавобан ба саволҳои идораи ягон нашрия, дар бораи Садри Зиёву падарашу худашу китобхонаашон, якта-якта сарлавҳача монда, ҷавоб гуфтагӣ.

Онро тарҷума карда, дар ҳамон китоби «Садри Бухоро» чоп кардам. Лекин матни ӯзбекиаш, ба фикрам, чоп нашудааст. Чунин дастхатҳои домулло Айнӣ ҳоло боз будагист.

# АСТ

Мисоли дигар. Домулло Айнӣ солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон мақолаи калоне ба мисли «Маънои калимаи тоҷик», барои Бобоҷон Ғафуров навиштаанд. Дар ин мақола фикру андешаҳои домулло Айнӣ дар бораи таърихи халқи тоҷик ва муҳимтарин рӯйдодҳои он баён шуда буд. Ин мақолаи домулло Айнӣ ҳанӯз чоп нашудааст. Чун Бобоҷон Ғафуров соли 1947 «Мухтасари таърихи халқи тоҷик» ном китобе чоп кард, домулло Айнӣ тақриз навиштанд. Тахмин меравад, ки дар домулло Айнӣ, гӯё, ки асосҳои консепсияи таърихи иҷтимоӣ низ ҳаст. Ҳамон чизро ман аз Камолиддин пурсида будам, гуфт, ки ҳа, ҳаст. Ман гуфтам, ки агар бошад, чаро хоб кардааст, онро тайёр намуда, чоп кардан даркор. Лекин ҳанӯз натиҷа нест.

**– Омӯзиш ва интишори дастхатҳои устод Айнӣ танҳо ба писарашон – Камолиддин Айнӣ вобаста аст?**

– Бойгонии шахсии домулло Айнӣ дар дасти Камолиддин аст. Ӯ мутаассифона, ба дигарон роҳ надод, ки ба он бойгонӣ дохил шавад. Ман метарсам, ки бисёр дастхатҳои домулло Айнӣ бо мурури замон нохоно нашуда бошанд. Масалан, домулло Айнӣ одате доштанд, ки рӯзномаю маҷаллаҳои давриро дароз кашида мехонданд ва бо қалам дар ҳошия шеър ё мақоларо ислоҳ мекарданд ё мулоҳизаашонро бо хати форсиашон, ба қавли худашон хати безеби форсиашон, менавиштанд. Бар замми он, ки хати домулло Айниро на ҳар кас дуруст хонда метавонад, он бо қалам навишта шудаасту имкон дорад, рангаш дар ин чанд даҳсола парида бошад.

**– Магар ҳоло барои ба чоп омода намудани осори номатбӯи устод Айнӣ зарурат нест?**

– Албатта, зарурат ҳаст. Институти забон ва адабиёт вазифадор шуда буд, ба муносибати 130-солагии домулло Айнӣ китоби дуҷилдаи мақолаҳои забоншиносӣ ва адабиётшиносии Айниро омода ба чоп кунад.

**– Ба фикри Шумо, мо устод Айниро пурра шинохтаем ва ба таври зарурӣ қадршиносӣ намудаем?**

– Аз куҷо? Агар гӯем, ки одамони бо домулло Айнӣ ҳамроҳ коркардаю ӯро аз наздик мешинохта кам мондаанд, нисбати дигар бузургони миллат низ муносибат самимӣ нест. Масалан, дар бораи Бобоҷон Ғафуров, ки имсол дарвоқеъ, 100-сола мешаванд. Кори арзанда шуд, ки бо унвони Қаҳрамони Тоҷикистон қадр кардем. Вале бисёранд онҳое, ки бо Бобоҷон Ғафуров ҳамроҳ кор кардаанд, аз хидматҳои бесобиқаи ин шахсияти фарзона чаро намегӯянду наменависанд? Ҳол он ки Бобоҷон Ғафуров бар замми навиштани шоҳкитоби «Тоҷикон», халқи моро дар ҳамин замони осоиштаи шӯравӣ, аз порокандагию хавфи нестӣ наҷот доданд.

Як воқеаи шунидаамро, ки бофта нест, шояд дар архивҳои ҳизбӣ бошад, нақл кунам. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон, соли 1948 буд ба хаёлам, қарори Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Шӯравӣ дар бораи сохтмонҳои бузурги коммунизм баромад. Дар он қарор баробари бунёди Канали калони Волгаю Дон, якчанд ГЭС, сохтани иншооти азими Канали калони Туркманистон низ дар назар дошта шуда буд. Мақсад, бо роҳи қадимаи рӯди Ому то резишгоҳаш ба баҳри Каспий, канали калон ва тавассути оби канал обёрӣ намудани заминҳои дашт ба заминҳои пахтакорӣ табдил додани он будааст. Рӯзе вазири умури дохилаи Тоҷикистон, як марди рус, назди Бобоҷон Ғафуров – Котиби якуми КМ ҳизби коммунист, яъне роҳбари Тоҷикистон, даромада, супориши Берия дар бораи ба даштҳои Туркманистон сафарбар намудани қисми аҳолии Тоҷикистонро мерасонад. Гап сари кӯчонидани хешу табор ва авлоди онҳое, ки солҳои бистуму сиюм дар ҳаракати босмачигарӣ иштирок доштанд, мерафтааст. Мазмун, қарори КМ ҲК Тоҷикистонро бароварда, аз пайи супориши Маскав бояд шуд.

Бобоҷон Ғафуров ба вазири умури дохилӣ мегӯяд, ки мо ин корро намекунем. Вазир низ ин гапро ба Берия мерасонад. Рӯзи дигараш вазир ба қабули Берия даъват мешаваду аз Маскав барнамегардад. Пас аз 3-4 рӯзи ин воқеа Бобоҷон Ғафуровро Сталин ҷеғ мезанад. Бобоҷон Ғафуров ба пойтахти Шӯравӣ рафта, дар меҳмонхонаи «Москва» мунтазири даъвати Сталин мешавад. Рӯзи сеюм ҷавоне омада, Бобоҷон Ғафуровро пиёда аз Майдони Сурх гузаронида, ба кабинети Сталин мебарад. Бобоҷон Ғафуров ба кабинети Сталин ворид мешаваду салом медиҳад. Сталин, ки сари миз нишаста, чизе навишта истода будааст, сӯйи Ғафуров нигоҳ ҳам намекунад. Пас аз чанд дақиқа сарашро бардошта як дашноми русӣ мекунаду мегӯяд:

– Это с каких пор, ты не стал выполнять решение Политбюро?

– Товарищ Сталин, разрешите объяснить.

– Валяй!

Бобоҷон Ғафуров ба Сталин мефаҳмонад, ки дар бораи авфи босмачиҳои собиқ қарор баромада буд. Онҳое, ки дар Тоҷикистон ба ҳаракати босмачигарӣ алоқаманд буданд, ҳама дар ҳаёти осоиштаи созандагӣ пайвастанд, аз миёни онҳо бисёриҳо дар фронтҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон диловарӣ нишон дода, соҳиби ордену медалҳо шудаанд, бисёриҳо дар роҳи озодии Ватанамон каҳрамонона ҳалок гардиданд. Акнун мо чӣ хел ҳамон иштирокчиёни ҷанг ва хешу табори онҳоро ба тамғаи босмачӣ аз макону манзилашон кӯчонем? Дигар ин, ки ҳар касе, ки босмачӣ шуда буд, чанд бародару хоҳар, амаку тағо ва хешованди дигар дошт ва ҳар яке аз ин хешовандон чандин фарзанду набераву абера доштанд. Агар ҳамаи онҳоро аз Тоҷикистон бадарға кунем, дар Тоҷикистон кам одам мемонад ва ман нақшаи пахтаро бо кӣ иҷро мекунам?

Сталин гӯш кардаасту гӯшаки телефона бардошта, ба Берия фармудааст:

– Лаврентий Павлович, кажется, Гафуров прав, нужно отменить эту пункт решение Политбюро.

**– Бобоҷон Ғафуров ҳамон корҳои устод Айниро, ки дар солҳои 20-ум анҷом доданд, дар солҳои 40-ум идома додаанд...**

– Домулло Айнӣ пешвои маънавӣ буданд. Абдуқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Нусратулло Махсум пешвои сиёсии халқи мо гардиданд. Афсус, ки умрашон вафо накард, бо туҳмат ҳабс шуда, нобуд шуданд, аммо Бобоҷон Ғафуров даҳ сол котиби СеКа буданд, боз беш аз 20 сол дар Маскав, барои Тоҷикистону халқи тоҷик хидмат карданд.

**– Агар тамоми хидматҳои устод Айниро як сӯ ҳам гузорем, дар шароити солҳои 20-ум навишта шудани «Намунаи адабиёти тоҷик» магар кофӣ нест, ки устод Айнӣ дар сархати фарзонафарзандони миллат қарор дошта бошанд?**

– Бе шакку шубҳа. Абдуқодир Муҳиддинов, таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро маҳз ба домулло Айнӣ фармуда буд.

Имрӯз, дар ин шароити мусоиди худшиносӣ, воқеаву ҳодисаҳои гузаштаро баррасӣ намудан, ба онҳо баҳо додан, гоҳо ноҳақ танқид кардан осон шудааст. Лекин солҳои бистум, ки замони хеле ҳассос, айёми тақдирсози халқу миллатамон буд, барои домулло Айнӣ, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шотемур, Чинор Имомов осон набуд, ки ҷонашонро ба каф гирифта, ба корҳои таърихгардонӣ ва миллатсозӣ даст зананд.

Мусоҳибон
**Қироншоҳ ШАРИФЗОДА.**
**Пайванди ГУЛМУРОДЗОДА.**

**Бахшида ба 1100-солагии таълифи «Шоҳнома» ва 1000-солагии вафоти Абулқосим Фирдавсӣ**

# «БАРАФРОХТАМ АЗ НАЗМ КОХЕ БАЛАНД...»

*Ёдгоре, ки аз одамизод аст,*
*Сухан аст, он дигар ҳама бод аст!*
**(РӮДАКӢ).**



*Муҷассама ва музейи Ҳаким Фирдавсӣ дар Тӯс.*

Ҳақ бар ҷониби Одамушшуаро Рӯдакии бузургвор! Ҳазору сад сол қабл ба қудрату нерӯ, шукӯҳу шаҳомат, абадияту ҷовидонии сухан баҳои муносиб дода, минбаъд ба гуфтаҳо чизе афзуданро ба сухандонӣ муҳол гардонд. Лутфу марҳамати Парвардгор ба мардуми форсизабон беҳамтост, зеро ворисӣ чунин адабиёт, таърих, фарҳангу маънавиёти ғанӣ будан ба миллату халқияти ками дунё насиб гардидааст. Бо ибораи шарқшиноси маъруфи олмонӣ Т. Нёлдекс: «... дар олам миллате нест, ки дорои чунин ҳамоса бошад».

Хонандаи закӣ шояд пай бурда бошад, сухан дар бораи шоҳасаре, ки ба таълифи он зиёда аз ҳазор солу ба вафоти офарандааш имсол ҳазор сол пур мешавад, Фирдавсии накӯному «Шоҳнома»-и безаволи ӯ меравад.

Фирдавсӣ соли 932 дар деҳаи Божи вилояти Тӯси Эрон дар оилаи давлатманду заминдор ва ашрафзода ба дунё омад. Шароити хуби моддӣ имкон дод, ки ба таҳсили илмҳои гуногуни замон пардозад ва соҳиби маълумоти хубе гардад. Аз «Шоҳнома» пайдост, ки ӯ ғайр аз забони форсии модариаш, аз забонҳои арабӣ ва паҳлавӣ огоҳии комил доштааст. Адабиёти форсиву арабӣ, таърих, илоҳиёт, ҳикмат ва амсоли инҳоро хуб медонистааст. Ӯро ба унвони ифтихории «ҳаким» ёд кардан гувоҳи он аст, ки Фирдавсӣ то ба дараҷаи донишманди забардасте расидааст.

Фирдавсӣ низ чун дигар шоирон ибтидо бо навиштани шеър чун қитъа, рубоӣ, қасида ва ғазал эҷоди худро оғоз намудааст.

Вай дертар тасмим гирифт, ки бино ба қиссаву достонҳои таърихӣ нақлу ривоятҳои бостон асаре бинвисад. Дар натиҷаи заҳмати 20-сола (975-994) як асари бузургҳаҷму пурарзише арзи вуҷуд кард, ки онро шиносномаи халқҳои форсигӯ номидан мумкин аст. Вай қариб аз 50 подшоҳӣ иборат аст.

Дар боло ишора рафт, ки оилаи шоир давлатманду заминдоре буд, шароити хуби моддӣ дошт, вале шоир бо кори эҷодӣ банд шуд ва натавонист бо кори деҳқониву боғбонӣ машғул шавад. Аз ин рӯ заминҳо бекишт, боғҳо бенигоҳубин монданд, андозу хироҷҳо афзуд, як қисми замин ба фурӯш рафт, хоҷагидорӣ аз роҳ баромад. Ин ҳолати худро шоир ҳангоми навиштани достони Баҳроми Чӯбина хеле хуб тасвир кардааст.

(Баҳром дар шерҷанг омада, бар тахти оҷ нишаста, ба сар тоҷ ниҳода буд, аммо ношод буду парешонҳол). Байтҳо худ ба худ аз забони шоир берун омаданд, ӯ ба хона баргашта, онҳоро дар поёни қиссаи Баҳром, ҳам дар давоми он навишт.

Он аҳд замоне буд, ки дар саросари Мовароуннаҳру Хуросону Эрон давлати паҳновари Сомониён салтанат дошт. Дар ин қаламрав таваҷҷӯҳ ба гузаштаи пурифтихори халқ бештар буд, даъват ба ягонагии халқу мамлакат зарурати нигоҳ доштани давлати ягонаи мутамаркази форс, ҳимояи ватан аз истилои қувваҳои берунӣ зарурати навиштани як асари калонҳаҷмро тақозо мекард. Бинобар аъёну ашроф, ҳокимон ва амирони қаламрави Сомониён гирд овардани ахбори бостонро ҷонибдорӣ мекарданд. Фирдавсӣ чун шоири ватандӯст, барои ба манфиати халқ эҷод намудан камар баст, дар ин бора бо дӯстон маслиҳату машварат кард. Барои ба ин мақсад расидан ривоёту ҳикоёти бостонро, ки аз ватандӯстии гузаштагон шаҳодат медоданд, гирд овардану аз мадди назар гузарондан лозим буд. Ба ҳамин тариқ, Фирдавсӣ шоҳномаҳои мансуру манзум, худойномаҳои паҳлавӣ ва тарҷумаҳои арабии ин асарҳоро барои эҷоди «Шоҳнома» чун сарчашма истифода кард.

*Басе ранҷ бурдам дар ин соли сӣ,*
*Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.*

Ҳазор байти «Шоҳнома»-и Дақиқиро низ дар асари худ ҷой дод, дар оғози назми «Шоҳнома» аҳволи моддии ӯ каму беш беҳтар буд. Баъдтар вазъи иқтисодии рӯзгори шоир бад шудан гирифт, аз бузургони кишвар ба ҷуз «аҳсант»-и хушку холӣ чизе нарасид.

Фирдавсӣ таърихи шоҳаншоҳиро аз замони нахустин подшоҳ Каюмарс ба назм овард. Ба душвориҳои моддӣ эътибор надода, дар байни солҳои 992-994 «Шоҳнома»-ро ба анҷом расонд. Фирдавсии бузург пас аз сарсониву саргардониҳо соли 1020 вафот кард, яъне имсол ба вафоти ин шоири ватандӯст 1000 сол пур мешавад.

Султон Маҳмуд «Шоҳнома»-ро написандид, гумон надошт, ки кораш натиҷаи акс медиҳад. Кори султонро ҷуз чанд тан аз маддоҳонаш касе ҷонибдорӣ накард. Аз он замон то имрӯз дар байни халқ даҳҳо қиссаву ривоятҳо ба вуҷуд омаданд, ки аз ҳиммати баланди шоир ва беадолатии султон баҳс карда, некномии яке ва бадномии дувумиро абадӣ гардониданд. Як байт аз қитъаи Абдураҳмони Ҷомӣ, ки дар «Баҳористон» омадааст, далели ин гуфта аст:

*Бирафт шавкати Маҳмуду дар замин намонд,*
*Ҷуз ин фасона, ки нашнохт қадри Фирдавсӣ.*

Нақле ҳаст, ки Султон Маҳмуд пас аз фурӯ нишастани оташи ғазаби худ ва гузаштани чанд муддат аз кардааш пушаймон шуда, гӯё гуноҳи шоирро бахшида, ба вай шаст ҳазор тангаи тилло мефиристад, таваҷҷӯҳ кунед, ба ҳар як байт – як танга.

Шоири баор дар ҳолати назъ ҳадяро қабул накард. Ин байтро гуфт ва ҷон ба Офаридгор супурд:

*Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор,*
*Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор.*

Шоир дар фарҷоми умр гоҳ-гоҳ шоҳаншоҳи китобҳоро варақ зада, абёте ба он меафзуд, вале аз ин ки на танҳо 35 сол, балки тамоми умри бобаракату пуршӯри хешро ба назми «Шоҳнома» бахшидааст, ҳеч гоҳ пушаймон нашудааст. Баръакс ифтихор дошта, ки аз назм кохи баланде афрохтааст, ки аз боду борон газанде намеёбад:

*Биноҳои обод гардад хароб,*
*Зи борону аз тобиши офтоб.*
*Паяфкандам аз назм кохе баланд,*
*Ки аз боду борон наёбад газанд.*
*Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,*
*Ки тухми суханро парокандаам.*

**Иноят ҶӮРАЕВА.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# МАРДИ ДУРАНДЕШ



*Якеро, ки ном омад андар миён,*
*Ба некутарин ному наъташ бихон.*
**(САЪДӢ).**

Фасли поиз ҳукми худро меронд. Боғчаи наздидаричаи Давлатбоқии деҳқон бо вуҷуди сердарахтӣ лучу урён ба назар менамуд. Ҷӯйи канори боғ акнун бо лап-лапи оби пур ноз дошт, зеро дигар гиёҳони ҳулбӯю карафшу газна ва буттаҳои настарану мармиҷони сарсабз набуданд, ки онро дар зери баргу шохаҳои беҳисоб пинҳон кунанд. Оби лаболаби ҷӯй воду ҳадди боғро лесида, аз шуои офтоб симгун ҷилодеҳон, бо рақси бемайлон ба поин, ба самти боғи ҳамсоя ҷорӣ мешуд. Дар ин миён тамоми дарахтони боровар аз самари яксола сабукдӯш гардида, баргҳои худро рехта, то мағзи реша ба хобу ғанаби навбатӣ омодагӣ медиданд. Фақат як бех анори деҳқонбобо, ки онсӯтар аз ҷӯйи об, дар бағали пешайвони боҳаво ҷо хуш мекард, бо меваҳояш тафохур дошт. Равшан аз дасти хоҳараки дусолааш Умеда гирифта боз як бор бо ҳавас ниҳоли анорро давр зада гузашт ва ба назди падараш, ки охирин қитъаи заминро побел карда, дар канори замини сиёҳхок якпаҳлу дароз мекашид, омад.

– Додоҷон, меваҳои анорамон аз пухтани зиёд қоқ-қоқ шудаанд, – бо ноз ба китфи падар часпида гуфт ӯ, – кай мечинем?

Давлатбоқӣ сари ҷо нишаст ва ҳар ду духтарро ба оғӯш гирифта, сару китфи онҳоро молиду ба сухан омад:

– Медонӣ духтарам, як рӯзи нек ҳаст, ҳамаамон гирди ҳам менишинему меваҳоро нӯши ҷон мекунем. Ба ҳамаамон яктоӣ мерасад.

Чашмони Равшан дурахшиданд, бо хурсандӣ изҳор кард:

– Додоҷон, мо чор нафар апаю хоҳарем, шумою очаам ва момоҷонам Норгул – ҳамагӣ ҳафт кас! Дарахтамон бошад, ҳаштто анор дорад...

– Гуфтаниӣ, ки яке изофа аст? – падар духтаронро сахттар дар бағал фишурд ва нигоҳе ба пас, ба самти танӯрхона, ки дар он ҷо ҳамсараш бо вуҷуди вазнинпойӣ давуғеҷ дошт, андохту афзуд: – Он як анор барои меҳмони навамон!

Равшани заранг ҳам аз пайи нигоҳи падар ба ҷониби модари дуҷон чашм дӯхта беихтиёр ба ваҷд омад ва баргашту ду дасти нозуки худро ба гардани ӯ ҳалқа карда бо хушҳолӣ гуфт:

– Акнун фаҳмидам, ҳаштумаш насиби додарам аст!

– Аз забони ширинат гардам, духтарҷон! – бо меҳр аз руҳсори Равшан бӯса зад падар. – Меҳоҳӣ додардор шавӣ? Орзуи ману очаат низ ҳамин аст!

Он гуфтугӯ ва изҳори орзуҳои нек буду пас аз се рӯз, ба ҳисоби момои Норгул, шомгоҳони ҷумъаи муборак, 21-уми ҷумодиюлаввали соли 1380 (Мутобиқ бо 11-уми ноябри соли 1960) дараи Пишох бо садои гӯшгири навзод танинандоз гардид, овози ширини тифли тозаомада аз шаху харсангҳои таскои пушти манзили Давлатбоқию Иззатбону акси садо доду дилҳоро пур аз шодию фараҳ сохт. Дар ин ҳангом соҳиби хона меҳмон дошт, дӯстони ӯзбеки ӯ аз роҳи Фориш омада, дар манзилаш шаббош монда буданд, ки яке аз онҳо гуфт:

– Узоқ кутган ўғлинг дунёга келди, узоқ умр кўрсин, муборак бўлсин! Исмини Узоқбой қўй.

Давлатбоқӣ гӯё неруманду тавонотар гардида буд, иштиёқу алоқааш ба кору зиндагӣ бештар. Бо дили пур ба пешаҳои худ, ки нахуст сандуқдорӣ мекард ва баъдан котибии Шӯрои маҳаллиро ба уҳда дошт, машғул шуда, нақшаю барномаҳои нав меандешид. Ҳамроҳ бо ҳамсари заҳматпешаю кушодадили худ Иззатбону фарзандонро неку поку ороста ба камол мерасонданд. Ба вижа, ба нахустин писари худ, ки меваи расида пас аз интизориҳои тӯлонӣ буд, таваҷҷуҳи хосса доштанд.

Узоқбой моҳи сентябри соли шасту ҳаштум ба мактаб рафт. Бо зеҳни бурро ва ақли расои худ аълохон шуд. Дар тӯли мактабхонӣ доимо пешсаф буд, омӯзгорон пайваста аз ӯ таъриф мекарданд. Падару модар бо писари хушодобу аълохони худ меболиданду бо ифтихор сарболо мегаштанд. Бо вуҷуди ин, дили падар аз ӯ комилан пур набуд. Аз лоғарӣ ва нимҷонии Узоқбой нигарон мегашт. Орзу дошт писараш низ ба мисли худи ӯ ҷавони чорпаҳлу, гуштигир, ҷисмонан бақуввату обутобёфта бошад, аммо дар тӯли мактабхонии писар ба ин орзуяш нарасид.

Соли ҳаштодум дар канори садҳо нафар довталаб офтоби олами донишҷӯйӣ ба рӯйи Узоқбой низ хандид. Ӯ дувумин фарзанди деҳаи Эҷ буд, ки ба факултаи филологияи русии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил мешуд. Бо ҷидду ҷаҳд дар курсии донишҷӯйӣ илм омӯхт, асрори забону адабиёти русиро омӯхт, бо дониши хуб ва фаъолияти пешбарандаи ҷамоатӣ дар миёни ҳамдонишгоҳиён ба обрӯю иззат сазовор гашт. Айнан дар солҳои донишҷӯйӣ орзуи дерини падари бузургвор низ баровarda шуд. Дигар он Узоқбойи наҳифу нимҷон набуд, вақте ки дар таътилот ба деҳа меомад, хурду калон ба ӯ бо ҳавас менигаристанд. Дар канори донишандӯзӣ тамриноти муттасил дар толори варзишии донишгоҳ Узоқбойро ба ҷавони варзида, тануманд ва чобуку серҳаракат табдил дода буд. Ӯ ҳар гоҳ ба деҳа меомад, ғайричашмдошти қиблагоҳ, дар ҳама бозиҳои миллӣ, аз ҷумла, гуштӣ, ки намоиши асосии ҷашнҳои суннатӣ ба шумор мерафт, қувваозмоӣ мекард.

Пас аз хатми донишгоҳ дар соли ҳаштоду панҷум Узоқбой бо дипломи донишгоҳӣ ба зодгоҳи азиз баргашт. Ба падараш Давлатбоқӣ Муродов, ки он замон мудирияти ширкати пилладории совхозро ба уҳда дошт, изҳор намуд, ки мехоҳад ба шаҳр равад ва дар канори омӯзгорӣ ба пажӯҳишҳои илмӣ машғул шавад. Падар розӣ нашуд, дар асл, нахост нури дидаашро аз пеши худу оилааш дур созад. Гузашта аз ин, ба ҷойи худи ӯ, ки доимо бо кори давлат ба маъмуриятҳо мерафт, дастёре мисли писари калонӣ дар манзилаш лозим буд.

Ҳамин тавр, Узоқбойро мактаби деҳа ба оғӯш гирифт. Нахуст аз фанни забони русӣ ба омӯзгорӣ пардохт. Маҳз ба хотири донистани забони русӣ ва огоҳӣ аз сирру усули варзиш ва мудофиаи шаҳрвандӣ як сол баъд бо дастури мудирияти мактаб самти омӯзгориро ба тадриси фанни омодагии ҳарбӣ тағйир дод. Бо оғози ин фаъолият дарсҳои низомӣ дар мактаб ҷон гирифт, пайи ҳам шогирдони фориғуттаҳсили ӯ роҳи омӯзишгоҳҳои ҳарбиро интихоб намуданд. Аз ҷумла, Орифи Нурназар, Ҳилол Самадзода, Фурқати Нурназар, Лоиқи Абдуғанӣ, Мансури Халос бо дониши пухтаи низомӣ дар воҳидҳои низомии қувваҳои мусаллаҳи кишвар машғул ба хидмат шудаанд.

Соли 2005 ба ҳайси мудири мактаби рақами 43-юми Эҷ, ки яке аз калонтарин ва пешсафтарин мактабҳои деҳоти тоҷикнишини кӯҳпояи Нурато аст, баргузида шавад.

Мудири омили муассиса шудан кори саҳл нест. Инсони раҳбар гузашта аз роҳандозии корҳои ташкилоти худ мебояд шахси ибтикорварз бошад, мақому манзалати коргоҳи худро боло барад, дар ҷомеа ба обрӯю нуфуз сазовор гардад. Дар замони сарварии Узоқбой Муродов ҳисси масъулиятшиносии муаллимон боло рафт, чанд нафар ба унвонҳои волои омӯзгорӣ сарфароз шуданд, сафи донишомӯзоне, ки ба донишгоҳҳо дохил мешуданд, боз ҳам васеъ гардид. Аз ҳама муҳимтар, мардуми маҳаллӣ ба мактаб бештар меҳру муҳаббат варзиданд ва сатҳи забондонии бачаҳо боло рафт. Бар замми ин, шоистатарин коре, ки мудири мактаб анҷом дод, сохта шудани бинои нави муассиса аст, ки он баъд аз чанд даҳсола, бо тагурӯ кардани санадҳои зери чанг хобида муяссар гардид. Солҳои зиёд ҳам аҳли мактаб ва ҳам аҳли деҳа чандин бор ба шуъбаи таълим, ба ҳокимиятдории ноҳияву вилоят муроҷиат намуда буданд, вале ваъдаҳои хушку холӣ баён мешуду иморатҳои аз кор афтода ва тангу тори мавҷуд бо ҳоли пештара боқӣ мемонд. Узоқбой Муродов ин масъулиятро ба уҳда гирифт ва пас аз се соли қуфлу калиди талошҳо тавонист аз буҷаи давлат барои сохтмони нав маблағ ҷудо кунонад. Аз соли 2014 инҷониб донишомӯзони Эҷ низ дар бинои нави замонавӣ, дар синфхонаҳои кушоду равшан дониш меандӯзанд ва аз толори варзишии муҷаҳҳаз истифода мебаранд.

Узоқбой Муродовро аҳли деҳаи Эҷ ва деҳкадаҳои Сойхурду Симбулоқ якдилона ба унвони раиси маҳаллаи худ – «Каттасой» гумоштаанд. Мавсуф аз соли 2019 ҳамроҳ ва дӯш ба дӯши халқ аст, ба 1848 нафар ҷамъияти маҳалла, ки аз 402 оила таркиб ёфтааст, сарварӣ мекунад. Шиори ҳамешагии Узоқбой Муродов фароҳам овардани осоиши мудовими мардум, иттиҳод ва ҳамрайъии одамон, боло бурдани сатҳи зиндагӣ ва рифоҳи ҳамдеҳагон аст. Ӯ шабу рӯз бо ёди мушкилоту дардҳои мардум мегардад, вале хастагиро намедонад. Саъй дорад коре кунад, ки роҳҳо, манзилу боғҳо, гузарҳои деҳа обод бошанд, ҷавонони корчаллон аз деҳааш бештар ҷавона зананд, расму оинҳои миллӣ, забони модарӣ таҳкиму рушд ёбад, саодати рӯзгор поянда бимонад. Номи ӯ Узоқ аст, худаш дурбину дурандеш ва бо ин тинату вуҷуди беолоиш доимо ба мақсад мерасад...

**Юнуси ИМОМНАЗАР.**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ТОРИКӢ

(Аввалаш дар саҳ.5).

– Ба куштани дӯстдоштаат чӣ хел дастат рафт?

– Ба ӯ бовар мекардам. Аммо ӯ бо дӯсти наздикам ишқварзӣ мекардааст.

– Занатро не, бояд дӯстатро мекуштӣ.

– Аз ин ҷо бароям, дӯстамро низ мекушам.

– Забонам сӯзад, аз даҳон баромада рафт. Дигар ҳеч касро накуш. Ба Худо андоз, ба Худо.

– Ку ҳамон Худо?

– Бачем, тавба кардам гӯй. Худо бинанда ва донанда аст.

– Холаҷон, илтимос, як дона сигор.

– Ҳозир-ҳозир...

Садои пой оҳистаоҳиста дур шуд.

Дар рӯйи панҷара анкабуте ба ҳар сӯ давида тӯр мебофт.

Зиндонӣ нӯги по истода озодии берунро мисли ташнае, ки ба косаи оби сард нигоҳ мекунад, тамошо мекард.

Фурсате нагузашта дастони пӯсту устухоншуда се дона сигорро ба ӯ дароз кард:

– Ба туфайли ту гап фаҳмидам, аз ман дигар ҳеч чиз напурс, фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам, раҳмат, хола, дигар ҳеч чиз намепурсам.

Ҷорӯб ба сурудани суруди озодӣ идома дод:

– Хаш-хаш, хаш-хаш, хаш-хаш...

Маҳбус бетанаффус дуди сигорро фурӯ бурда, аз даҳону бинӣ чун аз даҳони мӯрӣ мебаровард. Таҳхона аз дуди кабудчатоб пур шуд. Як ришта нур дудро бурид ва дар нигоҳи қотил дуд мисли зани урён падидор гашт. Вай дурудароз ба нур чашм дӯхт. Торикиеро дид, ки нурро ба оҳистагӣ фурӯ мебурд. Ба умеди наҷот ба панҷара наздик шуд. Анкабут дар панҷара тӯри худро ғафстар бофта буд.

Аз ӯзбекӣ тарҷумаи
**С.БЕКНАЗАРОВА.**

## ҲИКМАТҲОИ ЗИНДАГӢ

### *ЗАРБУЛМАСАЛИ КИШВАРСОЗ*

Мардуми Ҷопон зарбулмасали ҷолибе дорад:

*«Ба хотири мехе*
*наъле афтод.*
*Ба хотири наъле*
*аспе афтод.*
*Ба хотири аспе*
*саворе афтод.*
*Ба хотири саворе*
*ҷанге шикаст хӯрд.*
*Ба хотири шикасте*
*мамлакате нобуд шуд.*
*Ҳамаи ин ҳолат аз*
*дасти касе рух дод,*
*ки мехро хуб*
*накӯбида буд».*

Дар ёд доред: ҳар кор, ҳатто хурд ҳам бошад, асари бузург бар ҷой мегузорад.

### *АШКИ РОЙГОН*

Араб саге дошт, ки дар ҳоли мурдан буд. Ӯ дар миёни роҳ нишаста, барои саг гиря мекард. Гадое аз он ҷо мегузашт, пурсид:

– Чаро гиря мекунӣ?

Гуфт:

– Саги вафодори ман пеши чашмам ҷон медиҳад. Он рӯзҳо бароям шикор мекард ва шабҳо нигаҳбонам буд.

Гадо пурсид:

– Бемории саг чист? Захм дорад?

Араб гуфт:

– Аз гуруснагӣ мемирад.

Чашми гадо ба халтаи пуру даҳанбастае афтод, ки дар паҳлӯи марди араб буд. Пурсид:

– Дар халта чӣ дорӣ?

– Нону ғизо барои хӯрдан.

– Чаро ба саг намедиҳӣ, то аз марг наҷот ёбад.

Посух дод:

– Нонро аз сагам бештар дӯст дорам. Барои нон ва ғизо бояд пул диҳам, вале ашк рехтан муфту бепул аст. Барои сагам, ҳар қадар ки хоҳад, гиря мекунам.

Гадо гуфт:

– Хок бар сарат! Ашк аз дил меояд, ба қимати ғам ба оби зулол бадал мешавад ва арзиши он аз нон бештар аст.

### *НОБЕЛ ВА ҶОИЗАИ СУЛҲ*

Алфред Нобел аз нафарони ангуштшуморе мебошад, ки дар замони зинда будан хабари маргашро дар рӯзнома хондааст. Замоне, ки бародараш Людвиг аз олам даргузашт, рӯзномаҳо иштибоҳан фикр карданд, ки Нобели маъруф, ихтироъкори динамит мурда. Алфред вақте субҳ рӯзномаҳоро мехонд, бо дидани титри саҳифаи аввал дар ҷояш мехкӯб шуд: «Алфред Нобел, даллоли марг ва ихтироъкори марговартарин силоҳи башарӣ мурд».

Ӯ аз хондани ин хабар хеле нороҳат шуд. Бо худ фикр кард: «Оё хуб аст, ки маро пас аз марг ин гуна бишносанд?» Зуд васиятномаашро овард, ҷумлаҳои зиёдеро хат заду ислоҳ кард. Пешниҳод намуд, ки сарваташ сарфи ҷоиза шавад.

Имрӯз Нобелро на бо ихтирои динамит, балки бо Ҷоизаи Нобел мешиносанд. Ба ибораи дигар, як қарор барои тағйири сарнавишт кофӣ аст.

Таҳияи **ВОРИС.**




## НИШОНАҲОИ ШАХСЕ, КИ ЭҲТИМОЛИ КАМБАҒАЛОНА УМР БА САР БУРДАН ДОРАД

□ Барвақт хестанро дӯст надорад...

□ Ба қадри имкон истироҳат карданро дӯст медорад...

□ Вай чунин мешуморад, ки одамони ҷасоратнок «ҷони худро барои пул» медиҳанд...

□ Реҷааш ҳамеша як хел аст: ошхона, ТВ, интернет, рӯйи кат...

□ Ҳамеша шикоят мекунад, ки музди ӯ кам аст...

□ Орзуҳояш монанди сарватманд, аммо саъй намекунад...

□ Ҳамеша ба касе такя мекунад...

□ Намехоҳад, ки худро шиканҷа диҳад...

□ Гапи дӯстдоштааш: «Бигзор он рӯз биёяд»...

□ Қарз гирифтанро дӯст дорад...

□ Ба ҳар кас моҳирона ақл меомӯзад ва худ амал намекунад...

□ Муҳимтар аз ҳама: вай бисёр дурӯғ мегӯяд...

Таҳияи **ЭРАҶ.**

*Хазинаи маърифат*

### АҚЛ ва БОАҚЛӢ

Шояд аз баъзеҳо боақлтар бошем, аммо на аз ҳама боақлтарем.

***

Ба фикри мо, боақл нафарест, ки чун мо фикр мекунад.

**Ла Рочефоколд).**

Боақл ҳам китоб ва ҳам ҳаётро мехонад.

**Лин Ютанг).**

Хубии волотарин бар одам, омӯзондани истифодаи ақл аст.

**(Молер)**

Ақле, ки ба ақли дигар такя накунад, фикр тавлид карда наметавонад.

**(Монтейгн).**

Ба боақлии касе эътироз накунед, муҳим он аст, ки кӯшиш бар он накунед, то боақлии худро ба дигарон бовар бикунонед.

**(Афлотун)**

Боақл нафарест, ки камбуди дигаронро мебинад ва дар ҳаққи худ ҳукм мекунад.

**(Публиюс Сирус).**

Таҳияи **ПАРВИН.**

## Фактҳои ҷолиби як филм

Ба саҳнавӣ шудани «Алибобо ва чиҳил роҳзан», ки киноэҷодкорони ӯзбек ва ҳинд таҳти ҳамкорӣ (коргардонҳо Латиф Файзиев ва Умед Меҳра) офаридаанд, чиҳил сол пур гашт.

Соли 1976 филмофарони ҳинд дар асоси ин афсонаи мардумии араб картина ба сурат бардоштанӣ буданд, вале ниятошон амалӣ нагашт. Баъд хостанд бо филмофарони шӯравӣ ҳамкорӣ кунанд, анъанаи коргардони маъруф Хоҷа Аҳмад Аббосро, ки ба собиқ Иттиҳод назари нек дошт ва якҷо бо русҳо «Афанасий Никитин»-ро офарида буд (номи дигари картина «Саёҳати се баҳр»), давом диҳанд.

Аз қаҳрамонҳои марказӣ Фотимаро Зинат Амон (актрисаи ҳиндустонӣ) ва Қосимро ҳунарпешаи ӯзбек Ёқуб Аҳмедов бозида бошанд, Алибобо ва Марҷонаро ситорагони Болливуд – Дҳармендра ва Ҳема Малинӣ ба иҷро расонданд.

Дар филм боз чеҳраи бароямон қадрдони Зикир Муҳаммадҷонов ва дигар ҳунарпешагони номварро мебинем. Дар «Алибобо ва чиҳил роҳзан» боз актёрони рус, арман, қирғиз, гурҷӣ ва ғайра нақш бозидаанд. Картина дар Ҳиндустон ва Иттиҳоди Шӯравӣ (Тошканд, Самарқанд, Душанбе) ба сурат бардошта шуд. Дар ҷашнвораи байналхалқии кино, ки дар шаҳри Душанбе ба амал омад, ба мукофот ноил гашт.

Филм соли 1980 6 моҳ пайваста дар кинотеатрҳои Ҳиндустон намоиш ёфт ва даромади калон овард. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ 52,8 миллион тамошобин ба кинотеатрҳо даромаданд.

Дар Италия, Полша, Фаронса ва дигар кишварҳо низ ба филм таваҷҷӯҳи калони тамошобинон зоҳир гашт.

**Ҳасанхон ОБИДҶОНОВ,**

*вилояти ФАРҒОНА.*




### Сабзии дарозтарин ва бузургтарин

*Сабзӣ рангу шаклҳои гуногун дорад. Онро метавон дар об пухт, бирён кард, дар зарфе «хобонд» ё дар ҳолати табиӣ истеъмол кард. 87 фоизи сабзиро об ташкил медиҳад. Сабзӣ қариб 2000 сол аст, ки парвариш меёбад. Муаррихон бар онанд, ки ватани сабзӣ Афғонистон аст. Қадимиён баргу тухми хушбӯйи сабзиро барои таом ва тайёр кардани гиёҳҳои давоӣ истифода бурдаанд. Ранги сабзиҳои аввалин сиёҳ, сафед, зард ва сурх будааст.*

*Сабзии сурхро, ки аксарият ба он унс гирифтаанд, олимони Ҳулланд ихтироъ намудаанд. Сабзии дарозтарин дар Британиёи Кабир парвариш карда шудааст. Дарозии он, ки ба Китоби рекордҳои Гиннес ворид шудааст, 6,245 метрро ташкил медод. Сабзии бузургтарине, ки 10,18 кг вазн дошт, рӯзгоре дар ИМА парвариш ёфтааст.*




### Қолибзании чӯбӣ

Дар асрҳои миёна нақшандозӣ ба газвор (қолибзанӣ) бо қолиби чӯбӣ сурат мегирифт. Устоёни моҳир ба рӯйи газвор тамғаҳои чӯбиро пахш карда, барои рӯшантар баромадани нақш, аз болояш бо болға мезадаанд.

Истилоҳҳои «Газвори қолибӣ», «Нақши қолибӣ» аз он рӯзгор ба ёдгор мондааст. Дар ибтидои асри XIX аз газворҳои нақши қолибӣ дӯхтани сарандоз, курта, юбка мӯд шудааст.

### Пайкарасозӣ бо сӯзан

Мо медонем, ки сӯзанҳои нахустинро дар Олмон тайёр кардаанд. Ин сӯзанҳо бо кӯмаки лупа аз пӯлод тайёр карда шудаанд. Дарозии онҳо 9-10 мм, диаметрашон 0,28 миллиметрро ташкил медиҳад.

Пайкарасози британиёӣ Йиллард Йиган бо истифода аз сӯзан ва донаи қаҳваи 2 миллиметрае, ки дар сӯрохии он меғунҷид, пайкараи Елизавета II-ро офаридааст.

### Аз таърихи дарзмол

Ҷавоб додан ба суоли «Дарзмоли аввалин кай пайдо шудааст?» осон нест. Дар баъзе манбаъҳо омадааст, ки таърихи дарзмол бо пайдо шудани дӯхтудӯз иртиботи ногусастанӣ дорад.

Дар қарни XVI дар Аврупо, барои дарзмол кардани ҷойҳои ғиҷимшудаи газвор, аз пластинкаҳои гарми оҳанин истифода бурдаанд. Бино ба маълумоти баъзе манбаъҳо, газворро ба чӯби силиндршакл печонда, ғиҷимҳояшро таҳти фишори тахтаи лайси вазнин бартараф намудаанд. Дарзмолҳои нахустинеро, ки аз металли вазнин сохта мешуданд, танҳо мардон кор фармуда метавонистанд. Барои дарзмол кардани либос аз «гавка»-ҳо — шишаи обпуркардашуда ё истаконҳои оҳанин истифода бурдаанд.

Нахустин дарзмолҳои оҳанин дертар пайдо шудаанд. Дарзмолҳои аввалин қимати баланд доштаанд. Вақте меҳмонон меомаданд, мизбонони доро дарзмолҳои оҳанинро якҷо бо самоворҳо ба намоиш мегузоштанд. Дар хонадон вуҷуд доштани ин гуна дарзмол далели серупур зиндагӣ кардани соҳибхона буд.

**Бино ба матолиби Интернет ва ВАО таҳия гардид.**

## ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

*Эй Ҳофизи Шерозӣ,*
*Ту кошифи ҳар розӣ.*



Пӯшида нест, ки ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо бахшида ба рӯҳи «Лисон-ул-ғайб» Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазали интихобкардааш мезанад ва бинобар он розҷӯӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Мӯниси ҷон» задем ва онро ҳамроҳ бо шарҳи фолаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.

### Мӯниси ҷон

То сари зулфи ту дар дасти насим афтодаст,
Дили савдозада аз ғусса дуним афтодаст.
Чашми ҷодуи ту худ айни саводи сеҳр аст,
Лекин ин ҳаст, ки ин нусха сақим афтодаст.
Дар хами зулфи ту он холи сияҳ донӣ, чист?
Нуқтаи дуда, ки дар ҳалқаи ҷим афтодаст.
Зулфи мушкини ту дар гулшани фирдавси узор
Чист? Товус, ки дар боғи наим афтодаст.
Дили ман аз ҳаваси бӯйи ту, эй мӯниси ҷон,
Хоки роҳест, ки дар пойи насим афтодаст.
Ҳофизи гумшударо бо ғамат, эй ҷони азиз,
Иттиҳодест, ки дар аҳди қадим афтодаст.

Набояд ба завоҳир дил баст ва бояд ботини афрод ва масоилро дар назар дошт. Вақте рафиқе шафиқ ё ёри дилсӯз дорӣ, набояд ӯро биранҷонӣ, хубиҳоеро, ки дар ҳаққат мешавад, набояд ба дасти фаромӯшӣ бисупорӣ ва бар ту воҷиб аст, ки қадри муҳаббати атрофиёнатро бидонӣ.

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

*Рангоранг*

## ҲАМФАМИЛИЯҲО

Амон Мухтор Асқад Мухторро бо миннатдорӣ ёд меовард ва мегуфт аввалин маҷмӯаи шеъру ҳикоётам маҳз бо дастгирии маънавии шодравон Асқадака рӯйи чоп дидаанд. Имрӯз Амонака низ дар қайди ҳаёт нест...

Бародарбузург (ака) надоштам, бинобар ҳамин, Асқад Мухторро ака мегуфтам, мисле бародарбузурги воқеии ман буд вай, мегуфт Амон Мухтор.

Ҳамномҳо якдигарро «адаш» ҳамном мегӯянд. Адибони зикршуда, ки ҳамфамилия (Мухторов) буданд, низ якдигарро адаш меномиданд.

Як вақтҳо Асқад Мухтор дар маҷаллаи адабии «Шарқ юлдузи» сармуҳаррирӣ мекард. Баъдтар Амон Мухтор ба нашри зикршуда сармуҳаррир таъин шуд, яъне курсиеро, ки бародархондаш нишаста буд, «ишғол» намуд.

Равуои оилавӣ доштанд – ҳамсари ҳарду адиб мисле апаву хоҳар. Апаву хоҳаре, ки як хел ном доранд: Розия. Як хел фамилия низ – Мухторова. Хуллас, ҳарду ҳам Розия Мухторова...

Замонҳое ба хонаи адибону журналистҳо, ки ба газетаву журнал ва нашриётҳои гуногун робита доранд, хаткашонҳо хабарнома оиди ҳақи қалам меоварданд. Аҳли қалам ба идораи почта рафта, бо нишон додан ва расмӣ сохтани хабарнома гонорар мегирифтанд, ки кироӣ буд. Онҳое, ки бештар навишта ва гонорари калон мегиранд, бой ҳисобида ва фаровон зиндагӣ мекарданд.

Нақл мекунанд, ҳатто Ғафур Ғулом барин адиби машҳур ва аз нигоҳи моддӣ таъмин, вақте ба идораи радиои ҷумҳурӣ омад ва шеъру ҳикоёт сабт кунонд, «чӣ қадар гонорар мондӣ?» – мепурсид аз ходими шуъбаи адабиёт.

Асқад Мухтор ва Амон Мухтор аз адибони сермаҳсул буданд ва табиист, ки чун дигар эҷодкорон ба гонорар таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд. Аммо ҳамфамилия будан «мураккабӣ» низ доштааст: ҳисобчиёни газетаву журналҳо баъзан Асқадака ва Амонакаро иваз сохта, ба яке тааллуқ доштани ҳақи қаламро ба дувумӣ навишта мефиристоданд.

Дар ин гуна ҳолатҳо Асқад Мухтор механдид ва мегуфт:

– Маро назар ба Амон бештар мешиносанд ва зиёдтар гонорар менависанд. Мабодо ҳақи ӯ ба ман гузашта бошад, ҷойи афсӯс. Лекин гонорари ман иштибоҳан ба дасти Амон расад, ман сад ҷаҳон розӣ. Вай, охир, додари худам!

**Ш.МУҲАММАД.**

*КАТИБАҲО*

## ЭЙ, КИ БАР РӮЙИ ЗАМИНӢ,...

*Мард он ки барои номуси халқ,*
*Бо бешу ками ҷаҳон ситезад.*
*Он ҷо, ки бирехт хуни нофаш,*
*Бояст, ки хуни дил бирезад...*

**(Катибаи «Дар болор»-и Лоик).**

Катиба дар фарҳанги забони тоҷикӣ ҳамчун: «навиштае, ки дар санг ё кошин нақшшуда, дар болои дар ё тоқи иморат шинондашуда бошад» тавзеҳ шудааст.

Катибаҳо як намуди илму фарҳанги халқ буда, баъзеашон ба воқеаҳои таърих мансубанд, баъзеи дигар ба панду андарз ва одобу ахлоқи ниёгон, қисми дигар барои пос доштани хотираи бузургон истифода шудаанд. Бархе аз катибаҳо ба аҳамияти хоси таърихӣ моликанд. Дар онҳо соли таваллуд ва вафоти шахсони бузург бо ҳисоби абҷад бо солшумории ҳиҷрии қамарӣ ифода гардидаанд.

Дар китоби машҳур ва рӯйимизии мо «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров дар бораи катиба чунин сатрҳоро мехонем: «... Барои ҳарчи пурратар тасаввур намудани санъати асри XVI чунин навъҳои касбу ҳунари амалӣ, мисли кандакории рӯйи санг ва чӯбро низ бояд зикр кард. Дар ин соҳа комёбии устодони асри XVI хеле назаррас аст. Сангҳои сершумори рӯйи қабр дар маҷмӯи иморати номбурдаи Чорбакр аз намунаҳои барҷастаи ҳунари кандакории он давр маҳсуб меёбад. Ин сангҳо бо катиба ва нақшу нигор ороиш ёфта, гӯшаҳои он ба шакли сутунча дароварда шудааст. Баъзе сангҳои рӯйи қабр ба худ шакли хурди мақбараи қуббадорро гирифтаанд. Беҳтарин намунаҳои кандакории рӯйи чӯб ҳаккокии сақфи Масҷиди Баланд, дари чанде аз мадрасаҳо ва ғайра мебошад» (ниг.Бобоҷон Ғафуров, «Тоҷикон», китоби дуюм. Душанбе. Нашриёти «Ирфон», 1985. Саҳ.50).

Олими шинохтаи тоҷик, муаррих Аҳрор Мухторов дар омӯзиши катибаҳо хидмати назаррас карда, дар ин ҷода якчанд асар ҳам навиштааст, ки яке аз онҳо «Санг ҳам диле дорад» (Душанбе. Нашриёти «Ирфон», 1986) ном дорад.

Инак, чанд намуна аз катибаҳое, ки дар сари турбати шахсиятҳои маъруф ҳаккокӣ шудаанд.

Катибаи оромгоҳи Фирдавсӣ дар Тӯс:

**«Ба номи худованди ҷону хирад.**

**Ин макони фархунда оромгоҳи устоди гӯяндагони форсизабон ва сароядаи достонҳои қаҳрамонӣ Ҳаким Абулқосим Фирдавсии Тӯсӣ аст, ки суханони ӯ ҷонбахши миллат ва мазори ӯ дар дили мардуми ин сарзамин ҷовидон аст.**

**Таърихи таваллуд 323 (934) – 411 (1020).**

***Намирам аз ин пас ки ман зиндаам,***
***Ки тухми суханро парокандаам».***

Катибаи оромгоҳи Саъдӣ дар Шероз:

***Эй, ки бар рӯйи заминӣ, ҳама вақт***
***они ту нест,***
***Дигарон дар шиками модару пушти***
***падаранд.***
***Саъдиё марди накӯном намирад ҳаргиз,***
***Мурда он аст, ки номаш ба накӯӣ***
***набаранд.***

Катибаи рӯйи оромгоҳи Рӯдакӣ дар Рӯдаки Панҷакент:

***Ҳар кӣ наомӯхт аз гузашти рӯзгор,***
***Ҳеч н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.***

Катибаи болои оромгоҳи Ҷомӣ дар Ҳирот:

**«... Товуси рӯҳи муқаддас, анқои кофи лоҳут,шоҳбози баландпарвози авҷи ҷабарут, маҳбити анвори қидам, кошифи асрори улуми ҳикам, маснаднишини каъбаи олимақомӣ, булбули хушоҳанги баҳористони баландномӣ, орифи номӣ ва қутби кíромӣ Мавлоно нур-ул-ҳаққи в-ал-миллат в-ад-дин Абдураҳмон ал-Ҷомӣ».**

Катибаи болои оромгоҳи Ҳилолӣ дар Ҳирот:

**«Ин қабри мунаввари бадр-ал-миллат в-ад-дин Ҳилолии Ҷағатоӣ-ал-Ҳиравӣ ашшоир. Таърихи вафот 936 ҳиҷрӣ (1529-1530)**

**Ин қатраи хун чист ба рӯйи ту Ҳилолӣ?**
**Гӯё, ки дил аз ғусса ба рӯйи ту дамида».**

Катибаи оромгоҳи Навоӣ дар Ҳирот:

**Ҷаноби Амири ҳидоятпаноҳӣ,**
**Ки зоҳир аз ӯ гашт осори раҳмат.**
**Шуд аз хорзори ҷаҳон сӯйи боғе,**
**Ки он ҷо шукуфтаст гулзори раҳмат.**
**Чу нозил шуд анвори раҳмат ба рӯҳаш,**
**Биҷӯ соли фавташ зи «анвори раҳмат».**

Иборан «анвори раҳмат» моддаи таърих буда, аз он соли 906 ҳиҷрӣ (1500-1501) ҳосил мешавад.

Катибаи оромгоҳи Бобур дар Ҳирот:

***«Подшоҳе, к-аз ҷабинаш тофтӣ нури***
***илоҳ,***
***Он Заҳириддин Муҳаммад буд***
***Бобурподшоҳ.***
***Бо шукӯҳу давлату иқболу адлу***
***доду дин,***
***Дошт аз тавфиқу файзу фатҳу фирӯзӣ***
***сипоҳ,***
***Олами аҷсомро бигрифту шуд***
***равшанравон,***
***Баҳри фатҳи олами арвоҳ чун нури нигоҳ.***
***Шуд чун фирдавсаш макон,***
***ризвонзамин таърих ҷуст,***
***Гуфтамаш «фирдавс доим ҷойи***
***Бобурподшоҳ».***

Иборан «фирдавс доим ҷойи Бобурподшоҳ» моддаи таърих буда, аз он соли вафоти Бобур – 935 (1530) ҳосил мегардад.

Катибаи оромгоҳи Ҷонибек дар деҳаи Порашти ноҳияи Фориш:

***Баъди мурдан нишони мо сухан аст,***
***Оташи корвони мо сухан аст.***

Таснифи **Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1035 Адади нашр 653 ҳаҷм 4 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 6

Ҳисоби сурати мо дар бонк:
Х/С 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.20

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.